АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВИ АМИТ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 1 (091):14
ТКБ: 87.3 (2)
К-26

КАРИМОВА СУМАЯ РУСТАМОВНА

ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102- Таърихи фалсафа

Роҳбари илмӣ:
Шамсов Муборакшо Саловудинович
номзади илмҳои фалсафа

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯйии ихтисораҳо.....3

Муқаддима.....4-9

Тавсифи умумии таҳқиқот.....10-17

БОБИ 1. ЗИНДАГӢ ВА АНДЕШАҲОИ ДИНИЮ ФАЛСАФИИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

1.1. Зиндагӣ ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ.....18-43

1.2. Заминаҳои ғоявии ташаккули таълимоти динӣ-фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ 43-56

Боби 2. АНДЕШАИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ҲАСТИШИНОСӢ ВА МАЪРИФАТШИНОСӢ

2.1. Таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ доир ба ҳастишиносӣ 57-80

2.2. Масъалаҳои гносеологӣ дар таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ.....81-99

БОБИ 3. АҚИДАҲОИ АХЛОҚӢ, ЗЕБОИШИНОСӢ ВА ИНСОНПАРВАРОНАИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

3.1. Таълимоти ахлоқӣ ва зебоишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ...100-123

3.2. Андешаҳои Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи инсон.....123-147

Хулоса.....148-154

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаиҳои таҳқиқот.....155-156

Рӯйхати адабиёт.....157-172

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.....172-173

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

ВАО – Васоити ахбори омма;

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ;

СММ – Созмони милали муттаҳид

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии ҳаракати ислоҳотхоҳии садаҳои XIX-XX-и ҷаҳони мусулмонӣ, ба вижа Афғонистон Салоҳиддини Салҷуқӣ (1896–1970) ҷойгоҳи хос дорад ва нақши ӯ дар рушди фалсафаи Афғонистони садаи XX ҳамчун шахсияти фаъоли ҷамъиятӣ, ислоҳгар ва файласуф муассир аст. Салҷуқӣ тавассути фаъолияти илмӣ ва адабии худ муборизаи халқиятҳои Афғонистон ва инчунин кишварҳои ҳамҷавор, ба муқобили низоми мустамликадориро таҷассум ва дастгирӣ намуда, тавассути андешаҳои ирфонӣ ва ахлоқии худ масоили миллию сиёсии замонашро низ баррасӣ кардааст. Ӯ маорифро абзори мубориза бо ҷаҳолат, мазҳабгароии ифротӣ ва таассуб медонист ва таҳкими шуури миллӣ ва бедории маънавии мардумони Афғонистонро воситаи раҳоии инсону ҷомеа аз нобаробариҳо мешумурд.

Бо вуҷуди саҳми арзандаи Салҷуқӣ дар таҳаввули афкори замони худ, андешаҳои ӯ то имрӯз дар фазои илмии форсизабон, ба вижа дар фалсафаи муосир мавриди таҳқиқи бонизом қарор нагирифтааст. То ба имрӯз, ки ҳанӯз ҷаҳони мусулмонӣ, ба хусус Афғонистон бо сабаби таназзули иҷтисодӣ, иҷтимоӣ зери қудратҳои ҷаҳонӣ қарор дорад, бинобар ин зарурати бознигарӣ ва омӯзиши амиқи мероси фалсафии ӯ ба миён омадааст. Илова бар ин дар ҷаҳоне, ки бо буҳронҳои ахлоқию маънавӣ ва таназзули арзишҳо рӯ ба рӯст, бознигарии андешаҳои файласуфоне чун Салҷуқӣ аз аҳмият холӣ нест.

Ҳамзамон, афкори фалсафӣ, аҳлоқӣ ва эстетикии Салҷуқӣ дар таълиму тарбияи ҳам халқи Афғонистон ва ҳам кишварҳои ҳамвҷавор, ки сатҳи таассуби динӣ ва хурофот то ҳанӯз баланд аст, метавонанд таъсири мусбат дошта бошанд. Ҷаҳонбинии ӯ барои рушди қобилияту малакаҳои зеҳнию ақлонӣ, тарбияи равонию ахлоқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ метавонад мусоидат намоянд. Дар заминаи омӯзишу таҳқиқи афкори фалсафии ӯ метавон насли наврасу ҷавононро барои аз вартаи ҷангу

парешонӣ, адовату хусумати динию мазҳабӣ ва ифротгароӣ, ки то ба имрӯз дар Аафғонистон ва баъзе кишварҳои ҳамҷавори он дар ҳолати ривоҷёбӣ қарор доранд ва барои қудратҳои ҷаҳонӣ ба макони таъсиси гуруҳҳои экстремистӣ-террористии динӣ табдил ёфтаанд, раҳо ёфтан роҳнамоӣ кунад.

Ҳамзамон дар афкори фалсафии Салҷуқӣ хусусияти сулҳофарӣ ва ваҳдати миллӣ, ки муҳимтарин шарти бақои давлатдории миллӣ ба шумор меравад, равшан мушоҳида мешавад ва он метавонад барои рушду тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии натанҳо ин сарзамини куҳан, ки ватани даҳҳо абармардони майдони илму фарҳанги ҷаҳонгири тоҷику форс мебошанд, ҳамчунин кишварҳои ҳамҷавор ба ҳайси як методологияи идеологӣ хизмат карда метавонад. Хулоса дар афкори адабию фалсафии ин мутафаккири маорифпарвару равшанфикр бисёр масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ, маърифатӣ, динӣ ва ахлоқӣ, ки аз даврони зуҳури тамаддун то имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, инъикос ёфта, роҳҳои ҳалли онҳо низ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ки арзиш ва мубрамияти таҳқиқи мавзуъро меафзояд.

Дар ниҳоят як нуктаи муҳимро бояд ёдовар шуд, ки Афғонистон имрӯз ба яке аз марказҳои тарғиби ақидаҳои ифротгароии ҷараёнҳои сиёсӣ-динии исломӣ, ба мисли Салафия, Ансол-уллоҳ ва ғайра табдил ёфтааст. Салафия ба мазҳаби ҳанафия ва исмоилия, ки пайравонашон шаҳрвандони Афғонистону Покистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, ихтилофӣ зиёд дорад.

Андешаҳои Салқуқӣ дар бораи ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ, зебоишиносӣ ва афкори ахлоқии ӯ арзишу аҳаммияти умумибашарӣ доранд. Бинобар он коркарди таълимоти фалсафии Салҷуқӣ барои мардумони ин кишварҳо низ аз аҳамият холӣ нест. Алалхусус, дар шароити кунунӣ, ки Афғонистон ва мардуми шарифи он зери ҳокимияти сиёсӣ-динию Толибон қарор доранд ва хатари экстремизму терроризм ва мафкураи ифротгароӣ аз ин мамлакат ба кишварҳои ҳамҷавори он

таҳдид карда истодааст, шиносоӣ бо афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ на танҳо барои ҷавонон ҳамчунин барои ҳаркадом шаҳрванди ин кишвар арзёбӣ мегардад, зеро афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ шаҳрвандонро метавонад дар руҳияи инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, дӯстию рафоқат, илмпарварию меҳнатдӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон тарбия менамояд. Таълимоти фалсафии ӯ дар заминаи сарчашмаҳои исломӣ ва афкори мутафаккирони Шарқу Ғарб симои маънавию ахлоқии инсони комилро дарёфта, онро дар осори худ тасвир кардааст. Дар осори ӯ фалсафа бо дин, ақл бо имон ва ҷисм бо маънавиёт на дар ҷангу набард, балки дар ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ баён ёфтааст. Кимиёи саодат ва рушду бақои ҳаёти моддию маънавии инсон ва ҷомеаро мутафаккир дар мутавозину ҳамоҳанг сохтани қобилияту истеъдоди нерӯҳои аслии инсонӣ бо ниёзҳо ва ормонҳои иҷтимоӣ мебинад. Ҷойи таассуф аст, ки чунин андешаҳои илман асоснок ва мазмунан ҷолиб, ки дорои аҳамияти баланди тарбиявию ахлоқӣ мебошанд, то кунун на дар Афғонистон ва на дар хориҷ аз ҷониби муҳаққиқону пажӯҳишгарон ба таври амиқу маҷмуавӣ омӯхта нашудааст. Аз ин хотир, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки таълимоти фалсафии Салҷуқиро аз назари таърихӣ-фалсафӣ таҳқиқ карда, ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ ва ахлоқию эстетикии онро баррасӣ намуда, аҳамияти илмию амалии консепсияи фалсафии мутафаккирро ҳамчун як сарчашмаи муфиди илмию амалӣ барои таълиму тарбияи шоистаи насли ҷавон, умуман нишон диҳад, зеро аз нигоҳи ӯ, таълимоти фалсафии Салҷуқӣ воситаи маънавии муҳими муқовимат бо мафкураи ифротгароӣ мебошанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Мероси илмӣ ва адабии Салҷуқӣ чуноне ки дар боло зикр гардид, берун аз марзи Афғонистон кам таҳқиқ шудааст. Вале андешаҳои фалсафии ӯ аз ҷониби олимон ва донишмандони тоҷик хеле нокифоя мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Олимон ва мутафаккирони Ғарбу Шарқ, ки бо мероси эҷодии Салҷуқӣ шинос ҳастанд, аз ҷумла, муҳаққиққони мисрӣ, ба мисли Мансури Фаҳмӣ [86], Муҳаммад Шавкат ал-Тунӣ [109], Маҳмуд абу Райя [90] ва дигарҳо, ба шахсияти ӯ ҳамчун олим, шоир ва мутафаккир баҳои баланд додаанд. Олимони номбурда бо Салҷуқӣ, ҳангоме, ки ӯ дар Миср ҳамчун сафир адои хизмат мекард, шахсан шиносоӣ доштанд. Дар Миср Салоҳуддини Салҷуқӣ бо забони арабӣ чандин китобу мақолаҳо таълиф намуд ва дар муддати кӯтоҳ дар доираҳои илмии Миср ба шахси муътабар ва обрӯманд табдил ёфт. Аз ин рӯ, олимони мазкур бо осори Салҷуқӣ ошноӣ доштанд ва ӯро ҳамчун файласуф, маорифпарвар, олим, адабиётшинос, сиёсатмадор таърифу тавсиф менамуданд.

Ба осори фалсафию адабии Салҷуқӣ олимони эронӣ низ таваҷҷуҳ кардаанд. Донишмандоне чун Бобак Аҳмадӣ [61], Басири Аҳмад Давлатободӣ [55], Муҳаммад Тақии Мисбоҳ Яздӣ [100], Муртазо Мутаҳҳарӣ [96], Парвиз Марзбон [119], Муҳаммад Ҳусайни Таботабоӣ [106], Насири Фуқуҳӣ [115] ва дигарон ба эҷодиёти Салҷуқӣ баҳои баланд дода, аз андешаҳои ӯ дар таҳқиқоташон иқтибос овардаанд.

Эҷодиёти илмию адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ аз мадди назари олимону муҳаққиқони Шуравӣ ва муосири русу тоҷик берун мондааст. Аммо, дар осори теъдоде аз муаррихони русу тоҷики садаи XX номи ӯ дар радифи маорифпарварону донишмандони бузурги Афғонистон зикр шудааст. Дар байни онҳо асарҳои Р.Т. Ахрамович [52], С.Б. Панин [118], Л.Б. Теплинский [139], К. Карло [81], Х.Н. Назаров [112] ва дигаронро метавон зикр кард.

Донишмандони маъруфи Афғонистон аз ҷумла, Халилуллоҳ Халиллӣ [147], Муҳаммад Ҳусайни Вафо [102], Ғулом Ҳабиб Навобӣ [64], Муҳаммад Шавкат Алтунӣ [109], Шер Муҳаммади Насирӣ [166], Тахмос Азизи Осуда [138], Саид Козими Раштӣ [120], Холмуҳаммади Хаста [148], Шокир Ғулом Умар [167] ва дигарон ба назарияҳои ӯ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, махсусан фалсафӣ, мурочиат намуда, ба фикру ақидаҳои ӯ

баҳои баланд додаанд. Алалхусус, дар мақолаҳои Раҳмуллоҳи Ризоӣ «Бергсон ва Салоҳуддини Салҷуқӣ», Башорат Ансорӣ «Лоиҳаи нашри афкор ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ», Қайюм Башир «Ёддоштҳо аз Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳамчун файласуф, нависанда, шоир ва дипломат», инчунин мақолаҳои Мир Ғулом Муҳаммади Ғубор «Шахсият ва мавқеи муаллим ва доктор», Ҳафиз Саҳро «Шахсияти бузурги илмӣ», ки бо забони пашту таълиф шудаанд ва дар як маҷмуа бо номи «Саввумин солгарди вафот» нашр шудаанд, оид ба аҳвол ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ маълумоти қолибе мавҷуд аст.

Дар матбуоти даврии Афғонистон низ олимону рӯзноманигорон вобаста ба зиндагинома, афкор ва осори Салҷуқӣ мақолаҳои зиёди илмӣ ба табъ расонидаанд. Масалан, монографияи муҳаққиқи афғонистонӣ Ғулом Ҳабиб Навобӣ «Салҷуқӣ нависандаи барҷаста», инчунин маҷмуаи мақолаҳои конфронси илмӣ бахшида ба осори Салҷуқӣ таҳти унвони «Устод Салоҳуддин Салҷуқӣ – мутафаккири оянда»-ро метавон зикр кард. Дар маъхазҳои зикршуда баъзе масъалаҳои алоқаманди мавзуи кори диссертатсионии мо мухтасар зикр шудаанд.

Аз асарҳои илмии ба аҳвол ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ бахшидашуда рисолаи номзадии Обида Бежан Салҷуқӣ [181] таҳти унвони «Таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи инсон»-ро, махсусан бояд қайд кард. Дар он муаллиф мақом ва нақши Салоҳуддини Салҷуқиро дар афкори ҷамъиятию фалсафии Афғонистон нишон дода, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва мероси илмию адабии мутафаккирро мухтасар шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ин асар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи моҳияту табиати иҷтимоии инсон нисбатан амиқ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф муносибати мутафаккирро бо консепсияҳои фалсафӣ перомуни инсон муайян карда, андешаҳои ӯро дар бораи ҳастӣ ва табиати иҷтимоии мафҳуми озодӣ, қазову қадар, ҳадафҳо, мазмуни ҳаёт ва рисолати инсон дар ҷомеа шарҳу тавзеҳ дода, таълимоти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии Салоҳуддини Салҷуқиро ба қадри тавон таҳқиқ

намудааст. Лекин дар мавзуи мавриди назари мо таваҷҷуҳи хос накардааст, зеро мақсад ва мароми таҳқиқоти диссертатсионии ӯ мушаххас ба масъалаи инсон нигаронида шудааст.

Умуман, Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳамчун мутафаккир, олим, адиби ислоҳхоҳ ҳудуди 34 асар ва беш аз 200 мақола навиштааст, ки то кунун ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд. Осори пургановати Салоҳуддини Салҷуқӣ, бо назардошти мазмуни инсонгароию инсонпарварӣ ва маорифпарваронааш, сазовори таҳқиқоти бештар, васеътар ва мукаммалтар мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мо як қадами навбатӣ дар ин самт арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки бо вуҷуди аз ҷониби баъзе муҳаққиқон таҳқиқ гардидани мероси илмию адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ вале таълимоти фалсафии ӯ дар боби ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва зебоишиносию ахлоқ то ҳанӯз ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ба хусус аз ҷониби муҳаққиқон он мафҳумҳои фалсафие, ки ҳангоми баёни андешаҳои фалсафии хеш Салҷуқӣ истифода кардааст, ба тарзи кофӣ арзёбӣ нагардидаанд. Ҳол он ки мафҳуму андешаҳои наве, ки Салҷуқӣ дар боби ҳастишиносӣ, гносеология, аҳлоқу зебоишиносӣ истифода ва баён кардааст, барои ислоҳи ҳаёти иҷтимоию маънавии ҷомеа аҳамияти хос доранд. Бинобар он, мо масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, инсоншиносӣ ва зебоишиносии инсонро дар таълимоти фалсафии Салҷуқӣ мавриди баррасӣ қарор додем.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи ҷанбаҳои гуногуни барномаҳои давлатии марбут ба соҳаи фарҳанг ва дар ин замина амалӣ кардани сиёсати фарҳангии кишвар дар давраи истиқлол, аз ҷумла «Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015»/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010, № 322; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021- 8 2025»/Ќарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №253; «Барномаи

давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №115; «Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ барои солҳои 2021-2025»/Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №206 ва ғайра, инчунин мавзуи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ зери унвони «Масъалҳои методологии таҳқиқи афкори фалсафӣ, ахлоқӣ-иҷтимоӣ ва тасвири олам дар осори мутафаккирони тоҷик» барои солҳои 2022-2026 (№ 3408/24-225 0121TJ1287) мавриди иҷро қарор гирифтааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мувофиқи талаботи бахши тавсифи умумии таҳқиқот тасмим гирифта шуд, ки мақсади таҳқиқот муайян карда шуда, дар заминаи он вазифаҳои иҷрошаванда мушаххас гардонида шаванд. Объекту предмет, марҳилаю макон ва доираи таърихии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда вобаста ба тамоюлгирии мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ дақиқ нишонрас карда шудааст. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи таҳияи таҳқиқот мушаххас нишон дода шуда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, баромаду гузоришҳои довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ки диссертант бевосита иштирок ва маъруза кардааст, бо зикри макон ва соли баргузорӣ дарҷ гардидааст. Ҳамзамон, дар ин қисмати кор теъдоди интишороти диссертант аз рӯйи мавзуи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр 4 расидаанд, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва шумораи адабиёти истифодашуда нишон дода мешавад.

Мақсади таҳқиқот. Аз ҷиҳати назариявӣ омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ.

Дар заминаи амалӣ кардани ҳадафи гузошташуда дар таҳқиқи мавзуъ диссертант иҷрои **вазифаҳои зерин**и таҳқиқоти муҳим мешуморад:

- тавсифи умумии замони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- шарҳи вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- муайян кардан ва шарҳ додани заминаҳои ғоявию фарҳангии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- баррасии андешаҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии Салҷуқӣ;

- таҳқиқи андешаҳои ҳастишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- таҳлилу арзёбии фалсафаи гносеологии Салҷуқӣ;

- тавзеҳи масъалаҳои антропологӣ дар таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- муайян кардани мақом ва нақши таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар таърихи афкори ҷамъиятию фалсафии Афғонистон ва таъсири он ба афкори иҷтимоию фалсафии ҷаҳони ислом.

Объекти таҳқиқот. Омӯзиш ва таҳқиқи осори фалсафӣ-илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: Андешаҳои фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ доир ба ҳастӣ, маърифат, зебоишиносӣ ва мақоми инсон дар ҷомеа.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Интихоби мавзуъ, омӯзиш ва ҷамъоварии мавод, ҷо ба ҷо гузорӣ ва коркарди он ҷиҳати омода кардани диссертатсия аз соли 2021 дар шуъбаи таърихи фалсафаи ИФС-и ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ шурӯъ гашта, соли 2026 ба анҷом расонида шуд. Мувофиқ ба талабот ва фарогирии ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ доираи таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси фалсафӣ ва илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ,

муайян намудани хусусиятҳои ҷаҳонбинии фалсафӣ ва саҳми ӯ дар рушди афкори илмӣ-фалсафии давраи худ.

Асосҳои назариявии таҳқиқот: Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти илмие ташкил медиҳад, ки дар осори файласуфони Ғарб ва Шарқ зиёд ба чашм мерасад. Ҳангоми пажӯҳиш ва арзёбии масъалаҳои таҳқиқшаванда, таҳлили андешаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва антропологии Салоҳуддин Салҷуқӣ аз усулҳои анъанавии умумиилмии фалсафӣ, ба мисли усули диалектикӣ, таърихӣ, феноменологӣ, герменевтикӣ, интиқодӣ ва дигар усулҳои илмию мантиқӣ истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти: Асосҳои методологии таҳқиқотро пажӯҳиш бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалии бадастории донишҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои гуногуни мантиқӣ ва илмӣ, ба монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва таркиби мавод, баъзан унсурҳои герменевтика ва ғайра ташкил додааст.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ба воситаи маълумоти дар асоси омӯзиши афкор ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ ва омӯхтани афкори фалсафии мутафаккирони Юнони қадим ва Шарқу Ғарб, ки самтҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ, эстетикӣ ва ахлоқии афкори фалсафиро таҳқиқ кардаанд, ташкил медиҳанд. Инчунин ҳамарӯза истифодаи воситаҳои гуногуни инноватсионӣ дар раванди корҳои таҳқиқотӣ дар ҷараёни омӯзиши афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ ва натиҷаи онҳо таҳлилу баррасӣ шуда, тавассути гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо мутахассисони соҳа, ки ба таҳқиқи афкори фалсафӣ машғул мебошанд, сурат гирифтанд. Илова бар ин таҳлил намудани афкори файласуфони ватанию хориҷӣ дар бораи андешҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ ва эстетикии Салоҳуддини Салҷуқӣ заминаҳои эмпирикии таҳқиқот мебошанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсияи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» дар заминаи шуъбаи таърихи фалсафаи ИФС-и ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ба анҷом расонида шуд. Дар баробари ин, пойгоҳи таҳқиқоти мазкурро сарчашмаҳои муътамади илмӣ, асарҳои таълифкардаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба мавзуи баррасишаванда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот: Дар кори диссертатсионии мавриди назар навгонии таҳқиқ чунин ифода шудааст:

- ошкор карда шуд, ки он афкори фалсафии файласуфони Юнони қадим, махсусан Афлотуну Арасту, навафлотуния, инчунин машшоияи шарқӣ, калом, ирфони исломӣ, ишроқ, фалсафаи классикии немис, ислоҳотхоҳони мусулмон ва таълимоти баъзе намояндагони фалсафаи замони нави Ғарб ҳамчун сарчашмаи ғоявии ташаккули афкори фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ хизмат намудаанд;

- муайян карда шуд, ки Салҷуқӣ дар баҳси масъалаҳои ҳастӣ мавқеи устувор надорад ва аз дидгоҳҳои мактабҳои гуногуни фалсафӣ ба он таваҷҷуҳ намудааст;

- исбот карда шуд, ки Салҷуқӣ дар масъалаҳои маърифатӣ навгӯиҳо дорад ва маърифати ирфониро дар радифи дигар шаклҳои маърифат баррасӣ намудааст;

- мушаххас карда шуд, ки Салҷуқӣ инкишофу пешрафти ҳаёти иҷтимоиро дар таносуби шуури ахлоқиву эстетикӣ мебинад ва ба ин мавзӯъ сирф ба диди ақлонӣ таваҷҷуҳ менамояд;

- асоснок карда шуд, ки Салҷуқӣ ҳарчанд масъалаи инсонро дар заминаи таълимоти мактабҳои фалсафии классикӣ баррасӣ менамояд, аммо бо диди нав ба он бархӯрд намуда, низоми нави мантиқӣ маърифати моҳияти инсонро ҳамчун субъекти созанда пешниҳод мекунад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Осори фалсафӣ ва ахлоқии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар замони муосир аҳаммияте фаротар аз ҳудуди таърихӣ ва миллӣ доранд. Зеро вай кӯшиш мекунад, ки миёни инсон ва олам дар заминаи донишҳои фалсафӣ муносибати амиқи маърифатӣ барқарор намояд. Ӯ ба ин масъала бо услуби мантиқию таҳлилӣ ва дидгоҳи ирфонӣ таваҷҷуҳ намудааст, ки мураккабу печида мебошад. Мутафаккир дар масъалаи таносуби ҳастии инсон ва камолоти маънавии ӯ таҳти таъсири мактабҳои фалсафии машшоия, муътазила, калом, ирфон ва ғайра қарор гирифтааст.

2. Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ бо такя ба афкори файласуфони Шарқу Ғарб шакл гирифтааст. Салоҳуддини Салҷуқӣ аз таълимоти файласуфоне чун Суқрот, Афлотун, Арасту, Фаробӣ, Ибни Сино, Ибни Арабӣ, Декарт, Кант, Гегел, Бергсон ва дигар файласуфони маъруф таъсир пазируфта, дар ин замина андешаҳои фалсафии хешро ироа намудааст. Бархе аз ҷанбаҳои амалии вуҷуд ва воқеияти инсони муосир, аз ҷумла арзиши амал, нерӯи офаридгории инсон ва ҷойгоҳи гуманизм дар низоми фалсафаи муосир аз ҷониби ин донишманд мавриди таҳқиқи мустақил қарор гирифтаанд.

3. Баррасии фазилатҳои этикӣ ва эстетикӣ дар осори Салоҳуддини Салҷуқӣ мавриди таваҷҷуҳи мутафаккир қарор дошта, назари хоси таҳлилӣ ва интиқодии ӯро нисбат ба ин масоил такмил додаанд. Андешаҳои ӯ дар ин самт таҳти таъсири таълимоти файласуфони гуногун ба вуҷуд омада, фазилатҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии ӯ аз нигоҳи динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ баррасӣ шудаанд ва зарурияти таҳқиқи онро ба миён меоранд.

4. Бояд гуфт, ки баъзе масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ ва маърифатшиносии Салҷуқӣ аз таснифоти мутафаккирони гузашта фарқ мекунад. Консепсияи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии ӯ якчанд масъалаҳои калидиро фаро гирифтааст, ки моҳияти чизҳо, сабабият, қонуният, шаклҳои дониш, ҳақиқат ва амсоли онҳо аз он ҷумлаанд.

Аҳамияти назариявӣ таҳқиқот. Омӯзиши ҳаёту фаъолият, эҷодиёт, мерос ва ҷаҳонбинии фалсафии маорифпарвари Афғонистон Салоҳуддини Салҷуқӣ дар баррасӣ ва равшан сохтани масоили назариявии афкори фалсафии мутафаккир мусоидат хоҳад кард. Инчунин омӯзиши таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дорои аҳаммияти назариявӣ буда, истифодаи ғояҳои ахлоқӣ ва тарбиявии ӯ дар низоми таълим ва тарбияи муосир метавонад барои ташаккули шахсияти комил, баланд бардоштани маърифати маънавӣ ва таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот: Маводи матраҳшуда метавонад барои донишмандон, докторантон, донишҷӯён ва пажӯҳишгарони соҳаи таърихи фалсафа дар омӯзиши афкори илмию фалсафии Салҷуқӣ кӯмак расонад. Илова ба ин, кори диссертатсионӣ аҳамияти сарчашмашиносӣ низ дорад, зеро баъзе маводи таҳқиқот бо забони тоҷикӣ бори аввал мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо ташкил ва гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши афкори илмию фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ ва чорабиниҳои гуногуни таълимию фалсафӣ дар муассисаҳои таълимию таҳқиқотӣ муайян карда мешавад. Дурустии диссертатсияро натиҷаҳои аз раванди корҳои тадқиқотӣ, ки дар асоси баррасию таҳлили афкори мутафаккирони барҷастаи соҳаи фалсафа, аз ҷумла, Арасту, Афлотун, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Арабӣ ва бешубҳа, Салоҳуддини Салҷуқӣ ба даст омадаанд, тасдиқ менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа мутобиқат мекунад.

Саҳми шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми диссертант дар ин таҳқиқот дар муайян намудани ҳадаф, предмету объекти таҳқиқ, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии

таҳқиқот мушаххас мегардад. Дар раванди таҳқиқот довталаб кӯшиш намудааст, то масъалаҳои мазкурро дар пояи методологияи фалсафӣ ва илмӣ таҳқиқ намуда, масъалаҳои ҳастӣ, маърифат ва инсоншиносиро таҳлил намояд. Ҳамзамон саҳми бевоситаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба воситаи интишори мақолаҳои илмӣ дар бораи мавзуи кор ва баромадҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ баён шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад захираи мавҷудаи тақҳиқоти фалсафиро пурра намоянд ва барои муҳаққиқони таърихи фалсафа муфид бошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Кори диссертатсионӣ дорои нуқтаҳои муҳимме мебошад, ки дар ҷаласаҳо ва семинарҳои Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии АМИТ баррасӣ шудаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар мақолаҳои ба нашр расида дар маҷаллаҳои илмӣ ва маърузаву суханрониҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар гузориш ва баромадҳои зерини муаллиф дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва маҷаллаҳои илмии тақризшаванда инъикос гардидаанд:

- Каримова С.Р. Ҳаёту фаъолият ва асарҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №4. – С.142-145.

- Каримова С.Р. Андешаҳои инсоншиносии Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С.163-167.

- Каримова С.Р. Мақоми иҷтимоии ахлоқии инсон аз назари Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – №4. – С.134-139.

- Шамсов М.С., Каримова С.Р. Назарияи маърифат дар осори Салоҳуддин Салҷуқӣ // М.С., Шамсов, С.Р., Каримова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2024. – №8. – С.94-99.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддининови АМИТ (суратҷаласаи № 3 аз 21 феврал соли 2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонида дар доираи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Матни диссертатсия аз 173 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

БОБИ 1. ЗИНДАГӢ ВА АНДЕШАҲОИ ДИНИЮ ФАЛСАФИИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

1.1. Зиндагӣ ва осори Салоҳуддини Салҷуқӣ

Салоҳуддини Салҷуқӣ яке аз чеҳраҳои шинохтаи илму фарҳанги Афғонистон дар нимаи аввали садаи ХХ маҳсуб меёбад. Шахсияти ӯ дар инкишофу густариши илму маърифат, рушду такомули рӯзноманигорӣ, театр ва ҷунбишҳои ислоҳотталабона ҷойгоҳи хоси фарҳангӣ пайдо намуда, дар тафаккури ҷомеаи ин кишвар ҳамчун симои фарҳангӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ соли 1896 дар шаҳри Ҳирот – яке аз марказҳои таърихии тамаддуни Хуросон – дар хонадони аҳли илму маърифат чашм ба олам кушод. Падараш, Сироҷуддин Салҷуқӣ, аз олимони шинохтаи замонаш буд. Модараш, Оишахотун, зани босавод ва фарҳангпарваре буд, ки муҳити хонаводагиро бо рӯҳи маънавӣ ва ислоҳгарона ғанӣ мекард. Дар чунин муҳити бомаърифат Салҷуқӣ тарбият ёфта аз овони кӯдакӣ алоқамандии амиқе ба донишу маърифат зоҳир менамуд. Дар синни 12–13-солагӣ алакай аломатҳои истеъдоди фарқкунанда дар ӯ падидор гашта буданд. Дар ибтидо шогирди Мавлавӣ Ғулом Мустафо гардид ва сипас, таҳти сарпарастии бародари ӯ Муҳаммад Умар ба таҳсили амиқтари улуми шаръӣ ва адабӣ пардохт. Сипас, таҳсилро дар мадрасаи Низомияи Ҳирот идома дод ва дар он ҷо ба унвони баландмартабаи «Шайх-ул-ислом ва-л- муслимин» мушарраф гардид. Ин унвон дар он давр нишонаи нуфуз ва шинохти илмии фақеҳон ва мутафаккирон ба ҳисоб мерафт.

Муҳаммад Умар дар Салоҳуддин нишонаҳои истеъдодро мушоҳида мекунад ва мефаҳмад, ки ӯ аз уҳдаи кори таълим хуб баромада метавонад, ба ӯ дастур медиҳад, ки ба шогидони дигар дарс диҳад. Дарсҳои устодаш Муҳаммад Умар, бахусус аз фанҳои фалсафа ва мантиқ ба Салҷуқӣ нафъи калон оварда. Аз ин рӯ, вай зикр мекунад: «Беҳтарин устоди ман Мавлавӣ Муҳаммад Умар дар шаҳри Ҳирот ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул буд. Ман, ки хурдсолтарин шогирди ӯ ба шумор мерафтам, ба тадриҷ дарёфтам, ки пас аз Мавлоно Ҷомӣ дар Ҳирот олими

дигаре бо сатҳи дониш, тафаккур ва нуфузи илмии монанди ӯ пайдо нашудааст. Агар Мавлоно Ҷомӣ 52 асари арзишмандӣ илмӣ аз худ ба ҷой гузошта бошад, Мавлавӣ Муҳаммад Умар Салҷуқӣ 62 асари илмиро таълиф намудааст, ки ин нишони тавонмандии фикрӣ ва ҷустуҷӯҳои илмии ӯст. Ман аз ин устоди гиромиқадрам нафъи зиёде бардоштам ва ҳамеша талош варзидаам, то андӯхтаҳои ӯро дар амал татбиқ намоям» [126, с. 34].

Салҷуқӣ аз хурдӣ шавқу рағбати беандоза ба илм дошт, ки ин ҳавас асосан аз таълиму тарбияи падару модар ва роҳнамоиҳои устодони ӯ маншаъ мегирифт ва ҳамчун заминаи пойдор барои густариши фаъолиятҳои илмӣ ва маърифатии ӯ хизмат намуд.

Салҷуқӣ бар иловаи донишҳои исломӣ дар омӯхтани забонҳои хориҷӣ низ тавоноии назаррас нишон дод. Ӯ забонҳои арабӣ, форсӣ, урду, англисӣ, фаронсавӣ ва олмониро ба дараҷаи мукаммал омӯхт, ки ин худ далели доираи васеи таҳқиқ ва назари фаромиллӣ доштани ӯст.

Ӯ ба омӯзгорӣ низ аз синни ҷавонӣ рӯй оварда, солҳои зиёд дар муассисаҳои маъруфи таълимии Кобул, ба мисли мадрасаи Ҳабибия, Омонӣ ва Истиқлол, ба тадрис машғул буд. Ин даргоҳҳои маърифатӣ, на танҳо маркази таълиму тарбияи муосир, балки маҳалли парвариши насли нави мутафаккирони Афғонистон ба ҳисоб мерафтанд. Салҷуқӣ бо забони шевои худ ва огоҳии амиқ аз таърих, адабиёт ва фалсафа, миёни шогирдону аҳли илм ҳамчун омӯзгори илҳомбахшу мураббии маънавӣ шинохта шуд.

Фаъолияти Салҷуқӣ танҳо ба мадрасаҳо маҳдуд намегардад. Ӯ ҳамчунин рӯзноманигор низ фаъолият намуда, ба сифати муҳаррир ва мудири нашрияҳои «Иттифоқи Ислом» ва «Фарёд» дар Ҳирот хидмат мекард. Ин нашрияҳо зери сарпарастии Вазорати маорифи Афғонистон амал намуда, муҳити зиёии ҷомеаро бо ғояҳои пешрафта, ҳувияти миллӣ ва эҳёи фарҳанги исломӣ муҷаҳҳаз месохтанд.

Яке аз муҳимтарин ташаббусҳои фарҳангии ӯ таъсиси «Клуби адабии Ҳирот» соли 1929 буд. Ин клуб ҳамчун нахустин ташкилоти

адабии мураттаб дар Ҳирот шинохта мешуд, ки дар он зиёиён, адибон ва файласуфон гирд омада, баҳсҳои илмӣ, муаррифии осори нав ва таҳлилҳои адабӣ роҳандозӣ мекарданд. Салҷуқӣ дар ин майдон низ ҳамчун раҳнамо ва мураттиби равандҳои навини андешавӣ хидмат менамуд.

Ҷанбаи ҷолиби дигари фаъолияти Салҷуқӣ робитаи ӯ бо санъати театр буд. Вай дар Ҳирот ва Кобул аввалин саҳнаҳо, драммаҳои иҷтимоӣ ва таърихиро ташкил ва роҳандозӣ намуд. Ӯ яке аз чеҳраҳоест, ки дар Афғонистон театрро ҳамчун омили тарбияи иҷтимоӣ ва бедории фикрӣ дар ҷомеаи исломии он замон шинохт ва таблиғ кард. Ҳамин шуҷоат ва навпардозии ӯ буд, ки театр ҳамчун падидаи нав дар фазои фарҳангии Афғонистон ҷойгоҳи хос пайдо кард.

Бояд зикр кард, ки нақши Салоҳуддини Салҷуқӣ дар арсаи сиёсат ва идораҳои давлатӣ, фарҳангу маориф қобили таваҷҷуҳ ва омӯзиш аст. Ӯ аз зумраи он шахсиятҳои, илмест, ки дар саҳнаи иҷтимоиву сиёсӣ низ мавқеи намоён дошта, дар ташаккули идораҳои давлатӣ, дипломатияи фарҳангӣ ва рушди равобити хориҷии Афғонистон нақши муассир бозидааст.

Фаъолияти расмии давлатӣ ва маъмурии Салҷуқӣ соли 1923 бо таъйин шуданаш ба мақоми муфтӣ ва мудири маорифи шаҳри Ҳирот, ки ҳанӯз 27 сол дошт, оғоз ёфт. Дар ин мақом ӯ бо равиши таҳаммулгароёна талош кард, то омӯзишро ба як воситаи ислоҳи иҷтимоӣ табдил диҳад. Рушди муассисаҳои таълимӣ, таҳияи барномаҳои муосири дарсӣ ва тарбияи кадрҳои илмиву омӯзгорӣ аз ҷумлаи дастовардҳои даврaи мудириати ӯ маҳсуб меёфтанд.

Пас аз ин марҳила, Салҷуқӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун шахсияти маъруфи фарҳангӣ ва сиёсӣ шинохта шуд. Ӯ ба ҳайси мудири матбуот ва масъули минбари хориҷии Афғонистон таъйин гардид. Дар ин мақом ӯ роҳбарии нашрияҳои давлатии марбут ба сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи фарҳангиро бар дӯш гирифт. Андаке, ба

сифати консули Афғонистон дар шаҳрҳои Бомбей ва Деҳлӣ ва мушовири сиёсӣ дар Карочӣ адои вазифа намуд. Ин вазифаҳо имконият доданд, то бо муҳитҳои фарҳангии Ҳиндустон ва ҷаҳони ислом дар иртибот бошад ва доираи назари сиёсию фалсафии худро густариш диҳад.

Ӯ соли 1939 ба мақоми раиси шуъбаи матбуот таъйин гардид. Пас аз муддате, соли 1940 радиои миллии Кобул таъсис ёфт ва масъулияти мудирияти он бар дӯши ӯ гузошта шуд. Радио ҳамчун василаи нави иртиботи оммавӣ нақши муассире дар бедории миллӣ ва густариши фарҳанг дар кишвар бозид. Салҷуқӣ дар ташаккулу бунёди он ва таҳияи барномаҳои тарбиявӣ, адабӣ ва иттилоотӣ саҳми хоссае дошт.

Фаъолияти дипломатии ӯ дар марҳилаи авҷи таҷрибаи сиёсӣ ва фарҳангиаш ба солҳои 1954 то 1962 рост меояд. Дар ин давра, ӯ ба сифати сафири фавқулодда ва мухтори Афғонистон дар Миср, Кувайт, Судон, Лубнон ва Юнон хидмат кард. Дар Миср, ки маркази афкори араб ва исломӣ маҳсуб мешуд, ӯ бо унвони эҳтиромии «Малик-ус-суфаро» (подшоҳи сафирон) муаррифӣ гардид, ки нишонае аз эътирофи мартабаи баланди фарҳангӣ ва сиёсӣ доштани ӯ буд. Ҳамчунин ба узвияти Иҷтимои мураттаб, як маҷмааи илмиву адабии кишварҳои араб пазируфта шуд.

Пас аз анҷоми рисолатҳои сиёсӣ, Салҷуқӣ дар соли 1962 ба Кобул баргашт ва вазифаҳои расмии давлатиро тарк намуда, худро ба фаъолияти илмӣ бахшид. Аз ин пас тамоми нерӯи худро ба таҳқиқ, таълиф ва таблиғи илм ва фалсафа равона сохт. Ӯ то охири умр ба навиштани китоб, таҳияи мақола ва тарбияти насли нав машғул буд.

Мероси илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ хеле пуразриш аст. Ӯ муаллифи 34 китоб ва зиёда аз 200 мақола мебошад, ки дар онҳо мавзуҳои гуногуне, аз қабили фалсафа, ахлоқ, забоншиносӣ, табиатшиносӣ ва таърих мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

«**Афкори шоир**» ин китоб аз 187 саҳифа иборат буда, соли 1947 дар Кобул нашр шудааст ва ба шарҳу таҳлили ашъори шоирони бузург

бахшида шудааст. Бояд қайд намуд, ки ин китоби Салҷуқӣ бо хоҳиши олимони зиёди афғон рӯйи чоп омадааст. Дар ин бора худи ӯ менависад: «Дар бораи «Афкори шоир» каме навишта будам, шояд аз ман суол кунанд, ки чаро ин гуна навиштед? Оё шумо шеъри навиштаи шоирро дар мавҷи эҳсосотӣ гузошта, дар бораи ҳадаф ва андешаҳои ӯ менависед? Вале, ман мехоҳам бар ҷавонон муроҷиат кунам, ки шеър ин на танҳо қофия аст, шеър ин фалсафа аст! Шеър бояд барангезанда ва андешаангез бошад. Тафсир ва тавзеҳи ашъори рамзиро бо умеде оғоз кардам, ки ин ба ҷавонони мо таконе бахшад ва ба ин васила онҳоро аз шеърҳое, ки ба сукут мекашанд ва аз олами ботинию рӯҳонӣ, аз муҳити табиии зисташон ҷудо мегардонанд, дур созад. Агар дар шеър андешаҳо дода шавад, пас ин андешаҳо аз сарчашмаи воло сурат мегирад ва маҳз ин андешаҳо болоравии ниҳоии шуурро нишон медиҳад. Маҳз ҳамин ашъори воло таҳаввули фикрӣ дар зиндагӣ мегардад. Чаро инсон набояд лоҷин бошад, ки бо мақсади ҷустуҷӯ парвоз кунад? Чаро марди лоҷин набояд мурғи оташро шикор кунад? Чаро бо болҳои андеша ба осмон ва ба олами ботину берун парвоз кунад? Воқеан, чунин аст, табиати шахсе, ки дар ҷустуҷӯи ҳақиқат аст. Инсон метавонад бо чароғи андеша дар даст аз гаҳвора то қабр дар ҷустуҷӯи ҳақиқат бошад» [123, с.121-122].

Дар ин асар Салҷуқӣ осори Хоҷа Ҳофиз, Ҳоқонӣ, Бедил, «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, «Шарҳи гулшани садбарг» ва «Тафсири асрори гулзор»-и Шайх Маҳмуд Шабестариро мавриди таҳлилу баррасиҳо қарор додааст. Андешаҳои фалсафӣ ва мазмуни ашъорро нишон дода, афкори онҳоро таҳлил ва баррасӣ намудааст аз ин ҷост, ки Салҷуқӣ барои таҳлил намудани ашъори шоирони маъруф хело ҷиду ҷаҳд кардааст.

Дар масъалаи мусиқӣ ва таъсири он ба тафаккури иҷтиомӣ низ Салҷуқӣ таҳқиқоти судманд анҷом додааст. Мақсади Салҷуқӣ дар ин масъала он аст, ки ҳақиқати мусиқӣ дар ҷомеаи имрӯза метавонад таъсири ҷиддӣ ба равони ҷавонон дошта бошад. Бархе шаклҳои номуносиби он

метавонад ақл ва тафаккури инсонро заиф гардонад ва ӯро аз роҳи дуруст дур созанд. Мусиқӣ ҳамчун воситаи фарҳангӣ на танҳо фароғат мебахшад, балки ба шаклгирии тафакур ва ахлоқи ҷавонон таъсир мерасонад. Баъзе намунаҳои мусиқӣ, ки хусусияти фосид намудани ахлоқ дар онҳо мушоҳида мешаванд, метавонад эҳсосот ва равони шахсро ба самтҳои нодуруст роҳнамоӣ кунанд. Аз нигоҳи психология ва фалсафа, таъсири мусиқӣ ба ақл ва иродаи инсон метавонад шаклгирии хислат ва рафторро тағйир диҳад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва танзими муҳити мусиқӣ барои ҷавонон аҳамияти таълимӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дорад.

Салҷуқӣ ошиқи фарҳанги худ ва забону адабиёти миллии хеш буда, ҳамчун посбони арзишҳои миллӣ ва мероси фарҳангӣ навиштаҳои худро пешкаши аҳли маънӣ мекунад. Фарҳанги миллӣ барои ӯ на танҳо маҷмуи суннатҳои гузашта, балки василаи ҳушёрӣ ва тарбияи насли имрӯза ба шумор меравад. Аз ин хотир, дар китоби “Афкори шоир” қайд мекунад: «Инкишофи фарҳанг ва санъат аз рушди адабиёту назму наср сарчашма мегирад. Вақте адабиёт ва шеър тараққӣ мекунад, пас дигар навъҳои ҳунар низ аз паи онҳо меоянд ва ҳангоме ки шеър дар ҳолати аз байн рафтан қарор дорад, дигар навъҳои ҳунар ва ҳатто фарҳанг низ дар остонаи нобудшавӣ қарор мегирад» [123, с. 108].

Дар ҳақиқат, ӯ мехоҳад ишора намояд, ки инкишофи фарҳанг ва санъат бевосита ба рушди адабиёт бастагӣ дорад. Вақте адабиёт, махсусан шеър тараққӣ мекунад, дигар шаклҳои ҳунар низ аз пайи онҳо пайдо мешавад ва инкишоф меёбад. Дар акси ҳол соҳаҳои дигари фарҳанг низ заиф мегардад. Ӯ ба ин бовар аст, ки адабиёти бадеӣ ҳамчун поя ва сутуни фарҳанг хизмат мекунад, он на танҳо инъикоси афкор ва эҳсосоти инсон аст, балки муҳити тарбиявӣ ва иҷтимоиро низ ташаккул медиҳад. Пешравии ҳунарҳои дигар, аз қабили мусиқӣ, рассомӣ ва театр аз ҳаёти зиндаи адабиёт вобаста аст. Ҳифзи адабиёт аз лиҳози фалсафӣ рамзи нигоҳ доштани мероси маънавӣ ва эҳёи фарҳанг мебошад. Аз ин рӯ, ҳифзи адабиёт дар ҳақиқат шарти зарурӣ барои устувории фарҳанг ва рушди ҳунарҳои гуногун ба

шумор меравад. Салҷуқӣ дар ин асар дар бахши баҳсу мунозира нисбати «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба нуфуз ва қудрати маънавии ин шоҳасар таъкид менамояд. Ба андешаи ӯ, таъсири маънавӣ ва ахлоқии андешаву таълимоти Мавлоно ба маротиб амиқтар ва пойдортар аз нерӯҳои зоҳирии моддӣ аст. Зеро дар суханони Мавлоно қуввае нуҳуфта аст, ки метавонад симои ботинии инсонро тағйир диҳад ва равони ӯро ба сатҳи боло бардорад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, «Мавлои Балхӣ қобилият дорад, ки ҷавҳари инсонро таҳаввул бахшад ва зоти ӯро аз ҳолати сахтгирӣ ба нармӣ ва тавозуъ бигузаронад. Таъсире, ки арзиши он аз бисёр нерӯҳои моддӣ ва техникӣ ҳам фаротар меравад » [123, с. 63].

Салҷуқӣ дар баррасии «Маснавии маънавӣ» хусусиятҳои беназири таъсиргузории ин асари Мавлоноро хеле нозук ва амиқ баён менамояд. Ба назари ӯ, нерӯи маънавие, ки дар байтҳо ва ҳикматҳои Мавлоно ҷой дорад, қобилияти табдил додани зеҳн ва андешаи инсонро дорост. Ин нерӯ танҳо ба ҳиссиёт таъсир намегузорад, балки қобили он аст, ки равандҳои ботинии шахсро дигаргун созад.

Салҷуқӣ ба қудрати таъсиргузории Маснавӣ ишора карда, гуфтан мехоҳад, ки он ба мо имкон медиҳад, то рӯҳу равони худро ислоҳ кунем. Ин нерӯ метавонад инсонро аз холати ғафлату парешонӣ ба сатҳи огоҳии рӯҳонӣ барорад. Салҷуқӣ ҳамин қобилиятӣ табдилдиҳандагии суханони Мавлоноро омиле медонад, ки то имрӯз арзиши худро нигоҳ дошта, аҳли тафаккурро ба тааммул ва таҷдиди назар нисбати ҳолу аҳволи худ водор месозад.

Вақте Салҷуқӣ ба тарҷумаи китоби «Накомокӯшӣ» ба забони дарӣ машғул шуд, қасд кард, то китобе дар илми ахлоқ, мафҳумҳо ва категорияҳои он таълиф намоянд. Ҳамчунин андешаҳои фалсафие, ки дар ин бора изҳори назар кардаанд, ҷамъоварӣ кунанд. Дар натиҷа, китоби «Муқаддимаи илми ахлоқ» иборат аз 764 саҳифа нашр шуд. Ин асари таҳқиқотӣ, таҳлилӣ ва фалсафӣ бо шеваи махсус рӯйи кор омад. Салҷуқӣ дар ин асар пешниҳоди муфассал ва муайяне нисбати ахлоқу одоб ба миён мегузорад. Вай ахлокро ба тариқи зерин муайян мекунад:

«Таълимоти ахлоқӣ аз худ ба тартиб даровардани масъалаҳои ниҳоии образҳои идеалии ҳаёти инсонии суфиро нишон медиҳад, ки онро фалсафаи ахлоқ низ меноманд» [126, с. 10].

Салҷуқӣ мавзуи ахлоқро амали нек ё роҳи суфиён барои расидан ба ҳақиқат ва инчунин олами башарӣ дар роҳи расидан ба саодат муаррифӣ мекунад. Бояд гуфт, ки мафҳуми хушбахтӣ аз нигоҳи мутафаккирон гуногун аст ва ҳар яке аз олимон фикру андешаи хоси худро доранд. Салҷуқӣ дар ин ҷо аз нигоҳи Арасту саволе ба миён мегузорад, ки ҳадафи ниҳоии инсон дар зиндагӣ чист? Оё ҳадафи ниҳоии инсон қонеъ кардани ниёзҳои рӯҳонии худ, ё расидан ба қудрат ва бартарӣ ҷустан аз дигарон? Ё инсон ҳадафи аз ин ҳам баландтар дорад? Ҳадафи ниҳоии ӯ расидан ба ҳаёте, ки дар ғизо ва лаззат сарф мешавад? Баъзан матраҳ намудани ин саволҳо ӯ қотеъона ҷавоб медиҳад, ки не, ҳаргиз чун ин нест, зеро ин ғаризаҳои ҳайвонӣ ҳастанд. Ҳадафи ниҳоии инсон, ба назари ӯ, дарки моҳияти ҳаёт аст, ки тавассути омӯзиш ва риёзату тасфияи нафс ҳосил мегардад. Баъзеҳо инро беҳтарин неъмат меҳисобанд, аммо баъзеи дигарон бошанд хушбахтии ҳақиқӣ медонанд.

Салҷуқӣ ҳадафи худро аз навиштани ин китоб асоснок мекунад ва ақида дорад, ки олами ҳастӣ аз ҷимодот, наботот, ҳайвонот ва инсоният иборат буда, ҳар кадоме ҳадафҳои мушаххаси худро доранд. Гарчанде ин ҳадафҳо беохир ба назар мерасанд, аммо онҳоро ниҳояте ҳаст. Ӯ дар муқаддиамаи ин китобат менависад: «Ҳастӣ, ҳаёт инчунин шуурнокӣ бе мақсад офарида нашудаанд, яъне ҳадафу мақсади худро доранд. Мақсади мо мисли орзуҳои мо беохиранд. Вале чунин беохирӣ дар ниҳояти кор ба як марҳилаи муайян омада мерасад. Бештари орзуҳои мо тавассути ҳиссиёт сурат мегиранд. Аммо ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоӣ масъалаест, ки онро ба воситаи ҳиссҳо дарк кардан мумкин нест ва ин амале ҳисобида мешавад, ки фалсафаи ахлоқ ва ахлоқи идеалӣ бо истофода аз он ӯро ошкор мекунанд» [130, с. 10].

Салҷуқӣ ба ин назар аст, ки агар шахс фалсафаи ахлоқро мутолиа намояд, ва мувофиқи он амал кунад, метавонад роҳи дурустро дарёбад. Фалсафаи ахлоқ ҷунон нерӯ дорад, ки метавонад «худ»-и инсонро аз талаботи пурраи моддӣ, аз ғаризаҳои шаҳвонӣ озод кунад ва ӯро ба дараҷае бирасонад, ки ӯ ин маконро лоиқ ва сазовор бошад. Дар ҷунин ҳолат рӯҳи одамро барои иҷроиши вазифаҳои фитрӣ омода менамояд.

Салоҳуддин Салҷуқӣ дар ин асараш яке аз масъалаҳои асосии ахлоқ «ирода»-ро ба миён мегузорад. Ба назари ӯ, «яке аз бартарии инсон нисбати дигар махлуқот дар он аст, ки ӯ соҳиби ирода мебошад. Пас инсони некӯахлоқ он аст, ки ин неъматро дар роҳи истибдод истифода набарад. Ба фикри мо сабаби бадрафтории баъзе одамон дар он аст, ки наметавонад аз болои ғаризаҳои худ ҳукмронӣ кунанд ва ин боис мешавад, ки онҳо ба амали ноҷо даст зананд» [126, с.142]. Дар ин асар Салҷуқӣ аз якчанд мактабҳо норозӣ буданашро баён мекунад. Аз ҷумла мактаби гедонизмро танқид менамояд. Ӯ қайд мекунад: «Аристип - асосгузори мактаби гедонизм ба шумор меравад, аммо Эпикур дар он ислоҳоти муайяне ворид намуда, бо диди нав моҳияти ҳаётро баррасӣ намуда аст. Пайравони ин мактаб ба ин назар буданд, ки лаззат мақсади ниҳоии инсон ба шумор рафта, василаест, ки ба инсон кайфу сафо мебахшад ва ин низ фазилат ба шумор меравад. Ҳар лаззат хуб аст ва ҳар василае, ки барои он истифода бурда мешавад низ хуб аст. Бояд ақлу хирадро дар роҳи ба даст овардани ҳаловат истифода намуд. Ҳаловат ин лаззат ба шумор меравад, дар он ҳоле, ки даъво низ воситае мегардад, ки одамро ба сӯи лаззати ҳақиқӣ мебарад. Лаззате, ки сабаби дард мегардад, некӣ ба ҳисоб намеравад, мисли тамоми дардҳо, ки дар роҳи расидан ба некии абадӣ бадӣ ба шумор намераванд» [126, с.142].

Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки ғариза ва ниёзҳои инсон набояд саркӯб шавад, баръакс, барои ҳар як ғариза ё ниёз шароит фароҳам овардан лозим аст, ки ба ғаризаҳои дигар таъсири мусбӣ расонад. Дар

баробари ин Салҷуқӣ даъват менамояд, ки инсоният бояд аз ақли солим истифода барад ва ба ҳавову ҳавас дода нашавад. Ҳар чиз бо меъёр зебанда аст. Лаззат низ, бояд дар чаҳорчӯбаи меъёрҳо истифода гардад, вагарна бад ҳисобида мешавад.

Дар охири китоби «Муқаддимаи илми ахлоқ» Салҷуқӣ масъалаи худшиносиро матраҳ мекунад ва ба ин назар аст, ки он яке аз мушкилтарин бахшҳои фалсафаи амалӣ мебошад. Ӯ таъкид мекунад, ки аксар одамон ба ин ақидаанд, ки худро шинохтаанд, аммо онҳо бехабар аз онанд, ки ҳар он чи нисбати худ хулоса мебароранд, он чизе аст, ки онҳо мехоҳанд чунин бошанд на он ҳақиқат ва воқеиятест, ки аз он маҳруманд. Муҳим он аст, ки ҳақиқати инсон ба худаш ошкор шавад. Дар ин сурат, инсон метавонад фазилатҳои худро афзун намуда, худро аз камбудиҳо ва сифатҳои бад раҳоӣ диҳад.

Китоби **«Азво ало маёдини-л-фалсафа ва-ал-илм ва-ал-луғат ва-ал-фан ва-ал-адаб»** (Партаве (нуре) бар майдонҳои фалсафа, илм, луғат (забоншиносӣ), ҳунар ва адабиёт). Низ аз асарҳои маъруфи ба фалсафаи амалӣ бахшидаи Салҷуқӣ аст. Ин китоб маҷмуаи мақолаҳои Салҷуқӣ бо забони арабӣ ба шумор меравад, ки аз ҷониби донишманди мисрӣ Маҳмуд Абурайя тартиб дода шудааст. Он дар ҳаҷми 247 саҳифа дар Қоҳира соли 1962 нашр гардидааст. Дар ин маҷмуа мақолаҳои таҳқиқотӣ дар мавзуъҳои гуногун, дарҷ гардидаанд, ки дар ҳисоботҳо, конфронсҳо, семинарҳо, инчунин дар вохӯриҳои ӯ бо қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки дар Миср баргузор гардида буд, инъикос шудаанд. Салҷуқӣ дар ин асар дар мавзуҳои гуногун, аз қабили забон, адабиёт, хусусиятҳои забони арабӣ, назари Имом Ғаззолӣ дар бораи фалсафа ва илм, илму афкори Ориёиҳо дар Хуросон ва Афғонистони имрӯза аз замонҳои қадим то замони худаш баҳс ороста аст. Дар зер порае аз мақолаи ӯ таҳти унвони «Аҷам афкори фарҳанги забони арабӣ», чунин қайд мекунад: «Бародарон! Аз бародар калимаи зеботару шоистатар наёфтам, ки ба

шумо муроҷиат намоям. Ман, аз аъзои ин маҷлис интихоб шуданам хело фахр мекунам. Бародарони араб! Забони арабӣ танҳо аз они шумо нест! Ин забонест, ки садҳо миллион мусулмонон бо он дуо мекунанд ва асрори дилашонро ба Худои худ ошкор месозанд. Ин забони Қуръон аст, ки ба мусулмонҳо нозил гаштааст. Чун дар ин ҷо суханронӣ мекунам, аз номи кишвари худам Афғонистон сӯхан мегӯям, зеро дар ин нишасти илмӣ ягона намояндаи ин давлат ба шумор меравам. Аниқтараш Афғонистоне, ки дар ибтидои таърих бо номи Ориёӣ ва баъдан Хуросон маъруф буд. Мехоҳам қайд намоям, ки теъдоди зиёди фақеҳон дар густариши ислом ва улуми исломӣ дар Афғонистон саҳми арзанда гузоштанд аз қабили Имом Абуҳанифа, Имом Аҳмади Ҳанбал, Имом Бухорӣ ва Имом Тирмизӣ, аз файласуфон бошад, Форобӣ ва Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, аз донишмандони эстетикӣ, Аллома Тафтазонӣ, Саққокӣ ва Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, аз олимони соҳаи ахлоқ Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Давонӣ, Ҳусайн Кошифӣ, аз ҷумлаи намояндагони калом, Фахри Розӣ, Аллома Қушчӣ, Умари Насафӣ, аз ҷумлаи муфассирони Қуръон, Замаҳшарӣ ва Саҷовандӣ, аз ҷумлаи намояндагони зуҳду гӯшанишинон, Иброҳими Адҳами Балхӣ ва Шақиқи Балхӣ ва аз ҷумлаи суфиён, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва Шайх Абулҳасани Ҳараконӣ ва аз ҷумлаи муаррихон, мунаҷимон, кимиёшиносон ва пажӯҳишгарон, Ҷобир ибн Ҳаён, Байҳақӣ, Берунӣ, ибни Муқаффаъ ва ғайра, саҳми босазо гузоштанд. Аз ин рӯ, онҳо бо навиштани осори худ ба забони арабӣ на танҳо эҷоди хешро ба тамоми миллатҳо пешкаш карданд, балки дар рушди забони арабӣ ва ислом саҳми бузурге гузоштаанд» [121, с. 91].

Дар илми эстетика низ Салҷуқӣ асари гаронарзише таҳти унвони «Нигоҳе ба зебоӣ» таълиф намудааст. Ин китоб чун энсиклопедияи зебоӣ ва санъат бори аввал дар Шарқи мусулмон мавриди баҳсу мунозира қарор гирифтааст. Ин рисола аз 173 саҳифа иборат буда, дар

Кобул соли 1963 нашр шудааст. Муаллиф баъди пешниҳоди эстетика як қатор саволҳоро пеш мегузорад:

1. Зебогии ашё ба моҳияти худ алоқаманд аст ё аз инсон вобастагӣ дорад?

2. Оё санъат барои худ ҳадафи мушаххасе дорад?

3. Оё санъат ин тақлид ба табиат аст ё ҷузъи табиат?

Бар асоси назарияҳои файласуфон ва мутафаккирони замони қадим ва нав Салҷуқӣ ба ин саволҳо ҷавоб дода, андешаҳои танқидии худро баён мекунад. Ӯ зебоиро дар байни ахлоқ ва мантиқ мегузорад. Дар ҳоли муайян намудани зебоӣ Салҷуқӣ дар аввал назарияҳои фалсафии мутафаккирони юнонро шарҳ медиҳад ва баъдан мавқеи худро мушаххас намуда, дар асоси онҳо зикр мекунад: «Файласуфони юнонӣ кӯшиши зиёд намуданд, ки зебоиро ба як тартиби муайяни умуми ҷорӣ кунанд. Аммо, азбаски зебоӣ ҷанбаҳои сершумори номуайян дорад, онҳоро дар доираи ягон қоидаи мушаххас ба тартиб андохтан мумкин нест. Масалан, мо аз тамошои сайёраи Моҳ ҳангоми шаб аз зебогии он лаззат мебарем ё аз дидани инсони зебо ҳаловат мебарем. Дар байни зебогии ин падидаҳо чӣ умумият вуҷуд дорад, ки имкон медиҳад ҳамаи онҳо дар доираи як қоидаи умумӣ оварда шаванд? Агар дар намуди зоҳирӣ чизи умумӣ вуҷуд дошта бошад, пас ин намунаи комил аст» [128, с. 17-18].

Яъне Салҷуқӣ мегӯяд, ки бисёре аз файласуфони Юнон талош доштанд мафҳуми зебоиро дар қолаби муайяни умумӣ дароранд, вале чунин талош бо мушкили рӯ ба рӯ гардид. Зебоӣ дорои ҷанбаҳои гуногун аст ва онро наметавон бо як меъёри ягона маҳдуд кард. Ҳам зебоии табиат, мисли манзараи Моҳ дар шаб ва ҳам зебоии инсон ё ҳар падидаи дигари олам, ҳар яке ба таври хос дар таҳти шуури мо таъсир мегузорад ва ба таври гуногун бардошт мешаванд.

Салҷуқӣ ба ин назар аст, ки саволи асосӣ дар зебоишиносӣ ин аст: чӣ чиз ҳамаи ин зоҳирҳои гуногуни зебоиро ба ҳам мепайвандад? Ин алоқамандӣ ёфтани он унсури умумиест, ки имкон медиҳад мо чунин ин

падидаҳои мухталифро зебо тасаввур намоем. Агар ин ҷанбаи умумӣ дар зоти ашё умуман вуҷуд дошта бошад, пас метавон гуфт, ки сухан аз як намунаи комили зебоӣ меравад. Намунае, ки мо ба таври табиӣ ба дарки он майл дорем, ҳарчанд онро дар як меъёри қатъӣ ҷойгир карда наметавонем.

Аз ин бармеояд, ки зебоӣ на танҳо хусусияти зоҳирӣ, балки воқеияти ботинист, ки тавассути таҷрибаи рӯҳонӣ ва эҳсосӣ шинохта мешавад. Ин нуқта ба ман имкон дод, ки масъалаи зебоиро на ҳамчун падидаи сода, балки ҳамчун раванд ва муносибати муҳаққиқ бо ҷаҳони даркшаванда бубинем.

Салҷуқӣ иддао мекунад, ки: «Агар қувва ва тавони ҷисмонӣ дар мардон ҳамчун нишондиҳандаи устуворӣ баён гардад, пас дар занон зебоӣ, латофат ва нозукӣ ҷузъи қудрат ва камолияти табиӣ мебошад. Вале маҳдуд сохтани зебоӣ танҳо ба василаи ба вуҷуд овардани эҳсоси лаззат, нокифоя аст, зеро ин ба ҳақиқати аслии зебоӣ мутобиқат надорад» [128, с. 21].

Дар таҳлили андешаҳои Салҷуқӣ ба чунин натиҷа расидем, ки ӯ зебоиро ба маротиб болотар мебарад ва ба унсуре табдил медиҳад, ки танҳо шахси доно, соҳибтадаббур ва дорои дарки ирфонӣ метавонад маънои амиқи онро биёбад. Аз ин ҷост, ки зебоӣ, ба назари ӯ, танҳо падидаи зоҳирӣ нест, балки нишонаи камоли ниҳоии ҳастӣ ва равиши такмилёбии инсонист. Чунин фаҳмиши зебоӣ нишон медиҳад, ки он ба мақсади олӣ, яъне ба худшиносӣ ва камоли рӯҳонӣ пайванд мехӯрад зебоӣ дар ин таҳлили фалсафӣ, ба як ҷоиза ё натиҷаи раванди такмил табдил меёбад- мақоме, ки инсон тавассути таҳзиби нафс ва рушди маънавӣ ба он мерасад.

Дигаре аз асарҳои арзишманди Салҷуқӣ **«Нақди Бедил» (Танқиди Бедил)** ном дорад. Ин асари Салҷуқӣ тамоюли шадиде ба фалсафаи ирфонӣ дорад. Ин китоб аз 567 саҳифа иборат буда, соли 1964 аз ҷониби Вазорати маорифи Афғонистон ба табъ расидааст. Ин асар аз «Ғазалиёт», «Ирфоният», «Рубоиёт», «Қасоид», «Таркиббанд»,

«Тарҷеъбанд», «Мухаммас», «Мутафарриқот», «Нуқот ва Руқаот» иборат аст. Дар ин асар ашъори Бедил хеле ҷолиб тавзеҳу таҳлил ва тафсир шудааст. Салҷуқӣ тавонистааст, ашъори Бедилро бо диди нав таҳлил кунад, ки аз нигоҳи донишмандони соҳа низ арзишманд буда, чун сарчашмаи маътамаде дар маърифати афкори ирфонии Бедил баромад мекунад.

Салҷуқӣ дар асари «Нақди Бедил» чунин мефармояд: «Имрӯзҳо эҳсос мекунам, ки ба истироҳати кӯтоҳ ниёз дорам. Бо вуҷуди синну соли гузаштаву саломатии ноҷӯр, гӯё яке аз зарфҳои ҳаётам нимбаста бошад, ҳамарӯза тақрибан ҳашт соат ба кор машғулам. Ин тамоми талошро ба он хотир равона месозам, ки фарҳанги кишвар ва фарзандони ватанамро, ки аз сидқи дил дӯст медорам, дар ҳолати хатар мебинам. Агар сатҳи фарҳангии мо боз ҳам поён равад, ин сукут тамоми ҷомеаро фаро хоҳад гирифт. Заҳматҳои шабонарӯзии ман имрӯзҳо ба боло бардоштани сатҳи маданият равона шудааст. Чунон ки маълум аст, онҳое, ки барои мо ояндаи равшан намехоҳанд, дар орзӯи поён рафтани сатҳи дониш, таназзули тафаккур ва коста гаштани меъёрҳои рафтору расму оин ҳастанд. Аз ин рӯ, вазифаи мост, ки талош намоем, то санъат аз ночизӣ раҳо ёбад”. Андешаи мазкури Салҷуқӣ инъикоси баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва рисолати зиёиёна дар баробари сарнавишти таърихии миллат аст. Муаллиф бо нигоҳи амиқи фалсафӣ нигаронии худро аз коҳиши сатҳи маънавияти ҷомеа баён дошта, кору пайкори шабонарӯзии худро на танҳо як вазифаи касбӣ, балки ҷисми зиндаи мубориза бар зидди таназзули тафаккур медонад. Ибораи «яке аз зарфҳои ҳаётам нимбаста бошад» нишонаи фидокории бениҳоят бузургест, ки дар он фард саломатии ҷисмонии худро фидои саломатии маънавии ҷомеа мекунад. Аз дидгоҳи ӯ, сукути фарҳангӣ бузургтарин таҳдид барои ояндаи кишвар аст ва наҷоти ҷомеа мустақим ба эҳёи санъату дониш вобастагӣ дорад.

Салҷуқӣ ба ин бовар аст, ки адабиёт махсусан адабиёти бадеӣ, метавонад ҳамчун абзори пурқудрати таъсиррасонӣ ба шуури иҷтимоӣ тавассути аҳли маърифат муаассир бошад. Зеро адабиёт на танҳо воқеиятро ба намоиш мегузорад, балки заминаи инъикоси идеалҳои ахлоқӣ тафаккури иҷтимоиро иваз мекунад. Адиби ҳақиқӣ, ба назари ӯ, касест, ки мардумро ба сӯйи хушбахти ва саодатмандӣ роҳнамоӣ мекунад. Ӯ дар ҳақиқат устоди воқеӣ ва роҳбари ҳақ ба шумор меравад, ки дар роҳи пешрафт ва рушди халқ саъю кӯшиш намудааст. Аммо адибе, ки тарс ва хурофотро дар рӯҳияи хонандааш ҷой кардан мехоҳад дар воқеъ бародари шайтон ҳисоб мешаванд. Аз ин рӯ, масъулияти адиб ниҳоят зиёд аст ва ӯ бояд чун оина хубу зишти ҳаёти иҷтимоиро дар осораш инъикос намояд.

Пешниҳоди муҳиме, ки Салҷуқӣ дар ин осораш мекунад ин аст, ки набояд мақоми адабиётро ба дараҷаи қабули омма поён кунем. Дар ин маврид аз хӯди Бедил иқтибос меорад:

Ба афсуни қабули халқ то кай ҳарзагӯ бошам,

Агар ҳарфам ба хок афтад, дуоҳо мустаҷоб афтад [127, с. 121].

Салҷуқӣ чун файласуфи асил дидгоҳҳои футурологии худро дар симоҳои қаҳрамонҳои осораш баён мекунад. Ӯ дар асари “Нақди Бедил” низ аз ин равиш истифода карда, ба ин назар аст, ки шояд Бедил медонист, замоне фаро мерасад, ки баъзе инсонҳо ба хотири “адолати иҷтимоӣ” мехоҳанд илму фарҳанг дар таносуб ба сатҳи фаҳмиши омма рушд кунад. Дар ин ҷо ба назари мо ду нуқтаи назар қобили таваҷҷуҳи хос аст, ки ба масоили андешаҳои омма ва табъу завқи омма бастагӣ дорад, ки аз ҳам тафовути калидӣ доранд. Албатта, шахсиятҳое дар миёни файласуфон кам нестанд, ки афкори оммаро хеле муътабар медонанд ва ба ин бовараанд, ки тамоми корҳои иҷтимоӣ ва маъмурӣ дар афкори омма бунёд мешавад. Маҳз, ақидаи оммавӣ сарнавишти миллату давлатро муайян мекунад. Салҷуқӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, ба мисли Форобӣ забони илмро хос меҳисобад ва таъкид намудааст, ки «Имрӯз дар Шарқ

ширкатҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ хело пешрафт карда истодааст. Дар баробари ин танҳо шумораи ками одамони кӯтоҳандеш даъво доранд, ки эҷодиёт ва адабиёт ба моликият ва ширкат монанд аст ва бояд дар сатҳи оммаи мардум фароварда шавад. Бояд дар хотир гирем, ки намояндагони ҳунар ва истеъдоди дорои завқи баланд оммаро ба сӯи камолот ҳидоят намоянд. Аммо, агар шумо ба омма гӯш андозед, ки сатҳи пасти илмӣ доранд, чунин амал метавонад ҷомеаи инсониро ба ақиб кашад» [127, с. 145].

Салҷуқӣ асаре, ки соли 1965 дар Кобул таҳти унвони “Оинаи таҷаллӣ” нашр намуд, дар посух ба суолҳои фалсафии донишманди Афғонистон Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор рӯйи кор омада аст. Дар ин асар Салҷуқӣ ба «чаҳордаҳ саволи марбут ба проблемаҳои тамаддун, муносибати бадан бо рӯҳ, назарияи азалият ва абадияти рӯҳ, некӣ ва бадӣ, фазо ва вақт, фикр ва ғариза, ҳаракати материя ва атмосфера, ихтиёр ва ҷабр, санъат ва зебоишиносӣ, ахлоқ ва қонун дар тамаддун, ҳақиқат ва шинохт, моддиёт ва маънавиёт, масъалаи камол ва суқути тамаддунҳо, инчунин “Ман ва на Ман” барин саволҳо ҷавоб мегардонад» [130, с. 3].

Бояд қайд намуд, ки Салҷуқӣ дар ин асар ба бисёре аз мавзӯҳо, мисли проблемаҳои фалсафӣ, бахусус проблемаҳои мавҷудият, ирфоншиносӣ, мантиқ, мақсад ва маънии ҳаёт, моҳияти инсон ва фаъолияти иҷтимоии ӯ ва амсоли инҳо таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои судманде пешниҳод намудааст.

Яке аз асарҳои ба масоили метафизика бахшида шудаи Салҷуқӣ “Таҷаллии-ил-Лоҳ фӣл-офоқи ва-л-анфус” (Зуҳури Худо дар табиат ва вуҷуди инсон), ном дорад, ки аз зумраи китобҳои таҳқиқотии маъруфи замони муаллиф буд, дорои 9 фасл ва аз 387 саҳифа иборат мебошад, ки соли 1966 дар шаҳри Кобул нашр шудааст. Салҷуқӣ дар муаррифии ин асараш қайд менамояд, ки «дар ин рисола атрофи мавзуи тасдиқи вуҷуди Худо бар асоси далелу ҳуҷҷат андешаҳои судманд ироа шуда, баъзе масъалаҳои муҳими вобаста ба ин мавзӯъ шарҳу тавзеҳ мешавад. Нуқтаи ҷолиб ин ҷост, ки Салҷуқӣ маърифати Худоро бо арзишҳои милливу инсонӣ дар якҷоягӣ

таҳлил мекунад» [132, с.10-16]. Салҷуқӣ яке аз вазифаҳои инсонро дар ҳифзи арзишҳои милливу инсонӣ ва муҳофизати хоку ватану миллат медид.

Дар ин китоб Салҷуқӣ дар масъалаҳои ягонагӣ ва сифатҳои Худо баҳс мекунад. Ӯ ваҳдатро ба ду қисм ҷудо мекунад: ваҳдати китобӣ (Қуръон, Инҷил, Таврот) ва ғайри китобӣ. Дар навбати худ ваҳдати китобӣ ба ду қисм ҷудо мешавад: калом ва тасаввуф. Дар ваҳдат-ул-вуҷуд Худо бартар аз ҷаҳон аст. Дар ҷаҳони ҳастӣ бо сифатҳои худ зоҳир мешавад ва аз ҳастӣ ҷудонашаванда аст. Дар ваҳдати ғайри китобӣ бошад Худо бартар аз афкор ба ҳисоб меравад. Аз дидгоҳи каломӣ Худо робитаи бевосита бо афкор ва ҷаҳони ҳастии инсоният дорад. Ин хислатҳо иборатанд аз илм, озодӣ, хирад ва муҳаббат. Аз диди ирфонӣ Салҷуқӣ роҳи наздики ба Худо расидани дилро аз тамоми қудратҳо пок намудан ва муҳаббат варзидан ба арзишҳои инсонӣ медонад. Ин китоб дар рӯҳияи ақоиди динӣ навишта шуда аст.

Яке аз китобҳои арзишманди Салҷуқӣ, ки ба масоили антропологӣ таваҷҷуҳ намудани муаллифашро бозгӯ мекунад, “Тақвими инсон”, ном дорад. Ин асарро соли 1973 дар шаҳри Кобул, баъд аз вафоти ӯ, ҳамсараш Ҳумайрои Салҷуқӣ нашр кардааст.

Ҳумайрои Салҷуқӣ ҳамсари мутафаккири бузург дар муқаддимаи ин китоб навиштааст: “Ҳадафи ҳамсари азизи ман аз навистани ин китоб дар он буд, ки моҳияти инсонро чӣ ба унвони фард ва чӣ ба унвони ҷомеа нишон диҳад. Ӯ ҳамеша ин байти Ҳофизро такрор менамуд:

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,

Он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард [131,с. 27].

Ӯ ҳамеша қайд мекард, ки косаи ваҳдат-ул вуҷуд дар ҳардуи мо вуҷуд дорад ва мо набояд онро аз каси дигар талаб намонм. Аз ин гуфтаҳои Салҷуқӣ бармеояд, ки инсон аввал бояд худро ислоҳ созад ва баъд аз он метавонад дигаронро ҳам таълим диҳад ва ҳам талаби ислоҳ намояд. Зеро инсон агар худ намуна набошад, сухани ӯ ва пешниҳодҳои ӯ ҳарчанд муфиду зарур бошад ҳам, дар миёни ҷомеа арзиш пайдо карда наметавонад.

Чӣ гунае ки ҳамсари мутафаккир қайд мекунад, ин рисолаи Салҷуқӣ ба масоили инсон бахшида шудааст. Салоҳуддин дар ин асар ҳастии инсон ва шахсияти ӯро дар алоқамандӣ бошад ҳам, алоҳида ба баҳс мекашад ва ба ин назар аст ва пешниҳод менамояд, ки мавзуи инсоншиносӣ дар шароити кунунӣ ниҳоят муҳим буда, яке аз омилҳои таҳрирдиҳандаи тафаккури иҷтимоӣ мебошад. Вай таъкид мекунад, ки сарфи назар аз пешрафти илму техника, агар одам худро нашиносад ва ҳақиқати инсонии худро дарк накунад, пас барои он тамоми комёбиҳои ҷамъияти инсонӣ маъное надорад. Аммо вақте инсон моҳияти асосии худро дарк кунад ва ҷойгоҳи худро дар ҷамъият муайян намояд, ин боиси пешрафту тараққиёт мегардад. Салҷуқӣ қайд менамояд: «То он даме, ки инсоният ва моҳияти вайро нашиносем бартараф намудани мушкилӣ ва душвориҳо дар ҷамъият хело мураккаб мегардад» [131, с. 126].

Дар ҳақиқат, шинохти инсон яке аз масъалаҳои ниҳоят ҷиддию мураккабест, ки пешорӯи илми имрӯза қарор дорад. Маърифати худӣ инсонро водор мекунад, ки нисбати имрӯзу ояндаи худу ҷамъият бетафовут набошад. Чунин рӯҳия имкон фароҳам меорад, то дар самтҳои гуногун ҳаёти иҷтимоӣ инкишофу пешрафт ба вуҷуд ояд. Дар баробари ин, пас аз шинохти худ фикру ақидаи инсон нисбат ба худу дигарон ба таври мусбӣ тағйир меёбад ва ӯ кӯшиш менамояд, ки вақтро беҳуда сарф накарда, барои аз худ боқӣ гузоштани чизе, ки ҳадафи зиндагӣ меҳисобад, кӯшиш намояд.

Салҷуқӣ зикр мекунад: «Ҳарчанд илм ва фалсафа ҳамдигарро мукаммал мекунанд, онҳо бояд бо ҳам нигоҳ дошта шаванд. Бояд бидонем, ки вазифаи илм муайян кардани қонунҳои табиат аст ва вазифаи фалсафа муайян кардани қонунҳои ҷамъиятӣ мебошад» [131, с. 30].

Яъне, мутафаккир бо такя ба фалсафаи атиқа ва асрҳои миёна илмро дар якҷоягӣ баррасӣ мекунад. Ӯ аз мавқеи фалсафа ва мактабҳои атиқаи ғарбӣ вазифаи фалсафаро маърифати ратсионалии ҷаҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он меҳисобад. Ҳамзамон Салҷуқӣ ба мисли файласуфи идеалистӣ Муҳаммад Ғаззолӣ вазифаи фалсафаву илмро хидмат ба дину ахлоқ

ҳисобида, онҳоро дар якҷоягӣ барои муназзам намудани сохтори иҷтимоӣ ва ба камол расонидани шахсияти фарҳангӣ муассир меҳисобад.

Салҷуқӣ нахуст шахсро бо хислатҳояш муайян мекунад. Барои фаҳмидани моҳияти инсон аввал моҳияти ашёро баррасӣ мекунад. Яъне ӯ моҳияти наботот ва ҳайвонотро мушаххас карда, дар ин замина маърифати инсонро матраҳ мекунад. Ӯ мегӯяд, ки дар ҳама чизҳои табиӣ ва ғайритабиӣ се навъ қудрат вуҷуд дорад: қувваи аз худкунӣ, қувваи кашиш ё ба навъи дигар гӯем васеъшавӣ ва қувваи вазн. Аммо ин қобилиятҳо дар байни мавҷудоти гуногун (минералҳо, наботот, ҳайвонот ва одамон) фарқ мекунад. Пас аз тафсири сершумори ин қобилиятҳо, ӯ онҳоро тасвир мекунад ва донистани ин нукотро василаи маърифати шахс меҳисобад. Вай бар ин назар аст, ки асли инсон аз тамоми мавҷудоти дигар ба таври комил тафовут дорад. Инсон бо ҳайвонот дар масъалаҳои инситинкт ва нерӯи муҳаррикиву ғизогиранда муштарак бошад ҳам, тавассути иродаву шуур фарқ мекунад. Ӯ менависад: «Мо одамон воқеан дарк хоҳем кард, ки аз ҳайвоноти дигар бартар ҳастем, вақте ки ҷаҳор рукни моҳияти аслии инсонии худро дар дохиламон тавассути ирода, инстинкт, шуур ва ғайра эҳсос мекунем» [131, с. 78].

Дар ҳақиқат, танҳо инсон чунин унсурҳоро дар якҷоягӣ метавонад дар худ ҷамъ дошта бошад ва ба ин васила аз дигар мавҷудоти рӯи дунё фарқ дорад. Дар ин асар Салҷуқӣ моҳияти инсонро ҳаматарафа таҳлил ва таҳқиқ мекунад. Пас аз таърифи ҳар яке аз ин мафҳумҳо ва барқарорсозии равобити байни онҳо таваҷҷуҳи худро ба асли инсон дода, таъкид мекунад, ки ин шакли махсуси ҳастӣ ба таври мустақил ва фарқкунанда аз ҳайвоноти дигар офарида шудааст. Вай бо такя ба назарияи иратсионӣ ин андешаҳои худро бо далелҳои зиёде исбот кардан хоста, назарияи эволютсионии Чарлз Дарвинро ба таври ҷиддӣ рад мекунад. Салҷуқӣ иддао мекунад, ки инсон аз ҳамон рӯзе, ки ба андеша оғоз кард, дар ҷустуҷӯи моҳияти худ буд. Ӯ худшиносиро асоси дарки олами ҳастӣ медонад. Салҷуқӣ дар мавриди ғаризаи инсонӣ назари ҷолибе пешниҳод карда аст. Ӯ мӯътақид аст, ки ғаризаро дар ботин фурӯ

нишондан мумкин нест, балки бояд он муътадил нигоҳ дошта шавад, ки фитратан офаранда будани инсонро таъйид мекунад. Вай таъкид мекунад, ки танҳо инсон тавонист, ки табиатро ба нафъи ҷомеа ва ободии он тағйир диҳад. Аз ин рӯ, инсонро устоди табиат ва шарафтарин мавҷуди рӯи замин меҳисобад.

Дигаре аз асарҳои Салҷуқӣ "Афсонаи фардо" ном дорад, ки дар охирҳои умраш онро эҷод намуда аст. Ин асар пас аз марги муаллифаш нашр шудааст. Вай дар ин асар натиҷаҳои тамоми таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ, ақидаҳои фалсафӣ ва назари худро нисбат ба ояндаи башарият баён мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки ин асар аҳамияти баланди идеявӣ дошта, дошта дар он асосан масъалаҳои фалсафаи иҷтимоӣ матраҳ гардидааст. Ин китоб аз 290 саҳифа иборат буда, соли 1990 дар маркази фарҳангии Афғонистон, дар Пешовар, табъу нашр шудааст.

Дар муқаддимаи ин китоб Салҷуқӣ менависад: «Ҳар он бесарусомоние, ки дар Ватани азизи хеш мебинем, хоб ва афсона нест. Дар баробари ин, ба ояндаи Ватани азизам ман ба чашми сар назар мекунам... Ман ҷузъ аксбардор дар ин масъала дигар чизе нестам, ки аксҳои рангаеро беғаразона пешкаши мардуми ҷаҳон мекунам. Аммо нисбат ба фардое, ки тавсиф кардам ва дар пеш аст, хушҳол ҳастам, зеро ман нисбат ба ин насли инсон як ояндаи рӯшан, нек ва бофазиллатро мебинам» [124, с. 8].

Салҷуқӣ тарғиб мекунад, ки аҳли маъни бояд нисбати имрӯзу фардои ҷомеа назари интиқодӣ дошта бошанд. Ҳамзамон нисбати мушкилоти ҷойдоштаи иҷтимоӣ воқеъбаён бошанд, то ҳар чӣ зудтар он масъалаҳо ҳалли худро ёбанд. Илова ба ин, аҳли зиё бояд нисбати ояндаи ҷомеа хушбин бошанд ва дурнамои пешрафту инкишофи онро дар робитаи бо илму техника ва технологияе баррасӣ намоянд. Агар ин сурат, кору пайкори ҷомеа бо нақшаву барномаҳои мушаххас ва боварӣ ба ояндаи нек тавъам гардида, натиҷаҳо низ мусбат хоҳанд гашт, ки ба манфиати умум хоҳад буд. Салҷуқӣ ишора мекунад: "Мехоҳам таърихи ояндаи башариятро мухтасар баён кунам... Рӯзе фаро хоҳад расид, ки инсоният ба роҳи ҳақиқии башарият қадам

мегузорад, ки дар он қадру қимати инсонӣ ва моҳияти худро меомӯзад, бо дастовардҳои илмии муосир муҷаҳҳаз гардида, бо техникаи нав ошно мегардад. Инсон дар ҷомеаи имрӯза ё комилан ба индивидуализм рӯ оварда сарнавишти иҷтимоии худро фаромӯш кардааст ва ё баракс комилан ба сӯи ҷомеа рӯ оварда аз моҳияти фардии худ ҳамчун як мавҷуди мустақил дур мондааст. Мерасад рӯзе, ки инсоният ба ҳӯш меояд ва ҳамчун як шахси мустақил тамоми вуҷудияти худро тарбият мекунад. Шахси оянда кӯшиш мекунад маҳорати бештар гирад ва сайъ мекунад, ки асрори кайҳонро ифшо намояд ва ин маконро зеботар гардонад, манзилашро макони оромишу осоиш ва ҷойи амн гардонад”.

Яке аз асарҳои хеле муҳими Салҷуқӣ “Ҷаббира” ба ҳисоб меравад. Ин асар аз 16 боб иборат аст, ки соли 1956 аз чоп баромадааст. Дар бахши аввали ин асар муаллиф ба ҷавонони кишвараш дастур медиҳад, ки аз ҳолати бепарвоӣ даст кашанд ва ҳеҷ гоҳ бефаъолиятӣ накарда, қувваи маънавии ҷавонии худро дар ин роҳои номашруъ сарф накунад. Дар ҳаёт роҳеро интихоб намоянд, ки барои дигаргунсозии худ ва ҷомеа таъсиргузор бошад. Инчунин бо “корвони тамаддун” қадам гузоранд. Салҷуқӣ ҷавонони мамлакати худро даъват мекунад, ки барои аз худ намудани илму техникаи муосир саъю кӯшиш кунанд. Ҷавонон дар баробари аз худ намудани донишу технологияи нав бояд фарҳангу арзишҳои миллӣ, анъанаву дастовардҳои худро пос доранд ва дар ҳифзу ҳимояи онҳо талош дошта бошанд.

Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки рассомӣ ва ҳайкалтарошӣ яке аз истеъдодҳое ҳастанд, ки насиби ҳаркас намегарданд. Рассомон ва шахсони эҷодкор рӯҳи ҳассос доранд. Онҳо ҳангоме ба олами атроф менигаранд онро бо завқу идеалҳо худ созгор намебинанд ва бо асбобҳое, ки дар ихтиёри худ доранд, аз қабили қаламу қоғаз барои худ олами дигареро ба вуҷуд меоваранд, ки ба завқи идеалӣ мувофиқ аст. Масалан Салҷуқӣ дар бораи Буддо, ки онро ҳайкалтарошон сохтаанд чунин андеша дорад: «Чаро дар Бомиён муҷассамаи Буддо баландии панҷоҳу се метр сохта шуда буд? Бале ин муҷассама дар баландӣ ё идеали худ сохта шудааст. Онҳо баландии

табиии Буддоро дар муқоиса бо баландии воқеии ӯ нокофӣ дидаанд ва хостанд (ҷаббира) ин камбудиро ҷуброн кунанд, зеро муқоисаи ин қомати хурди баданро бо рӯҳи бузургии Буддо ва ғайра қобили қабул медонистанд ва ба ин васила бо баланд бардоштани қомати ӯ ин камбудиро ҷуброн карданд» [133, с. 106].

Салҷуқӣ дар ин асар чунин мафҳумҳои фалсафӣ, аз қабили имкон ва воқеият, зебоию зиштӣ, идеал ва нақши онҳоро дар рафтори инсон таҳлил намуда, аҳамияти онҳоро дар ҳаёти иҷтимоӣ ифшо мекунад. Дар баробари ин, ӯ ба рассомон эҳтироми баланд намуда, ба ин назар аст, ки онҳо метавонанд ҷаҳонро ба тариқи эстетикӣ инъикос намоянд, чуноне ки Буддоро тасвир намуданд. Асари рассом таъсири амиқе дар рӯҳияи афроди иҷтимоӣ расонида метавонад, он омили созандагиву бунёдкорӣ мегардад. Салоҳуддини Салҷуқӣ ба шарҳу тавзеҳ ва тарҷумаи баъзе асарҳо иқдом намуда, дар ин ҷода низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Китоби “Муҳаммад дар ширхорагӣ ва кӯдакӣ” аз ин ҷумла аст. Ин китоб бо забони арабӣ, форсӣ аз ҷониби донишманди мисрӣ Муҳаммад Шавкат Ал-Тунӣ тарҷума гардидааст. Он аз панҷоҳ боб ва ду мактуб, ки якеро тарҷумон ба муаллиф ва дигарашро муаллиф ба тарҷумон навиштаанд, иборат аст. Ҳамзамон бо номи “Гӯшае аз пайғоми ту” дар ҳаҷми 221 саҳифа, ки соли 1963 дар Кобул ба табъ расидааст, ба он замима мегардад. Ин китоб дар бораи зиндагиномаи Пайғамбари ислом Муҳаммад буда, бачагӣ, наврасӣ, калонсолӣ, то замони издивоҷашро фаро мегирад. “Гӯшае аз паѓоми ту” асари таҳлилию таҳқиқотиест, ки бо догмаҳои исломӣ ва муқоисаи онҳо бо мушкилоти имрӯза, аз нигоҳи илмҳои табиатшиносиву иҷтимоӣ ва иллоҳиёт бахшида шудааст.

Дигаре аз осори тарҷумавии Салҷуқӣ “Этика Никомах”-и Арасту аст. Ин китоб яке аз сарчашмаҳои муътабартарини илмӣ ба шумор меравад. Салҷуқӣ онро аз англисӣ ба забони форсӣ тарҷума кардааст. Китоб аз 530 саҳифа иборат буда, дорои 10 бахш аст. Ҳар бахш ба унвони китоби алоҳида матраҳ мегардад. Китоби аввал дар 13 боб, китоби дуввум 9 боб, китоби

сеюм дар 12 боб, китоби чорум дар 9 боб, китоби панҷум дар 11 боб, китоби шашум дар 13 боб, китоби ҳафтум дар 14 боб, китоби ҳаштум дар 14 боб, китоби нуҳум дар 12 боб ва ниҳоят китоби даҳум дар 9 боб, ки соли 1953 дар Кобул нашр шуда, ҷамъоварӣ шудааст. Дар ибтидои китоб, зери сарлавҳа ҷудо аз матни китоб дар ҳаҷми 141 саҳифа "Муқаддима"-и Салҷуқӣ мавҷуд аст, ки дар бораи ҳаёт, афкор ва осори Арасту ва таърихи фалсафаи Юнон ба таври муфассал маълумот медиҳад. Ин муқаддимаро як кори алоҳидаи тадқиқотӣ гуфтан мумкин аст.

Дигаре аз осори тарҷуманамудаи Салҷуқӣ "Тазҳиб-ул-ахлоқ" (ислоҳи ахлоқ) аст. Ин китоб ба таърихи фалсафаи ахлоқ бахшида шуда аз ҷониби донишманди маъруф Абу Алӣ Аҳмад ибн Яъқуб Мискавайҳ, таълиф шудааст. Ин асарро Салҷуқӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума намудааст. Ҳаҷми ин китоб 80 саҳифа буда, соли 1955 дар Кобул ба табъ расидааст. Ин асар ба сифати яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои илми ахлоқ баромад мекунад ва донишмандони зиёде дар таълифи асарҳои ахлоқӣ аз он истифода намудаанд. Масалан, Насриддини Тусӣ дар таълифи "Ахлоқи Носирӣ" онро ҳамчун сарчашмаи хеле муҳим истифода карда, аз он иқтибос меорад.

Дар асоси омӯзиши ҳаёту фаъотият ва осори мутафаккир чунин хулосаҳоро метавон ироа кард:

- Салҷуқӣ дар яке аз хонаводаҳои фарҳангии Афғонистон тарбият ёфта, тавонист бахши бузурги улуми замони худро аз донишмандони маъруфи замони худ, омӯзад. Дар байни илмҳои гуногун ба фалсафа бештар таваҷҷуҳ дошт ва осораш низ дар ин самт таълиф шудааст.

- Салҷуқӣ на танҳо дар Афғонистон, балки берун аз он, дар Ҳинд, Миср, Туркия, Британияи Кабир ва кишварҳои араб, ҳамчун олим ва мутафаккир маъруф гардид. Ӯ дар Британияи Кабир муҳаррири энсиклопедияи исломӣ инчунин узви Фарҳангистонӣ улуми Миср интихоб шуда буд. Бо донишмандони қарни худ, мисли Муҳаммад иқболи Лоҳурӣ дар Ҳинд, доктор Шариатӣ дар Эрон ва дигар олимони соҳаҳои гуногун робитаи илмӣ дошт.

- Салҷуқӣ ҳамчун олим маорифпарвар ва ислоҳотхоҳ ба халқи худ хизматҳои зиёде намудааст ва дар вазифаҳои бонуфузи давлатӣ низ фаъолият намуда, ҳамзамон ҳамчун асосгузори театр ва радио, студия низ дар кишвараш шинохта мешавад. Орзӯ дошт, ки халқаш аз илму техникаи муосир хуб огоҳӣ пайдо карда, дар ин самт пешоҳанг шаванд.

- Асарҳои Салҷуқӣ дар рӯҳияи ислоҳхоҳӣ навишта шуда, мавқеи фалсафии муаллифро бозгӯ мекунад. Дар онҳо масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи талаботи муосир, ташаккули тафаккури илмию маънавӣ онҳо, мушаххас намудани мавқеъ онҳо дар тамаддуни муосир, проблемаи моҳияти ҳастӣ, ҳадаф ва маънои зиндагӣ, масъалҳои ташаккули шахсияти нав, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад, ҳалу фасл гардидаанд, ки барои насли имрӯза низ арзишманд аст.

- Салҷуқӣ пайваста ба Ваҳдат даъват менамуд. Дар баробари ин ӯ ба илму техникаи замони муосир майл намуданро ба ҷавонон зиёд тавсия медод. Инчунин ҷавоноро ба ҳифзи падидаҳои фарҳанги миллӣ даъват намуда, онҳоро ба худшиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои умумибашарӣ даъват менамуд.

- Салҷуқӣ яке аз донишмандон ва файласуфоне буд, ки дар фалсафа, адабиёт, ахлоқ ва зебоишиносӣ саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ ба таври васеъ дар бораи инсон ва қобилиятҳои ӯ андешаронӣ кардааст, ки барои маърифати моҳияти ин шакли махсуси ҳаётӣ арзиши хос дорад.

- Салҷуқӣ дар заминаи омӯзиши афкору андешаҳо ва осори мутафаккирони Шарқу Ғарб тавонистааст, ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафии худро такмил бахшида, ба диди интиқодӣ оронӣ онҳоро мавриди баҳогузорӣ қарор диҳад. Вай бо дилбастагии хоссе ба омӯзиши осор ва афкори мутафаккирон, аз қабили Зардушт, Конфутсӣ, Лаотсӣ, Мотсӣ, Буддо, Форобӣ, Сино ва амсоли онҳо пардохта, ба фалсафаи амалии онҳо аз наздик шинос гардид ва дидгоҳи шарқиёнаи онҳоро дар ташаккули илмӣ ахлоқ баррасӣ намуда, таъсироти онро дар ташаккули таълимоти ҳакимони баъдӣ ошкор сохт. Инчунин, афкори файласуфони ғарбӣ, аз қабили Суқрот, Бертран Рассел,

Ҳадеггер ва дигаронро таҳлилу баррасӣ намуда, фикру андешаҳои онҳоро дар тарозӯи ақлу мантиқ баркашӣ ва он чиро ки мақбул донист, дар эҷодиёти худ қайд намуд ва он чиро ки ба ӯ қобили қабул набуд, бо далелҳои қатъӣ рад карда, диди худро ошкоро баён сохт. Ин нуқтаро дар мавриди омӯзиши осори ин файласуфон дидан мумкин аст. Дониши васеъ ва амиқи ӯ аз фалсафаи юнонӣ ҳангоми хондани муқаддимае, ки ӯ ба “Этика”-и Арасту навиштааст, мушоҳида мешавад. Дар ин муқаддима, ки худ як китоби алоҳидаи таърихи фалсафаи Юнону Искандария, Бағдоду Балху Бухоро аст, Салҷуқӣ ин таҳаввулоти ақидаро бо дақиқии комил ва мантиқӣ нишон додааст;

- ҷаҳонбинии фалсафии Салҷуқӣ табиатан ба идеалистҳои мутлақ ва шабоҳат надорад. Вай ба қудрати ақл дар шинохти материя бовар дорад, аммо материяро офаридаи Худо медонад. Ба қудрати дигаргунсозии инсон, илм ва техника бовар дорад, аммо муътақид аст, ки онҳо аз тақдири иллоҳӣ бармеоянд, на аз ҳавову ҳаваси инсоният. Салҷуқӣ маорифро дармони тамоми носозгориҳо, шарти бедории мадании халқҳо ва аз байн бурдани ноадолатӣ, бесаводӣ ва қашшоқӣ дар мамлакатҳои Шарқ хусусан дар Афғонистон медонад. Ба эътиқоди ӯ, «Дил бояд аз муҳаббат ба Худо пур бошад ва ақл ба пешрфти илму техника нигаронида шавад» [134, с. 54].

- салҷуқӣ ҳамчун файласуфи моддигаро чанд асари дорои хусусияти динӣ навиштааст, ки дар он фалсафаи исломиро аз дидгоҳи нави худ мавриди баррасӣ қарор дода аст. Асарҳои динии ӯ бо рӯҳияи ислоҳот фаро гирифта шуда, ба муносибати оқилона ба имон, инкори ҷаҳлу тасаввуф ва шинохти оқилонаи Худо нигаронида шудааст. Таҳлили осори мазҳабии ӯ нишон медиҳад, ки фалсафаи динии ӯ бо рӯҳияи равшанфикрӣ, навоварӣ, ислоҳотгарӣ ва оқилона фаро гирифта шудааст, ки ба тағйири ҷаҳони исломӣ ба сӯӣ илму техникаи пешрафта нигаронида шудааст.

- дар осори фалсафии Салҷуқӣ дар баробари проблемаҳои моҳияти инсон, мақсаду мазмуни ҳаёт ва мақсади иҷтимоии ӯ, ки ба бахши антропология мутааллиқанд, инчунин масоили калидии ҳастишиносӣ ва

маърифатшиносӣ низ баррасӣ шудаанд ва аз масъалаҳое мебошанд, ки Салҷуқӣ дар тамоми ҳаёти эҷодии худ бо онҳо машғул буд. Маҳз, ҳамин паҳлӯҳои дидгоҳҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ мавриди таҳлил дар қисмати баъдии рисолаи мо хоҳад буд.

Хулоса, Салоҳуддини Салҷуқӣ шоир, маорифпарвар, сиёсатмадор, дипломат, фарҳангшинос ва файласуфи барҷаста буд. Асарҳои ӯ фарогири масъалаҳои муайяни фалсафӣ, аз ҷумла, онтология, мантиқ, ахлоқ, эстетика, ҷомеашиносӣ, таърих, забоншиносӣ, адабиёти ирфонӣ, тасаввуф ва теология мебошанд. Дар баробари ин, Салҷуқӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ низ дониши амиқи илмӣ дошт. Низоми таълимоти фалсафии ӯ мураттаб ва мутаносиб аст. Зеро, онҳо дар заминаи далелу эътиқоди амиқ, ки бо донишҳои илмӣ собити худро ёфтаанд, асос меёбанд.

1.2. Заминаҳои ғоявии ташаккули таълимоти динӣ - фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ

Дар ташаккулу таҳаввули андешаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ сарчашмаҳои гуногуни ғоявӣ нақш бозиданд ва онҳоро ба як чанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- сарчашмаҳои динӣ (Қуръон, аҳодиси набавӣ, осори фиқҳӣ ва каломӣ);
- фалсафаи Юнони Бостон (таълимоти Суқрот, Афлотун, Арасту);
- фалсафаи машшоияи шарқӣ (таълимоти Форобӣ, Ибни Сино);
- ирфон (афкори Ҷомӣ, Бедил, Маҳмуд ибин Абдулкарим Шабистарӣ);
- фалсафаи классикии немис (таълимоти Гегел, Кант);
- осори файласуфони маорифпарвар ва ислоҳотхоҳи исломӣ (андешаҳои Сайид Ҷамолиддин ибн Сафдар Афғонӣ, Муҳаммад Абдо ибн Ҳасан Абдо , Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ);

- экзистенсиализм, позитивизм ва дигар мактабҳои муосири фалсафии ғарбӣ (таълимоти Декарт, Бергсон ва ғ.).

Дар ҷавони Салҷуқӣ худро мутафаккири исломӣ муаррифӣ мекард, аммо дар охири умраш шариат, фалсафа, табиатшиносӣ ва ирфонро ба ҳам алоқаманд намуда, ҳамчун файласуфи гностик машҳур мешавад.

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар як асари худ, бо номи «Тақвими инсон» чунин навиштааст: «Ман дар оилае ба дунё омадаам, ки дар он таълиму тарбия дар мадди аввал меистод ва ҳамаи аъзои оилаамон донишмандони олимансабу олимақом буданд. Якчанд муддат ман аз роҳу равиши гузаштагони худ истифода мебурдам ва баъдтар аз шавқу рағбати беинтиҳои худ, ба фалсафа машғул шудам. Ахлоқ фиқҳ ва тасаввуф маро бештар ба сӯи фалсафа роҳнамоӣ кард. Лекин фалсафа ҳеҷ вақт мақсади ман набуд, балки як роҳе нисбат ба омӯхтани адабиёти ахлоқӣ ва тасаввуф буд» [131, с. 20].

Тибқи мазмуни асарҳои дар солҳои охири умр навиштаи Салоҳуддини Салҷуқӣ метавон хулоса кард, ки ӯ ба ҳеҷ як аз ҷараёнҳои маҳдуд ва догматикии фалсафии замони худ вобастагӣ надошт. Салҷуқӣ ба ин ақида устувор буд, ки новобаста аз ҷустуҷӯ кардан ва дарёфти назарияҳои хуб, онҳо боз дар таркибашон назарияҳои нокифоя низ доштанд. Бинобар ин, мутафаккир ҳамзамон бо ин, ки тамоми тарафҳои мусбати он назарияҳоро чӣ дар боби ҳастишиносӣ ва чӣ дар бахши маърифатшиносию инсоншиносӣ дарҷ менамуд, ҷиҳатҳои манфии онҳоро низ зикр ва интиқод кардааст. Хатти меҳварии пажӯҳишҳои ӯро на пайравии кӯрона аз як мактаби хос, балки кӯшиши сохтани як синтези консептуалӣ миёни унсурҳои ҳикмати суннатии Шарқ ва дастовардҳои ақлгароию илмии ғарби Замони Нав ташкил медод, ки ин амр гувоҳи нигоҳи мустақили илмии ӯст.

Салоҳуддин Салҷуқӣ ба мероси бузургони тасаввуфи назариявӣ бахусус Ибн Арабӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, таваҷҷуҳ дошт. Бо он ки мафҳуми маъруфи «Ваҳдат-ул-Вуҷуд»-и Ибн Арабӣ ҳамчун

пойгоҳи асосии фикрии ӯ қабул мешуд, Салҷуқӣ онро маҳдуд намедонист ва бо назари таҳлилӣ ва систематикӣ ба масъалаҳои воқеият ва ҳастӣ рӯ ба рӯ мешуд. Ӯ усулҳои муосири мантиқӣ ва фалсафии таҷрибавиро барои равшан кардани масоили печида истифода мебурд.

Дар китоби ӯ – «Пайдоишҳо ва зуҳуроти Худо дар олами беруниву ҷаҳони дарунӣ» ин мавқеи таҳлилӣ хуб инъикос ёфтааст, ки бо таъсири осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва истифода аз ақлу мантиқ, масъалаҳои офаринишу робитаи воқеияти берунӣ бо ботинро ба таври муосир шарҳ дода шудаанд.

Ҳамчунин, андешаҳои Салҷуқӣ дар раванди бедории милливу маънавӣ дар Шарқ, бахусус Афғонистон бо таъсири Муҳаммад Иқбол ва Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ пайваст буда, ӯ на танҳо мероси онҳоро эҳтиром мекард, балки бо равиши танқидӣ ва созанда роҳҳои нави маърифатро пешниҳод мекард. Фалсафаи ӯ ҳам ба эҳёи суннат ва ҳам ба навоварӣ такя мекард.

Ин усул ва назарияҳои таҳлилии ӯ барои рушди маънавӣ ва фалсафа дар Афғонистон ва миқёси ҷаҳонии Шарқ шинохта шуданд, роҳҳои нав барои ҳамоҳангсозии суннату навоварӣ дар фалсафа кушоданд.

Салҷуқӣ бо пажӯҳишҳои густурдаи худ дар заминаи донише, ки аз мактабҳои фалсафии Юнони бостон ва Аврупои муосир ба даст оварда буд, кӯшиш кард, то фаҳмиш ва биниши хешро ба ҷаҳон муаррифӣ кунонад. Салҷуқӣ аз фалсафаи қадим, махсусан мактабҳои фалсафии Юнони бостон ва ҷараёнҳои фалсафӣ дар ислом инчунин, мактабҳои фалсафии аврупоии пас аз асри 15-ум мутолиаи зиёд намуда буд. Ворид шудани ӯ ба илми ахлоқ ва таълифи осори ахлоқӣ аз ҷониби вай баёнгари он аст, ки Салҷуқӣ дар такмили донишҳои ахлоқӣ саҳми босазо гузоштааст. Мавқеи ӯ, ки роҳбари мустақили матбуот ва вазири иттилооту фарҳанг буд, пойдории матбуоти навтаъсис, тарбияи инсон дорои дониши кофӣ ва қалби ҳушёрро тақозо мекард, ки аз навовариҳои илм огоҳ бошад.

Ҳангоми мутолиаи осори Салҷуқӣ метавон таъсири ислом ва ахлоқи бадеиро дар таълимоташ дарк кард. Як ҷанбае, ки шахсияти ӯро муаррифи менамояд, ин дин ва фалсафа мебошад. Вай фалсафаи Юнони қадим, машшоия, фалсафаи калом, фалсафаи классикии немисро, хуб аз худ намуда буд, ки метавонист ба саволҳои асосии фалсафии идеалистӣ дар бораи моҳияти Худо, ҷаҳон ва инсон ҷавоби возеҳ ва равшанро баён намояд. Ӯ равшан баён намуда, посух додааст, ки санъат чист ва осори файласуфҳои зиёде аз юнонӣ то мусулмонӣ омӯхтааст. Ҳарчанд дар муҳити сиёсию фарҳангии замони Салоҳуддин Салҷуқӣ маҳдудиятҳои мафкуравӣ барои озодбаёнии олимону файласуфон мавҷуд буданд, ӯ аз нафароне ба шумор мерафт, ки андешаҳои фалсафии худро озод ва бидуни ҳарос изҳор медошт. Сабаби ин ҷасорати фикрӣ ва озодандӯҳии ӯ дар он буд, ки фаъолияти тӯлониаш ҳамчун дипломат ва сафир дар кишварҳои ҳамсоя, аз қабили Ҳинду Миср, ҷаҳонбинии илмиашро васеъ намуда, ӯро бо ҷараёнҳои мунаввари фикрии байналмилалӣ пайванд дод ва мақоми расмии эътирофшудааш ба ӯ нуфузи хоссаи сиёсӣ бахшид.

Ӯ дар осори худ андешаҳои файласуфони Юнони қадимро таҳлилу хулоса карда, ба натиҷагириҳои дилхоҳ даст ёфтааст. Аз ҷумла, назари Арастуро дар мавриди ҳайюло баён карда, зикр мекунад, ки «ҳайюло муҷиби бавуҷудойии ашё ва сурат боиси ҳосил шудани онҳо аст» [123, с. 10-15]. Дар ин масъала Салоҳуддини Салҷуқӣ аз нигоҳи фалсафаи идеалистон ба назарияи Арасту нигариста, як ҷо будани сурат ва ҳайюлоро, ки боиси қадим донистани олам шудааст, эрод гирифтааст. Салҷуқӣ ин назарияи Арастуро рад карда, нишон медиҳад, ки дар он танақуз (зиддият) мавҷуд аст. Аз назари ӯ, ғайриимкон аст, ки «ҳайюло ва сурат барои пазируфтани сурати комилтар якдигарро тарк кунанд. Зеро ҷузъҳои таркибии ҷисм ба ҳам пайвастаанд ва намегузоранд, ки ҷисми мураккаб ҳаҷм ва шакли худро ба осонӣ аз даст диҳад. Аз ин рӯ, тағйири куллии сурат бидуни аз байн рафтани худи ҷисм аз нигоҳи мантиқӣ номумкин аст» [123, с. 16-18].

Ба андешаи Салҷуқӣ дар дунёи таҷриба борҳо мушоҳида шудааст, ки ашё бо зидди худ рӯбарӯ шуда, ё аксуламал кардаанд ва аз таркиби онҳо чизи миёнарави дигар, ки сеюм ашёст, ба вуҷуд омадааст. Бояд гуфт, ки Салҷуқӣ дар ин замина ба назарияиҳои Арасту ва Гегел такя карда, андешаи шахсии худро пешниҳод сохтааст. Аз ҷумла, таъкид мекунад, ки «Гегел ин ҷузъҳоро дар мафҳуму мафкураҳо ба кор бурда, шарҳе надодааст, ки айни ин ҷузъҳо ва ё мисли он дар мавод ва ҷисмҳо низ истифода мешавад. Ҳатто дар мафҳумҳои афкор низ то чизе ба тарафи ифрот нагарояд, ба зидди худ аксуламал намекунад ва аз тарафи дигар беҳтар аст инсон тариқаеро бигирад, ки моддиву маънӣ ва ва ҳатто лафзу маънӣ аз ҳамдигар хеле дур ва бегона намонад, зеро сурат зарфи сират ва лафз қолаби маънӣ колбадхонаи рӯҳ аст» [123, с. 22].

Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки «назарияҳои кадимаи илмӣ, аз ҷумла атомизми Демокрит ва таълимоти ҳайулло ва сурат-и Арасту, бештар ба андешаронӣ ва тафаккури назариявӣ асос ёфта буданд ва имконияти санҷиши таҷрибавии онҳо маҳдуд буд. Аммо назарияҳои илмии муосир, аз ҷумла назарияи квантӣ ва назарияи атом, бо натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ ва рушди технология робитаи зич доранд. Яъне, дар илми муосир назария на танҳо тавассути тафаккур, балки дар асоси мушоҳида, таҷриба ва санҷиши илмӣ ташаккул меёбад» [123, с. 24].

Яъне, ақида Салҷуқӣ оиди ду тарзи пайдо шудани донишҳои илмиро муқоиса мекунад: илми қадим ва илми муосир. Масалан Демокрит мегуфт, ки ҳамаи чизҳо аз зарраҳои бисёр хурд, яъне атомҳо иборатанд. Аммо дар замони ӯ имкони дидани атом, гузаронидани таҷрибаи лабораторӣ ё бо асбобҳо санҷидани ин фикр вуҷуд надошт. Бинобар ин, ӯ бештар бо ақл, мушоҳидаи оддӣ ва мантиқ ба чунин хулоса расида буд.

Салҷуқӣ аз нигоҳи фалсафаи исломӣ ворид шуда, ишора мекунад, ки ҳатто таҷриба дар заминаи тааммул ва ақл шакл мегирад. Ҳақиқат, на танҳо таҷрибавӣ, балки маънавӣ ва маърифатианд. Салҷуқӣ андешаҳои мутафаккирони Ғарбро хулоса карда, мавқеи миёнаи худро миёни

таҷриба ва фикр қарор медиҳад, вале фикрро бартарӣ медиҳад, ҳастиро як пардаи маъноӣ ва фикрӣ мебинад, на моддӣ ва илмро эҳтиром мекунад, вале танқид мекунад, ки илми бе ахлоқ хатарнок аст [126, с. 18].

Вай на танҳо афкори файласуфони Юнон, балки осори фалсафии дигар мутафаккирони кишварҳоро аз давраи Қадим, то садаи бистум низ таҳқиқ, таҳлил ва баҳо додааст. Аз ин рӯ, ӯ тавонист, ки дар тамоми бахшҳои фалсафа осори тоза ва асил боқӣ гузорад, мисли таърихи фалсафа, назарияи дониш, фалсафаи ахлоқ, эстетика, санъат, мантиқ ва ғ.

Барои омӯзиши мустақими осори фалсафӣ ӯ забонҳои англисӣ ва лотиниро аз худ намуда буд, то китобҳои бо забони лотинӣ ва англисӣ навишташударо низ истифода барад. Салҷуқӣ ҳамеша ба мушкилиҳо танқидовар назар меандӯхт, ки ин махсусан дар муқаддимаи китоби «Этика»-и Арасту ва дигар эҷодиётҳояш мушоҳида мешавад. Ӯ аз таърихи фалсафа низ огоҳ буда, фалсафаи асрҳои миёна ва асри нав, махсусан андешарониҳои Гегел ва Кант баҳои баланд дода, ақидаи худро дар бораи эҷодиёти Карл Маркс ва Фейербах кушоду равшан баён намудааст. Салҷуқӣ ба навиштаҳои файласуфони муосир дастрасӣ дошт ва онҳоро бодиққат меомӯхт. Инак дар тамоми мулоҳизаҳои фалсафии худ аз гуфтаҳои Бертран Рассел, Ҳайдеггер ва дигар файласуфон истифода бурда, ба баъзе ақидаҳои онҳо розӣ шуда ва ба баъзеи дигар танқидона назар мекард.

Салҷуқӣ бо шарофати неъмати фитрии худ ба омӯзиши илмҳои гуногун шурӯъ намуда, ба бисёре аз илмҳои иҷтимоӣ ва табиатшиносии он замон, бахусус фалсафа ошноӣ пайдо кардааст. Тавассути омӯзиши осори Имом Фахриддини Розӣ ба моҳияти амиқи фалсафа ворид шуда, ба олами фалсафаи юнонӣ муяссар шуд, ки осори фалсафаи Юнони қадим, бахусус осори Афлотуну Арасту ва ҳатто ба таҳқиқи он муваффақ гардид. Салҷуқӣ афкори баъзан файласуфонро бо назари танқидӣ нигариста, дар баъзан ҳолат онҳоро рад мекард ва дар баъзеи ҳолат андешаҳои онҳоро қабул менамуд. Аммо китобе, ки таваҷҷуҳи ӯро

бештар ба худ ҷалб намуда буд, ин «Накомакӯшӣ» ё «Этикаи Арасту» буд. Вай китобро бо забони дарии афғонӣ тарҷума карда ба он 136 саҳифа муқаддима навиштааст.

Ин ҳама мушкилот дар он аст, ки пайванди ду илм, яъне илми офоқ ва анфус имрӯзҳо аз байн рафтааст, дар замоне, ки озмоишгоҳ эҷод нашуда буд, илми мантиқ аз ҷониби Арасту сарчашма гирифт. Дар замони пайдоиши илми офоқу анфус таҳлили мавод ва таркиби онон муайян набуданд, лекин ба ин нигоҳ накарда тарзи тафаккуро дар ин илм муайян карда тавонистанд. Арасту чи гуна ба ҳам пайваст кардани таҳлил ва маъноҳоро медонист. Тобеъ гардонидани олами моддӣ ба мантиқи Арасту аввалин санги озмоишгоҳе буд, ки мехост паҳлӯ ба паҳлӯи материя ва маъно омӯхта шавад ва азбаски он давраи аввалини башарият ба ҳисоб мерафт, вай дар таркиб ва таҳлили мавод қадами дигар гузошта натавонист. Маҳз дар ҳамин замина буд, ки Арасту азбаски материяро аз шакл ва араз иборат медонист, ҳақ дошт, ки мафҳумҳоро дорои ду ҷузъ ҳисоб кунад. Ду ҷузъи олами моддӣ ба ҳам монанданд ва метавонанд бо онҳо муошират кунанд. Аз ин рӯ, табиат аз ду унсур ва гавҳар иборат аст, ки мафҳуми воқеиро муаррифӣ мекунад. Салҷуқӣ китоби «Нақди Бедил»-ро дар бораи афкору андешаҳои матраҳ шуда, ғазалҳо, маснавиҳои ирфонӣ, рубоёт қасоид ва маркаботи Бедил навиштааст, ки ин аз таъсирпазирию баҳрабардории фаровонии ӯ аз таълимоти ирфонии Абдулқодири Бедил ва дигар орифони машҳури исломӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳарчанд самти интиқод пас аз Салоҳуддин Салҷуқӣ шеваи тозаеро ба худ гирифтааст, аммо бартарии ин асар дар он аст, ки таваҷҷуҳи наслҳои ояндаро ба худ ҷалб кунад. Аз нуқтаи назари Салҷуқӣ усули кори орифони исломӣ, махсусан Бедил беҳамто аст ва ҳеҷ кас мисли ӯ бо чунин тавоноӣ мазмуни фикрашро пешниҳод карда наметавонад. Аз нигоҳи ӯ андешаҳои “Ваҳдати вуҷуд” аввалин бор дар Упанишадҳо (тафсирҳои дуоҳои ведӣ), инчунин дар шеъри Гомер оварда шудаанд, сипас ҷараёни таърихии ин андешаро метавон дар ақидаҳои

паҳншавии ақидаҳои афкори фалсафии юнонӣ мушоҳида кард. Пас аз зуҳури андешаҳои тасаввуфӣ дар ислом, ки ҷанбаҳои мафкураи метафизикӣ дар он ҷойгоҳи баланд доранд, ғояи ваҳдати ҳастӣ бо таъсири андешаҳои доираҳои фикри исломӣ пайдо шудаанд.

Бедил дар мавзӯи офариниш, тавҳид, тасаввуф, категорияҳои ирфонӣ тавонист мафҳумҳои ақлониро баён кунад. Салҷуқӣ дар нақди худ аз Бедил зоҳиран тавҳиди ҳастӣ таъкид карда ӯро дорои дараҷаҳои баланд донистааст. Аммо, дар матлаби гуфтаҳои ӯ хусусиятҳои ду навъи тавҳид, яъне тавҳиди ҳастӣ ва тавҳиди интуитивӣ зоҳир шудаанд.

Мафҳумҳои фалсафӣ, оятҳои Қуръонӣ, вожаву истилоҳоти тасаввуфи исломӣ ва андешаҳои файласуфони барҷастаи қарнҳои XI-X, аз қабили Форобӣ, Ибни Сино, Муҳаммад Ғаззолӣ ва Ибни Рушд, нишон медиҳанд, ки Салҷуқӣ бо ниҳояти хоксорӣ ва эҳтиром аз ин мероси бузурги маърифатӣ баҳра гирифтааст. Ӯ дониш ва таҳқиқоти худро дар партави ҳамин сарчашмаҳои пурғановати фикрӣ рушд дода, осорашро бар пояи анъанаи классикии фалсафа ва ирфон ба камол расондааст.

Дар сарзамини давлати муосири Афғонистон, дар замони эҳёи тамаддуни мусулмонӣ бо зуҳури шахсиятҳои барҷастае, чун Форобӣ ва Ибни Сино мактаби фалсафии ратсионалистии вилояти Балхи Афғонистон ташаккул ёфт. Ин файласуфон бо ақидаҳои ратсионалистии худ ба олами андешаҳои фалсафӣ дар бораи олам ва инсон навгониҳои зиёде ворид намудаанд. Баъдан мутафаккирон аз қабили Абу Зайд Балхӣ ва Абулмасхари Балхина дар асоси хиради фалсафии худ андешаҳои тозае ба вуҷуд оварданд, ки аз ақидаҳои фалсафаи Юнони қадим тафовут доранд.

Бояд гуфт, ки мероси илмии дусад соли охири давраи таърихии Афғонистон аз чунин илмҳо ба мисли фалсафа, мантиқ, диншиносӣ, фиқҳ, тасаввуф, адабиёт, морфология ва наҳви арабӣ иборат буд. Дар ин давра шахсиятҳои барҷастае низ пайдо шуданд, ки дар маркази илмӣ ба маҳфилҳои фалсафӣ роҳбарӣ менамуданд, ки дар онҷо баҳсу мунозираҳо

пайваста сурат мегирифт. Мутафаккирони кунҷков якҷо бо шогирдони заҳматталаб ба фазои тарбиявӣ, ки дар маҷлисҳои илмӣ, ба хусус дар мадрасаву масҷидҳо ҳукмфармо буд, гармии хосса мебахшиданд. Бояд гуфт, ки дар ин марказҳои таълимӣ на танҳо дар бораи осори пешгузаштагони онҳо, балки онҳое ки дар ин баҳсҳо, аз қабили Муҳаммади Ҷунайдур ширкат доштанд, баҳсу табоддули афкор сурат мегирифт. Мирзоҳиди Ҳиравӣ, Мулло Маҳбубуллоҳи Бухорӣ, Мавлавӣ Ҳабибуллоҳ Қандаҳорӣ, Саид Ҷамолуддин ибн Сафдар Афғонӣ, Мавлави Муҳаммад Умар Салҷуқӣ, Ғуломдӯст Салҷуқӣ, Мавлоно Муҳаммад Ҳусайни Салҷуқӣ, Мавлоно Абдулҳадӣ Салҷуқӣ осори тоза эҷод кардаанд.

Дар илму маорифи Афғонистон баъзан дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд, мисли мадрасаҳо ва дигар марказҳои таълимии ба ин монанд инкишоф ёфтанд. Якчанд мактабҳои фалсафӣ ривоҷ ёфтанд аз қабили мактаби машшо (мактаби перепатетикҳои Арасту), калом, фалсафа, тасаввуф, таълимоти тасаввуф дар бораи «Ваҳдат-ул-Вуҷуд», адабиёт ва назм. Ҳар яке аз мутафаккирон бо эҷодиёти худ бунёди мактаби илмию фалсафии Афғонистон саҳми муайяне гузоштаанд. Асарҳои онҳоро донишҷӯён дар марказҳои илмию таълимии кишвар васеъ истифода мебуранд, ки зери таъсири андешаҳои ин олимон қарор гирифта буданд. Дар ин ҷо каме таваққуф мекунем ба баррасии ҳаёт ва осори чанде аз олимони номбурда, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии Салҷуқӣ таъсир гузоштаанд.

Мир Зоҳид Ҳиравӣ. Мир Зоҳид соли 1643 мелодӣ дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Муҳаққиқи афғон Муҳаммад Ҳошим Моил Ҳиравӣ қайд мекунад: «Мир Зоҳиди Хиравӣ ақли равшан ва тафаккури воло дошт. Вай аз муфассирони осори мутафаккирони муосир ба шумор мерафт. Азбаски Мир Зоҳид Ҳиравӣ дониши густурда дошт, аввал ба Кобул даъват шуда, мушовир таъин шуд ва баъдан ба мансаби вазири

аъзами шоҳ таъйин гардид». Хизматҳои шоистаи кардаи ӯ дар шарҳ додани китобҳои чун:

1. «Шарҳи Муҳақиқ» олими асримиёнагӣ Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Асад ад-Давонӣ;

2. «Умури оммавии фалсафаи гузашта»-и Саид Шариф Али ибни Муҳаммад ал-Ҷурҷонӣ. Ин китоб муддати садсолаҳо яке аз машҳуртарин ва намоёнтарин китоб ба ҳисоб мерафт. Дар ин асари илмӣ чунин категорияҳои фалсафа, аз қабили сабабу натиҷа, имкон ва воқеият, наву кӯҳна, фардӣ, умумӣ ва умумибашарӣ, гуногунандешӣ ва ваҳдат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вай инчунин оид ба назарияҳои Ибни Сино ва Форобӣ баҳсу мунозираҳои аҷиб мекунад. Ин китоб дар марказҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, махсусан дар мадрасаи Ҳироти Афғонистон.

3. Шарҳи китоби «Шарҳи ҳаёти ан-нур». Ин асарро Шайх Шаҳобуддин Яҳё ибни Ҳабаш Суҳравардӣ таълиф намудааст.

Мавлавӣ Муҳаммадумар Салҷуқӣ. Муҳаммадумари Салҷуқӣ яке аз олимони барҷастае буд, ки дар мадрасаи Низомияи Ҳирот бо фаъолияти омӯзгорӣ машғул буд. Маълумоти ибтидоиро аз падар ва маълумоти олиро аз ду олими барҷастаи Ҳирот Мавлавӣ Худобахш Ғалҷоӣ ва Мулло Раҳимдодаи Ғалҷоӣ гирифтааст. Муҳаммад Умари Салҷуқӣ муаллифи асарҳои сершумор буд [123, с. 167].

Муҳаммад Умари Салҷуқӣ аз донишмандони барҷастаест, ки дар ташаккули маркази илмии кишвар мадрасаи Низомияи Ҳирот, ки Салоҳуддин Салҷуқӣ дар он таҳсил карда буд, таъсири бузурге доштааст. Ҳузури ин донишманд дар онҷо сабаб шуд, ки Ҳирот дар садаи бистум боз ба маркази илмиву фарҳангии кишвар табдил ёбад ва аз ҳар гӯшаву канори кишвар толибилмони завқманд ба ин маркази илмӣ раҳсипор гарданд. Салоҳуддин Салҷуқӣ Мавлавӣ Муҳаммад Умари Салҷуқиро аввалин устоди худ медонад ва нақши ӯро дар ташаккули афкораш саҳми муҳим медонад. Воқеан, ин омӯзгори хирадманд дар ташаккули афкори

Салоҳуддин Салҷуқӣ саҳми бузург дошта, ӯро ба роҳи омӯзиши фалсафа раҳнамоӣ кардааст. Чунон ки худи ӯ қайд мекунад, “баъд аз омӯзиши эҷодиёти олимону мутафаккирон мисли Абдураҳмони Ҷомӣ, Имом Ғаззолӣ, Имом Фахри Розӣ шавқу ҳавас ва таваҷҷуҳи хоссае нисбат ба ин фанн пайдо гардид” [123, с. 117]. Салҷуқӣ аз омӯзиши фалсафаи юнонӣ оғоз намуда, мунтазам ба аз худ намудани фалсафаи асрҳои миёна ва сипас фалсафаи замони муосир ва арзёбии онҳо шурӯъ намуд. Баъдан ба омӯзиши осори файласуфони муосир руҷӯъ кард, ниҳоят эҷодиёти файласуфони асри XX-ро ба таври ҷиддӣ ва амиқ омӯхта, ба он баҳои баланд дод. Дар ин кори душвору хунин устодаш ба ӯ ҳамаиҷониба кӯмак мерасонд. Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти илмии Салҷуқӣ танҳо барои аз худ намудани фалсафа ва ошноӣ бо афкору осори файласуфон равона набуд, балки як иқдоми муҳим дар шинохти инсон ва расидан ба камоли инсонӣ буд.

Тамоми устодони Салоҳуддин мардони ботаҷриба буданд, ки барои ташаккули афкори Салҷуқӣ нақши муассир бозидаанд, худи ӯ низ шахси боистеъдод буд ва тавонист устодони худро ба ҳайрат оварад. Чунон ки худи ӯ менависад: «Баъзеи уламо ва мадрасаҳо китоби «Мусаллам-ул-субут»-ро мушкилтарин мавзуъ медонистанд. Ва ман, ки мебоист баъд аз чанд рӯз ба омӯзиши ин китоб шурӯъ мекардам, ба ҷустуҷӯи ин китоб машғул шудам, то ба мазмун ва мундариҷаи ин китоб ошно гардам. Ниҳоят китоби нишондодашударо ёфтам ва ҳамон шаб дар партави чароғ ба хондан шурӯъ кардам ва саволҳои ҳангоми хондан ба миён омадаро қайд намуда гирифтам. Тамоми шаб кор кардам ва субҳгоҳон ба назди устодам омадам. Вақте ки устод дарси аввалини моро дар ин китоб оғоз намудани буд, ман ба ӯ саволҳои шаб нависондаамро додам, ӯ ба саволҳои ман тааҷҷуб намуд ва гумон кард, ки ман инро аз дигар устодон омӯхтам, ҳол он ки ман мехостам дониши устодамро бисанҷам. Ҳарчанд ба устодам гуфтам, ки шаб ин китобро хондаам ва дар ин бора саволҳо тартиб додам, вале ӯ ба сӯханҳои ман бовар накард

ва гуфт: Донишҷӯён ин китобро як сол бо роҳбарии муаллим меомӯзанд, вале маънои онро дарк намекунанд. Чӣ гуна мумкин аст, ки шумо онро дар як шаб хонед ва дар бораи он саволҳо тартиб диҳед? Дар ин асно, устод Мавлавӣ Муҳаммад Умари Салҷуқӣ — яке аз донишмандони барҷастаи он замони Афғонистон ва бародари арбоби шинохтаи фарҳанг Муҳаммад Ғулом Мустафо (ки ҳарду аз бузургони хонадони илмии Салҷуқиён буданд) — аз наздамон мегузашт. Ӯ суҳбати моро шунида, ба устодам рӯй овард ва гуфт: "Ин писар рост мегӯяд. Акнун Салоҳуддин аз ман дарс мегирад". Аз ҳамон рӯзе, ки ман дар маҳзари ин устоди бузург ба таҳсил оғоз намудам, кӯшиш кардам, то тамоми улуми мумкинро аз ӯ фаро гирам. Ин устоди фарзона маро ба дараҷаи аъло таълим медод ва ман низ дар навбати худ ҳеҷ гоҳ боиси ранҷиши хотири ӯ намешудам» [129, с. 225].

Ҳамин тавр, таълимоти Мавлавӣ Муҳаммад Умар Салҷуқӣ ба дониши Салҷуқӣ ва аз худкунии фалсафа таъсири муассир расонидааст.

Хулоса, агар мо ба сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ назар афканем ошкор мегардад, ки онҳо дар асоси чунин ҷанбаҳо асос ёфтаанд:

- ташаккули арзишҳои инсонӣ, ки меъёрҳои рафтор ва муносибатҳои байни одамонро муайян мекунад;
- эҷоди тасвири ҷаҳон, ки унсурҳоро бо ҳам пайваст намуда, системаҳои асотирии ҷаҳонро ташкил медиҳанд;
- андешаҳои динӣ, як шакли ҷаҳонбиниеро мемонад, ки ба эътиқод ба мавҷудияти қувваҳои ғайритабиӣ (худоҳо, рӯҳҳо) асос ёфтааст;
- эътироф кардани андешаҳо дар бораи ҳастии Худо, ки унсури марказии ҷаҳонбинии динӣ дар ниҳоди шахс мегардад ва ба фаҳмиши фалсафии саволҳо дар бораи табиати Худо, муносибати байни инсон ва мавҷуди Ҳақ таъсир мерасонад.

Хулосаи боби 1.

Таҷрибаи тафаккури илмӣ ва фалсафӣ дар Афғонистон, ҳамрадифи таърихи сиёсии он, дар тӯли сад соли охир дучори таваққуфҳо, ихтилофҳо ва тазодҳои бисёр гардидааст. Бо вуҷуди ин, аҳамияти ин гуна анъанаҳо барои ҷомеаи афғон бениҳоят бузург аст, зеро эҳёи фикри фалсафӣ яке аз шароитҳои асосии раҳоии мардум аз ҷаҳолат, таассуб ва бехабарӣ ба шумор меравад. Аммо барқарор сохтани таърихи муттасил ва муккамали ин ҷараён кори осон нест, баръакс, ин раванд баъзан ба ҳадде мушкил мегардад, ки гоҳҳо ғайри мумкин менамояд. Бо вуҷуди ин душвориҳо, пайгирии ташаккул ва инкишофи андешаи динӣ ва фалсафӣ дар Афғонистон дар сад соли охир, ҳамчунин баррасии пайвандҳои он бо анъанаҳои фикрии кишварҳои арабӣ, Эрон ва Осиёи Марказӣ, бидуни такя ба як заминаи фарҳангӣ ва идеявии муштарак имконнопазир аст.

Ба назари мо, бозгашт ба ин мероси фикрӣ ва рӯшан сохтани ҳақиқати он на танҳо аҳамияти илмӣ дорад, ҳамчунин ниёзи таърихӣ ва маънавии ҷомеаи мост. Мафҳумҳо, вожаҳо ва таълимоте, ки дар гузашта ҷаҳони маънавӣ ва рӯҳонии мардуми моро шакл дода буданд, бояд аз зери қабатҳои фаромӯшӣ ва тафсирҳои нодуруст берун оварда шаванд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем дарки амиқтар, зеботар ва таъсиргузортаре аз ин анъана ба даст оварем. Аз ҳамин рӯ, дар ин таҳқиқот кӯшиш кардем бо рӯшангарӣ, таҳлили фалсафӣ ва назари танқидӣ, порчае аз ин ҷаҳони андешаро бозсозӣ намуда, арзиши воқеии онро ба фазои илмӣ ва фарҳангии мо баргардонем. Тафаккури динии Афғонистон дар он замон бо ду сарчашмаи гуногун иртибот дошт: яке Эрон ва дигаре мероси зеҳнии равшанфикрони араб. Бархе аз намояндагони ислоҳоти афкори динӣ дар Афғонистону Эрон таҳсил мекарданд ва аз ин рӯ осори бархе аз андешаҳои онҳо дар ҷуғрофиёи андешаи мутафаккирони эронӣ сабт шуданд. Аз сӯйи дигар, уламои муосири суннии Афғонистон умдатан ба мутафаккирони арабзабон таваҷҷуҳ доштанд ва талош мекарданд, ки бо баҳрабардорӣ аз забони арабӣ ва афкор таҷрибаи муосири арабҳо аз вазъи мавҷуда ва

зимнан, бо ифротгароии мазҳабӣ ва мушкилоти назариявӣ ва амалии дин, ки дар замони муосир рӯ ба рӯ шуда буданд, раҳо шаванд.

Дар маҷмуъ, агар осори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқиро таҳлил намоем, бароямон ошкор мегардад, ки дар баробари проблемаҳои моҳияти инсон, мақсаду мазмуни ҳаёт ва мақсади иҷтимоии ӯ, инчунин бахши антропология масоили калидии ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ низ баррасӣ шудаанд. Салҷуқӣ тамоми умр дар эҷодии худ ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ додааст. Маҳз, ҳамин паҳлӯҳо дидгоҳҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

БОБИ 2. АНДЕШАИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ҲАСТИШИНОСӢ ВА МАЪРИФАТШИНОСӢ

2.1. Таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ доир ба ҳастишиносӣ

Ҳастишиносӣ (онтология), яке аз соҳаҳои асосии фалсафаи назариявӣ буда, масъалаҳои табиати ҳастӣ, шаклҳои вуҷуд ва муносибати онҳо бо якдигар, сохтор ва қонуниятҳои умумии ҳастиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Саволҳое, ки ҳастишиносӣ баррасӣ мекунад, аз ҷумла “чӣ будани вуҷуд?”, “хусусиятҳои хоси ҳастӣ чӣ аст?” ва “чӣ тавр метавонад вуҷудро шинохт?”, мебошанд.

Мавзуи омӯзиши ҳастишиносиро метавон ба тариқи зерин нишон дод:

- шаклҳои умумии вуҷудият;
- қонуниятҳои ташаккули вуҷуд;
- муносибати шуур ба ҳастӣ ва воқеият.

Онтология на танҳо масъалаи “чӣ вуҷуд дорад”-ро баррасӣ менамояд, инчунин “чаро ва бо кадом низом вуҷуд дорад”-ро низ мавриди бас қарор медиҳад.

Дар ҳастишиносӣ мавҷудот ба шаклҳои гуногун тақсим мешавад: мавҷудоти моддӣ ва ғайримоддӣ, мустақил ва вобаста, аслӣ ва зуҳурӣ. Ҳамчунин, масъалаи дараҷаи вуҷуд низ дар доираи ин илм баррасӣ мегардад, ки тибқи он мавҷудот бо шиддату заъф ё маротиби гуногун вуҷуд дорад.

Ҳастишиносӣ на танҳо ба рушди фалсафа мусоидат менамояд, ҳамчунин дар рушд ба соҳаҳои дигар, мисли илм, диншиносӣ, равоншиносӣ ва ҳатто технологияи муосир низ нақш дорад. Он ба инсон кӯмак мекунад, то дарк кунад, ки мо дар кадом низоми вуҷудӣ зиндагӣ дорем ва муносибати мо ба ҳастии куллӣ чӣ гуна аст.

Дар маҷмуъ, ҳастишиносӣ ҳамчун шохаи бунёдии фалсафа натанҳо масъалаҳои назариявӣ, балки масъалаҳои амиқӣ маърифатӣ ва амалиро низ фаро мегирад. Омӯзиши амиқи он ба дарки беҳтари ҷаҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он мусоидат мекунад.

Асосҳои ҳастишиносӣ ба фалсафаи Юнонӣ Қадим бармегардад. Файласуфоне, чун Парменид ва Арасту аввалин савволҳоро дар бораи ҳастӣ ба миён гузошатнд. Арасту дар асари худ “Метафизика” кӯшиш кард илмеро муайян кунад, ки ҳама гуна мавҷудот ҳамчун вуҷуд мавриди омӯзиш қарор гирад. Ба андешаи ӯ ҳастишиносӣ илмест, ки ҳастиро ҳамчун воқеъият ва падидаи ба низом баррасӣ мекунад.

Дар фалсафаи машшоия низ ҳастишиносӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Файласуфоне, чун Форобӣ, ибни Сино ва Мулло Садро мавзӯи ҳастиро амиқ таҳлил карданд. Мулло Садро назарияи “асолати вуҷуд” (асолат-ул-вуҷуд)-ро пешниҳод намуд, ки мувофиқи он вуҷуд асли воқеият аст ва моҳиятҳо танҳо дар доираи вуҷуд маъно пайдо мекунад ва ин гуфтаҳои вай инқилобе дар фаҳмиши онтологӣ ворид намуд. Ба ақидаи ӯ:

- вуҷуд воқеияти аслӣ мебошад;
- моҳият танҳо ифодаи маҷозӣ ё марҳилаи зоҳирии ашёст;
- вуҷуд дорои маротиб ва таҳқиқият аст.

Ин таълимот ба таҳқиқи фалсафаи муосир таъсири амиқ гузоштааст.

Дар фалсафаи Ғарби асри XX равияҳои феноменологии Гуссерл ва Ҳайдеггер таҳлилӣ забонии Витгенштейн шаклҳои нави фаҳмиши ҳастиро ба вуҷуд оварданд. Дар ин равияҳо ҳастӣ дар робита бо забон, шуур, тавсири инсон ва сохторҳои илмӣ баррасӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои онтологӣ аз қадим то имрӯз дар маркази баҳс ва тадқиқоти фалсафӣ қарор дошта, ҳар файласуф вобаста ба ҷаҳонбинии худ ин масоилро дар шаклҳои гуногун шарҳ додааст. Муҳимтарин масаъалаҳои ҳастишиносиро бо таври мураттаб шарҳ медиҳем:

Масъалаи ҳастӣ ва мавҷудият: яке аз бунёдтарин масъалаҳои онтология, масъалаи “ҳастӣ чист?” мебошад. Дар маркази ин масъала фарқ байни “будан” ва “набудан” қарор дорад. Файласуфон кӯшидаанд муайян кунанд, ки ҳастӣ чист, чӣ гуна вуҷуд дорад ва чӣ чизро воқеан метавон мавҷуд шумурд.

Ҳақиқати воқеият: моҳияти ин масъаларо ҳақиқати воқеият чӣ гуна аст ташкил медиҳад. Оё воқеият танҳо ҷисмонӣ ё моддӣ аст, ё дар канори он воқеияти маънавӣ, рӯҳӣ ва фикрӣ низ вуҷуд дорад? Файласуфон дар ин замина байни воқеияти объективӣ ва воқеияти субъективӣ фарқ мегузоранд.

Масъалаи сабабият**:** сабабият яке аз асоситарин аслҳои ҳастишиносӣ мебошад. Ин савол матраҳ аст, ки ҳамаи ҳодисот ба кадом сабаб рух медиҳанд? Оё вуҷуди олам қонунманд аст ё тасодуфӣ? Муносибати “сабаб ва натиҷа” ҳамчун қонуни умуми кайҳонӣ тавассути файласуфон шарҳ ёфтааст.

Модда ва шакл: ин масъала аз замони Арасту то имрӯз мавриди баҳс қарор дорад. Савол ин аст, ки ҳар мавҷудот аз чӣ иборат аст? Оё модда асли вуҷуд аст? Оё шакл ва сифатҳои маънавӣ ҳастиро муайян мекунанд? Таҳқиқи ҳастишиносӣ имкон медиҳад, ки кадоме аз ин ду унсур дар мавҷудоти олам нақши асосӣ доранд, муайян карда шавад.

Вақт ва макон: ҳастӣ дар замон ва макон воқеъ мешавад, вале худи вақт ва макон чӣ ҳастанд? Оё онҳо воқеиятҳои мустақил мебошанд, ё онҳо танҳо андешаи инсонанд? Ин масъала дар фалсафаи Ибн Сино, Садро ва файласуфони муосир мавқеи хос дорад.

Умумият ва инфирод: оё вуҷуд танҳо дар шакли ашёҳои мушаххас аст ё ин ки мафҳуми умумӣ низ вуҷуд доранд? Масалан, “инсон” як мафҳуми умумӣ аст. Оё воқеияти худро дорад? Ин мавзӯъ баҳси мактабҳои фалсафии реализм ва номинализм.

Ҳақиқат ва хаёл: файласуфон ҳамеша кӯшиданд, муайян кунанд, ки чӣ чиз воқеӣ аст ва чӣ чиз танҳо хаёлӣ? Ин масъала хусусан дар фалсафаи исломӣ ва таълимоти ирфонӣ мавқеи муҳим дорад.

Озодӣ ва зарурият дар ҳастӣ: оё мавҷудот “махсусан инсон” озод аст ё ин ки таҳти қонунҳои зарурӣ амал мекунад? Ин масъала дар фалсафаи ҳастишиносӣ ва ахлоқ пайванди зич дорад.

Мақсад ва ғоят: оё ҳастӣ ба сӯи ҳадафе ҳаракт мекунад? Дар ин масъала баҳс мешавад, ки олам ва мавҷудот дорои ғоят ва ҳикмат ҳастанд ё ин ки

вуҷуд тасодуфӣ аст. Файласуфони Шарқ одатан ба ғояи “ҳадаф доштани ҳастӣ” мувофиқанд.

Ҳастӣ ва шуур: ин масъала ба омӯзиши муносибати ҳастӣ бо шуури инсон алоқаманд аст. Оё шуур порчае аз ҳастӣ аст ё ин ки шуур аз ҳастӣ қадимтар ва болотар меистад? Ин мавзуъ ба баҳсҳои ирфонӣ ва фалсафаи зеҳн алоқаманд мебошад.

Аз ҳамин нигоҳ мекӯшем масъалаҳои асосии ҳастишиносиро аз назари Салоҳуддини Салҷуқӣ ва ишора ба асли таълимоти ӯ, мухтасар шарҳ диҳем.

1. Ҳастӣ ва мавҷудият.

Салҷуқӣ ҳастӣ ва мавҷудиятро дар ду сатҳ мавриди баррасӣ қарор додааст: мавҷудоти моддӣ ва мавҷудоти маънавӣ. Ӯ таъкид мекунад, ки «ҳастӣ танҳо он чизе нест, ки дида шавад, балки ҳар чизе, ки маъно ва таъсир дорад, низ ҳастӣ ба ҳисоб меравад» [130, с. 12-15].

Аз андешаи Салҷуқӣ бар меояд, ки ӯ мафҳуми “ҳастӣ” ва “мавҷудият”-ро дар доираи танги фаҳмиши анъанавии он маҳдуд намесозад, чунон ки баъзе файласуфони истилоҳталабони исломӣ ҳастиро асосан ба маънои мавҷудоти моддӣ мефаҳмиданд. Салҷуқӣ бошад аз доираи чунин тарзи фаҳмиши ҳастӣ берун омада онро дар ду сатҳ нишон медиҳад: сатҳи моддӣ ва сатҳи маънавӣ. Ба назари ӯ, ҳастӣ танҳо бо он чизҳое маҳдуд намешавад, ки бо ҳисси зоҳирӣ – чашм, гӯш ё таҷрибаҳои ҷисмонӣ эҳсос ва дарк мешаванд. Баръакс, ҷаҳони ҳастӣ фаротар аз модда буда, унсурҳое чун маъно, арзиш, таассур, таъсир ва пайомадро низ дарбар мегирад.

Сатҳи моддӣ (ҷисмонӣ). Дар ин ин сатҳ мавҷудот дорои шакл, ҳаҷм, ҳаракат, вақти муайян ва хосиятҳои физикӣ мебошанд. Онҳо ба василаи таҷриба ва ҳиссиёт ошкор мешаванд. Ин сатҳи ҳастӣ саросар ошкор аст, аммо аз назари Салҷуқӣ ин танҳо бахше аз воқеияти ҳастист, на тамоми он.

Сатҳи маънавӣ (ғайримоддӣ). Салҷуқӣ бо таъкид ба аҳамияти маъно ва таъсир бар он аст, ки мавҷудияти воқеӣ танҳо бо модда муайян намешавад. Чизҳое чун идея, мафҳум, арзиш, равобити инсонӣ, ният, илҳом, дониш ва тамоми унсурҳои рӯҳонӣ ва фарҳангӣ низ бахше аз қисматҳои

ҳастӣ мебошанд. Ин мавҷудот агарчи шакли ҷисмонӣ надорад, таъсири воқеӣ, қудрати шаклдиҳӣ ва нақши муассир дар зиндагӣ, фарҳанг ва маърифати инсон доранд. Аз ҳамин ҷиҳат, онҳо низ “ҳастӣ” ба ҳисоб мераванд.

Таъкид ба “таъсир” ҳамчун меъёри ҳастӣ. Дар ин масъала нуқтаи марказии фалсафаи Салҷуқӣ, ин аст, ки меъёри шинохти ҳастӣ танҳо “дидан” ё “ламс кардан” нест. Чизе, ки метавонад тағйир оварад, ҳаракат эҷод кунад, маъно биофарад ё ба тафаккур ва зиндагии инсон таъсир гузорад низ дорои ҳастӣ мебошад. Масалан, адолат, ишқ, хоҳиш, илҳом, эътиқод, маърифат ҳамаи инҳо агарчи модда нестанд, аммо воқеияти худро доранд.

Раванди тавсеаи мафҳуми ҳастӣ. Салҷуқӣ бо ин назари худ, мехоҳад нишон диҳад, ки ҷаҳон танҳо аз ашёи моддӣ иборат нест. Агар фалсафа танҳо моддаро бичӯяд, аз маънои умқи ҳастӣ дур мемонад. Аз ин рӯ, ӯ ба тавсеаи фаҳмиши вуҷуд даъват мекунад, то миёни ҷаҳонҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, воқеияти ҷисмонӣ ва маънавӣ иртиботи диалектикӣ барқарор гардад. Ба назари мо дар масъалаи шинохти ҳастӣ таълимоти фалсафии Салҷуқӣ ба таълимоти марксистӣ ба антология ва диалектикаи он шабоҳати зиёд дорад.

2. Ҳақиқат ва воқеият.

Аз нигоҳи Салҷуқӣ воқеият танҳо он нест, ки дар муҳити физикӣ дида шавад. Ҳақиқати ҳастӣ ҳам маънавӣ аст ва дар равшании шуур ва ахлоқи инсон низ таҷассум мегардад [124, с. 45-48].

Аз нигоҳи Салҷуқӣ воқеият ба сатҳи маҳдуди модда ва чизҳои ба чашм намоён маҳдуд намешавад. Ба ибораи дигар, он чизе ки мо дар муҳити физикӣ мебинем, танҳо як бахши воқиеяти куллӣ мебошад. Ҳастии ҳақиқӣ дорои паҳнои амиқтар аст ва унсурҳои ғайримоддиро низ дар бар мегирад. Ин нуқта дар марзи фалсафаи тоҷику форс ва фалсафаи муосири маънавӣ ҷой дорад.

Ҳақиқати ҳастӣ маънавӣ низ мебошад. Ба андешаи Салҷуқӣ, ҳастӣ танҳо ба сатҳи ҷисмонӣ ва физикӣ ихтисос надорад, балки дорои пояи маънавӣ ва рӯҳонӣ низ мебошад. Он чизҳое, ки мо бо ҳисси зоҳирии худ,

дарк намекунем, масалан, маъно, арзиш, ҳадаф, эътиқод, ахлоқ, андеша, муҳаббат ё нафрат инҳо бахше аз ҳақиқати ҳастӣ мебошанд. Яъне, воқеият на танҳо он аст, ки "чӣ вуҷуд дорад", балки он низ ҳаст, ки "чӣ маъно дорад" ва "чӣ таъсир мегузорад".

Таҷассум ёфтани ҳақиқати ҳастӣ дар шуур. Шуур, тафаккур ва таҷрибаи ботинӣ аз назари Салҷуқӣ бахше аз вуҷуд мебошад. Ӯ ба ин аст, ки инсон бо зеҳн ва шуур ва маърифаташ на танҳо воқеиятро дарк мекунад, балки худ низ ба як навъ падидаи маънавии ҳастӣ табдил меёбад. Шуур на танҳо оинаи воқеият аст, балки худ эҷодкунандаи маъно мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳастӣ дар таҷрибаи шуур ва зеҳни инсон шаклҳои нав пайдо мекунад.

Таҷассум ёфтани ҳастӣ дар ахлоқ. Таълимоти ҳастишиносии фалсафаи Салҷуқӣ танҳо як андешаҳои болозикр маҳдуд намешавад, ҳамчунин он шакли амиқи таҷассуми ҳастиро дар рафтор ва зиндагонии инсон фаро мегирад. Вақте ки инсон одил мешавад, меҳрубонӣ мекунад, ба дигарон эҳтиром нишон медиҳад, ният ва амалҳои солеҳ мекунад, ин ҳама таҷассуми воқеияти ҳастӣ маънавӣ дар сатҳи амал мебошад. Аз ин рӯ, ахлоқ яке аз муҳимтарин майдонҳои зоҳир шудани ҳақиқати ҳастист.

Натиҷаи фалсафӣ. Ба таври хулоса, Салҷуқӣ тақозо мекунад, ки барои дарки комили ҳастӣ бояд аз маҳдудияти моддагароӣ берун рафт. Ҳастӣ дар ҳамбастагии моддӣ ва маънавӣ, зоҳирӣ ва ботинӣ, амалӣ ва шуурӣ зоҳир мегардад. Пас воқеият танҳо он нест, ки мо мебинем, балки он чизест, ки инсон бо шуур, маъно ва ахлоқи худ ба он таҷассум мебахшад.

3. Модда ва шакл.

Ба ақидаи Салҷуқӣ ҳар мавҷуд аз ду ҷузъ иборат аст: «модда (материя) ва шакл (сурат). Шакл маъно ва ҳадафи мавҷудотро ташкил медиҳад» [133, с. 32-35].

Салҷуқӣ дар идомаи суннати фалсафаи машшоъия, дигар ҷараёнҳои фалсафии модда ва шаклро ду пояи асосии ҳар мавҷудот медонад. Ба ақидаи

ӯ, ҳар чизе дар ҷаҳон аз ду унсури ҳамзамон мутамойил ва такмилкунанда иборат аст: модда (ҷисм) ва шакл (сурат, маъно, ҳадаф).

Модда ҳамчун қувваи қобилият. Модда аз назари он чизест, ки қобили қабул кардани шаклҳоро дорад. Модда бидуни шакл номуайян, бетартиб ва беҳадаф аст. Он танҳо заминаи мавҷуд шудан аст, аммо ҳанӯз ҳақиқати комили худро ба даст наовардааст. Яъне, модда “чизе ки метавонад бошад” аст, на “он чизе ки воқеан ҳаст”.

Шакл ҳамчун моҳият, маъно ва ҳадаф**.** Дар фалсафаи Салҷуқӣ шакл танҳо сурати зоҳирии чиз нест, баръакс, он маъно, моҳият, вазифа ва ҳадафи мавҷудотро ташкил медиҳад. Масалан, дарахт танҳо як ҷисми моддӣ нест, шакли он, яъне моҳияти дарахт буданаш, ҳамин аст, ки рушд кунад, самара диҳад, сабзиш кунад ва нақши муайян дар экосистема дошта бошад. Шакл он аст, ки ба мавҷудот ҳуввият маъно ва мақсад мебахшад.

Алоқамандии модда ва шакл. Аз дидгоҳи Салҷуқӣ модда ва шакл аз ҳам ҷудо нестанд. Модда бидуни шакл вуҷуд дошта наметавонад. Зеро бемаъни ва беарзиш аст. Шакл низ бе модда зуҳур карда наметавонад, зеро барои таҷассум ва зуҳур ниёз ба як пойгоҳи ҷисмонӣ дорад. Танҳо ҳангоми ҳамроҳи ин ду унсур будан, мавҷудот ҳамчун як воқеияти пурра ва мукаммал падидор мешавад.

Шакл ҳамчун асоси ҳастӣ ва арзиш. Салҷуқӣ бо таъкид бар шакл мехоҳад бигӯяд, ки ҳақиқати воқеии мавҷудот дар маъно ва ҳадаф аст, на дар моддаи холлӣ. Чизе бо моддааш мавҷуд мешавад, аммо бо шаклаш “ҳастии ҳақиқи” ба даст меорад. Яъне, шакл ақлу маъно марбут ба мавҷудот аст, ки мақсади онро да ҷаҳон муайян мекунад.

Натиҷаи фалсафӣ. Аз ин андеша бармеояд, ки ҷаҳон маҷмӯае аз ҷисмҳои моддӣ нест, балки низоми муназзаме аз маъно, ҳадаф ва шаклҳои ҳамоҳанг мебошад. Дар натиҷа, барои дарки ҳар чиз фақат дидани ҷисми он кофӣ нест, бояд, моҳият, вазифа, ҳадаф ва нақши он дар силсилаи ҳастиро дарк бояд кард.

4. Сабабият ва мақсад.

Ҳастӣ мақсад дорад ва ҳар воқеа бо сабаб ва ҳадафи муайян ба вуҷуд меояд. Ба ақидаи Салҷуқӣ, «ҳадафи ҳастӣ бо ҳикмати илоҳӣ ва маънавӣ алоқаманд аст» [132, с. 50-53].

Инҷо мо дар ақидаҳои Салҷуқӣ доир ба ҳастӣ ихтилоферо мушоҳида менамоем. Ӯ дар баробари бисёр масъалаҳои ҳастишиносиро аз нигоҳи моддигароӣ шарҳ додан, дар зери таъсири илоҳиёти исломӣ майл ба сӯи идеализм мекунад ва дар кул ба ҷаҳонбинии идеалистӣ асос меёбад. Ин хусусияти фалсафаи ӯро мо дар таълимот доир ба сабабият ва мақсаднокӣ ошкортар эҳсос менамоем. Мафҳумҳои сабабият (иллат ва маълулият) ва мақсад (ғоя, ҳадаф) дар андешаи фалсафии Салҷуқӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Ба назари ӯ, ҳастӣ як низоми бемаъно ва тасодуфӣ нест, балки ҳар як падида дар дохили он бо як иллат (сабаб) ба вуҷуд меояд. Ин ду мафҳум яъне, иллат ва ҳадаф – сутунҳои асосии ҷаҳонбинӣ ва фалсафаи вуҷуди Салҷуқиро ташкил медиҳанд.

1. Сабабият дар фалсафаи Салҷуқӣ.

Ба ақидаи ӯ, ҳеҷ воқеа дар ҷаҳон бидуни сабаб рӯҳ намедиҳад. Ҳамаи падидаҳо дар як занҷираи муттасили иллатҳо қарор доранд, ки яке боиси ба вуҷуд омадани дигаре мешавад. Мафҳуми сабабият дар андешаи Салҷуқӣ ду паҳлӯ дорад:

- иллати зоҳирӣ (табиӣ) – он омилҳое, ки мо дар табиат мушоҳида мекунем: ҳаракати унсурҳо, шароити физикӣ, қонунҳои табиӣ.

- иллати ботинӣ (илоҳӣ) – ирода ва тадбири ҳикмати иллоҳӣ, ки тамоми низоми мавҷудотро идора мекунад.

Ба ин маъно, табиат бе иродаи илоҳӣ мустақилона амал намекунад. Сабабияти зоҳирӣ танҳо васила аст, вале иллати ҳақиқии ҳастӣ Худост, ки низоми умумиро бо ҳикмат ва тартиби муайян пеш мебарад.

2. Мақсаднокӣ дар ҳастӣ.

Салҷуқӣ ба ин назар аст, ки ҳастӣ дорои мақсад аст ва вуҷуди ҳар чиз ба сӯи як ғоя ва як камол равона шудааст. Ин идея дар фалсафаи классикӣ

реша дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дорад, вале Салҷуқӣ онро бо забони равону шарҳи ирфонӣ такмил медиҳад. Пас тибқи таълимоти ӯ:

- ҳар мавҷудот мақсади махсус дорад, ки дар табиати худ ҷой гирифтааст;

- ин мақсад танҳо табиӣ ё моддӣ нест, балки маънавӣ ва камолотӣ мебошад;

- ҳаракати мавҷудот ба сӯи ин камол аз ҷониби ҳикмати илоҳӣ роҳнамоӣ мешавад.

Дар ин ҷо Салҷуқӣ ба назарияи "камоли вуҷуд" ё "ҳаракат ба сӯи комилӣ" такя мекунад ва ҳар чиз аз нуқтаи қувва (имкон) ба сӯи нуқтаи феъл (комилӣ) меравад.

3. Алоқамандии ҳадафи ҳастӣ бо ҳикмати ҳастӣ.

Ба андешаи Салҷуқӣ, ҳадафи асосии ҳастӣ бе ҳузури Худо маъно надорад. Мақсаднокии вуҷуд танҳо вақте маъни пайдо мекунад, ки мо ҷаҳонро як низоми ҳикматомез бидонем. Ӯ бар ин фикр аст, ки:

- ҳудуди ҳар чиз ва ҳадафи ҳар падида аз тарафи ҳикмати иллоҳи муайян шудааст;

- ҳадафҳои олами ҳастӣ бо маънои ботинӣ , яъне бо ҳақиқати рӯҳонӣ вобастаанд;

- ҷаҳон танҳо маҷмӯи ашё ва ҳаракатҳо нест, ин олами аломатҳо ва ишораҳо ба маърифати иллоҳӣ аст. Аз ин рӯ ҳикмати иллоҳӣ на танҳо сабаби вуҷуди олам, балки маркази маъно ва мақсади ҳастӣ мебошад.

5. Умумият ва инфиродӣ.

Мавҷудот ҳам хусусятҳои умумӣ доранд ва ҳам хусусиятҳои инфиродӣ. Мавҷудоти инфиродӣ дар сатҳи зиндагӣ ва маъно фарқ мекунанд [132, с. 60-62].

Дар фалсафа, махсусан дар ҳастишиносӣ, мафҳумҳои умумият ва инфиродӣ яке аз асоситарин воситаҳои тавсифи мавҷудот мебошанд. Мувофиқи ин дидгоҳ, ҳар мавҷуд дорои ду навъи хусусият аст:

- хусусиятҳои умумӣ (умумият);

- хусусиятҳои хоси фардӣ (инфиродӣ).

Умумият - он ҷиҳатҳо ва сифатҳоест, ки ҳамаи мавҷудот дар он саҳм доранд. Ин хусусиятҳо онҳоро ба як гурӯҳ, як навъ ё як категория ворид месозанд, бо тариқи дигар гӯем хусусиятҳои муштараки мавҷудот аст. Мисол, ҳамаи инсонҳо ақл, ирода, эҳсос, ниёзҳои биологӣ доранд. Ё ҳамаи ҳайвонҳо қобилияти ҳаракат, ҳиссиёт ва зиндагонӣ доранд, инчунин тамоми мавҷудоти моддӣ шакл, вазн ва замону маконро соҳибанд. Ба ибораи дигар гӯем, умумият он ҷиҳатест, ки мавҷудотро ба ҳам монанд ва дар як доира шомил мегардонад.

Инфиродӣ – он сифатҳоест, ки ҳар мавҷудро аз дигарон ҷудо ва нодир мегардонад. Яъне, ҳар чиз ҳамеша дорои хусусиятҳои такрорнашаванда аст, ки танҳо ба он тааллуқ доранд. Масалан:

- ҳар инсон хусусияти рӯҳонӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ, таҷриба ва шахсияти хоси худро дорад;

- **ду** дарахт мумкин дар як навъ бошанд. Вале шакл, қад, ранги барг ва иқтидори рушдашон фарқ мекунад;

- ҳар руйдод ё воқеаи таърихӣ такрорнашаванда ва нодир аст.

Дар фалсафаи классикӣ, аз ҷумла дар назари Мулло Садро ва Салҷуқӣ, зиндагӣ ва маънои ҳар мавҷуд ҳамчун сафари камолӣ ва рӯҳонӣ фаҳмида мешавад, ки ҳар яки онро ба таври инфиродӣ тай мекунад.

5. Ҳуқуқ ва озодӣ дар ҳастӣ.

Инсон дар ҳастӣ озод аст, вале ин озодӣ дар доираи қонунҳои ахлоқ ва табиат амал мекунад. Ҳар амали инсон бо хираду ҳадаф бояд ҳамоҳанг бошад [124, с.72-75].

Ба ақидаи олим мафҳуми ҳуқуқ ва озодӣ дар ҳастишиносӣ ба он ишора мекунад, ки инсон дар вуҷудаш дорои имкони интихоби озодона ва амал кардан мебошад, аммо ин озодӣ мутлақ ва бениҳоят беназорат нест. Он дар доираи қонунҳои табаит, меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳикмати маънавӣ маҳдуд ва танзим мешавад.

Озодии инсон дар ҳастӣ. Ба ақидаи фалсафаи мӯътазила, қадарияи ва ирфонӣ, инсон мавҷудест аст, ки қобилияти интихоб дорад, иродаи амалӣ дорад, инчунин хиради шинохт ва арзёбӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки инсон дар амалҳои худ маҳз ба хотири он ки соҳиби шуур ва хирад аст, масъули интихоби худ мебошад. Озодии ӯ ҷузъи табиии ҳастии инсон ва яке аз мауқаддамоти камоли ӯст.

Озодӣ дар доираи қонунҳои ахлоқ ва табиат – бо вуҷуди озод будан, инсон наметавонад берун аз қонунҳои ҳастӣ амал кунад. Ин қонунҳо ду навъанд:

Қонунҳо табиат: инсон озод аст, аммо аз қонунҳои физикӣ, биологӣ, иҷтимоӣ берун рафта наметавонад. Яъне озодии ӯ бо маҳдудиятҳои объективии ҳастӣ якҷоя аст.

Қонунҳои ахлоқӣ: инсон ҳамчун мавҷуди дорои шуур, инчунин дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавӣ амали худро бояд назорат кунад. Озодӣ маънои беқонунӣ ва беахлоқӣ надорад, балки он маъноро аз дидгоҳи Салҷуқӣ ифода мекунад, ки инсон бо интихоби оқилона, бо масъулият ва бо эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ бояд амал кунад. Ин назария ба идеяи “озодии маънавӣ” ё “озодии мутобиқ ба ахлоқ” такя мекунад.

Амал бояд бо хирад ва ҳадаф ҳамоҳанг бошад, ба мисли:

- ҳар амали инсон бояд бо хирад роҳнамоӣ шавад, на бо ҳавову ҳавас;

- инсон бояд ҳадафи амиқ ва маънавии амалҳояшро бидонад.

- озодӣ ба бехирадӣ ва бесарусомонӣ мебарад, вале озодии бо хирад ба камол ва маъно мерасонад. Яъне. Амалҳои инсон на танҳо иҷрошаванда, ҳамчунин арзишёбанда мебошанд, инсон бояд бидонад, ки чаро амал мекунад ва ба кучо меравад.

6. Вақт ва макон**.**

Ба ақидаи Салҷуқӣ, «мавҷудот дар замон ва макон ҷойгир шудаанд, вале ҳастии маънавӣ ба ин маҳдудиятҳо маҳдуд нест» [129, с. 40-42].

Вақт ва макон ҳамчун чорчӯбаи ҳастии моддӣ – ба андешаи Салҷуқӣ ҳамаи мавҷудоти моддӣ дар чорчубаи вақт ва макон қарор доранд. Зиндагӣ,

тағйир, ҳаракат ва табаддулоти онҳо дар ин ду меъёри ҳастӣ сурат мегирад. Вақт раванд ва давомияти вуҷудро муайян мекунад, дар ҳоле ки макон ҷой ва мавқеи мавудотро муайян месозад.

Маҳдудияти мавҷудоти моддӣ ба замон ва макон – ҳар чизе ки дорои ҷисмият, шакл, ҳаракат ва тағйир аст, ба қонуни вақт ва макон итоат мекунад. Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки ин маҳдудият хусусияти табиии ҷаҳони моддӣ мебошад ва ҳаракати он бидуни замон ва ҷой тасаввурнопазир аст.

Фарқияти ҳастии моддӣ ва ҳастии маънавӣ – ба назари ӯ , мавҷудоти маънавӣ, аз қабили рӯҳ, маънӣ, ақл, арзиш ва воқеияти олии маънавӣ ба ин маҳдудиятҳо тобеъ нестанд. Онҳо хосияти моддӣ надоранд, бинобар ин, ба қонунҳои ҷисмӣ, ҳаракати физикӣ ё ҷойивазкунӣ таслим намешаванд.

Маънавият ҳамчун воқеияти берун аз замон ва макон: Салҷуқӣ таъкид менамояд, ки воқеияти маънавӣ (ҳастии ботинӣ ва рӯҳонӣ) аз табиати моддӣ фарқ мекунад ва дар сатҳи маърифатӣ, ақлонӣ ва рӯҳонӣ вуҷуд дорад. Ин сатҳи ҳастӣ, ки аз ҷаҳорчӯби замони хронологӣ ва макони ҷисмонӣ берун аст, дорои “ҳаракати маънавӣ” ва камолоти ботинӣ мебошад ва бо меъёрҳои моддӣ чен намешавад.

Бартарияти ҳастии маънавӣ бар ҳастии моддӣ. Ин таълимот ба он ишора мекунад, ки ҳастии маънавӣ нисбат ба мавҷудоти моддӣ дорои пояи болотар аст. Мавҷудоти моддӣ маҳдуд, муваққат ва зери таъсири тағйир ҳастанд, дар ҳоле ки ҳастии маънавӣ метавонад устувор, доимӣ ва берун аз маҳдудиятҳои ҳиссӣ ва ҷисмонӣ бошад.

Нақши ин таълимот дар ҷаҳонбинии Салҷуқӣ дар он аст, ки ӯ бо фарқ гузоштан байни воқеияти моддӣ ва воқеияти маънавӣ ба ташаккули ҷаҳонбиние мусоидат мекунад, ки дар он инсон на танҳо маҷуди ҷисмонӣ, ҳамчунин мавҷуди дорои паҳлуҳои маънавӣ ва рӯҳонист. Камолоти ҳақиқӣ низ дар ҳамин сатҳи маънавӣ имконпазир дониста мешавад.

7. Ҳақиқат ва хаёл.

Аз дидгоҳи Салҷуқӣ «фарқ кардани воқеият ва тасаввур муҳим аст. Шахс бояд бо ақл ва шуур на танҳо тасаввур ва хаёлро инчунин ҳақиқати

ҳастиро бифаҳмад» [122, с. 60-62].

Ба назари Салҷуқӣ, яке аз вазифаҳои асосии инсон дар шинохти ҷаҳон – фарқ гузоштан байни ҳақиқат ва хаёл мебошад. Инсон бояд тавонад воқеияти ҳастиро аз тасаввурот, гумонҳо ва хиёлоти шахсӣ ҷудо намояд. Ҳақиқат воқеияти объективӣ ва мустақил аз зеҳни инсон аст. Ин воқеият дорои қонунмандӣ, тартиб ва маънои худ мебошад ва фаҳмидани он танҳо бо истифода аз усули ақлонӣ ва маърифатӣ имконпазир аст.

Хаёл ва тасаввурот ҳамчун падидаҳои зеҳнӣ – хаёл, тасаввур ва пиндору гумон падидаҳое мебошанд, ки дар зеҳни инсон шакл мегиранд ва қобили он ҳастанд, ки воқеиятро таҳриф кунанд. Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки зеҳни инсон аксар вақт воқеиятро бо хаёл омехта менамояд ва ин метавонад ба хато дар идрок бирасонад. Ӯ роҳи аслии дарки ҳақиқатро истифодаи дурусти ақл, шуур ва таҳлил меҳисобад. Ақл воситаи асосиии тафриқа байни ҳақиқат ва хаёл буда, инсонро аз пайравии гумонҳо, эҳсосҳои муваққат ва тасаввуроти ноустувор эмин медорад.

Хатари омехташавии хаёл бо ҳақиқат – ба назари Салҷуқӣ, агар инсон миёни тасаввури худ ва воқеият фарқ намонад. Дар идрок, хулоса ва амал ба иштибоҳ меафтад. Чунин омехтагӣ метавонад ба хулосаҳои носаҳеҳ, ҷаҳонбинии ғалат ва рафтори нодуруст оварда расонад. Фаҳмидани ҳақиқати ҳастӣ яке аз шароити асосии камолоти маънавӣ ва фикрии инсон аст. Ба қавли файласуф роҳ ба сӯи камол аз хирад, шуур ва шинохти воқеият оғоз мешавад, хаёл танҳо зинаи ибтидоӣ ва номукаммали шинохт аст.

Ирфон ҳамчун як самти фалсафӣ ва ҳастишиносӣ ба омӯзиши маънии амиқи ҳастӣ ва робитаҳои байни инсон ва Ваҳдат қарор дорад. Фалсафа ба саволҳои “Ҳастӣ чист?”, “Инсон кист?”, “Олам чӣ маъно дорад?” ҷавоб медиҳад. Ирфон низ маҳз ҳамин саволҳоро аз роҳи таҷрибаи ботинӣ ва маънавӣ таҳлил мекунад. Аз ин ҷиҳат ирфон бо фалсафа мазмунан наздик ҳастанд. Ирфон танҳо эҳсос ё таҷрибаи ботинӣ нест, балки назарияҳои равшан оид ба Ваҳдатул Вуҷуд, вазифаи инсон дар ҷаҳон, муносибати инсон бо Худо, маънои ҳаётро дорад. Файласуфони бузург

ирфонро ҷузъи фалсафа донистан, аз ҷумла Ибни Сино, Суҳравардӣ, Мавлоно, Ибни Арабӣ - ҳама ирфонро як шохаи фалсафа меҳисобанд, ки дар он маърифат аз роҳи ақл ва дил якҷо амал мекунад. Ҳадафи асосии ирфон дарк кардани ҳақиқати ҳастӣ ва ваҳдат мебошад. Аз ин рӯ, ирфон як навъи ҳастишиносии маънавист. Муҳимтарин масъалаи ҳастишиносии ирфонӣ Ваҳдати вуҷуд мебошад, ки маънои ягонагии ҳастӣ ва ё ягонагии ҳақиқати ҳастиро ифода мекунад. Маърифат бошад ҷузъи асосии ирфон аст, ки бо тавассути таҷрибаҳои маънавӣ ва ҳақиқатҳои ботинӣ дарк карда мешавад, на танҳо тавассути ақл ё илмҳои мустақим. Дар доираи ирфон, ҳақиқат ҳамчун воқеияти аслии ҳастӣ ва сир ҳамчун маънии пинҳоншуда ва ботинии ҳастӣ фаҳмида мешавад, ки тавассути тафаккури амиқ ва тарбияҳои маънавӣ ба он даст ёфтан мумкин аст. Мақсади инсон дар фалсафаи ирфонӣ ҳамчун инсони комил, ки рамзи ташаккули маънавӣ ва ҳастии пурра аст, аз фано оғоз меёбад, яъне аз миёни нест шудани нафс ва арзишҳои ҷаҳонӣ, то ба бақо ва расидан ба Худо. Ин сафар, ки бо сайру сулук маъруф аст, тавассути покии дил ва басирати рӯҳонӣ амалӣ мегардад. Дар ин марҳала, инсон бояд тавассути муроқиба ва мухолафаи нафси аммора, ки ба тарафи бадиҳо раҳнамоӣ мекунад ва нафси лаввома, ки ҳамеша худро танқид мекунад, мегузарад, то ба нафси мутмаинна бирасад, ки оромиш ва таслим ба ҳақиқатро ифода мекунад. Дар маҷмуъ, фалсафаи ирфониро бидуни мафҳумҳои ишқ, рӯҳ, васл, ҳичрон, фироқ, қалб, замир, ҳаё ва амсоли ин тасаввур кардан имконнопазир аст.

Ҳамаи ин масъалаҳои фалсафӣ ва ҳастишиносии ирфонӣ дар осор ва афкори Салҷуқӣ ба таври густурда инъикос ёфтаанд. Чунончӣ: ба андешаи Салҷуқӣ дар ботини инсон, як подшоҳе пинҳон нишастааст, ки дар тамоми умури ахлоқ ва маънавиёт ҳукмрон аст. Ӯро «замир» меноманд, вале ном камтар муҳим аст, аз он ки ӯ ҷони бедори инсон ва маркази муҳосибаи маънавӣ аст. Замир, ба таъбири дигар, оинаест, ки дар он Худо нигоҳ мекунад ва инсон дар он худро бе ниқоб, бе зоҳир, бе

қалб мебинад. Ин замир, агарчӣ як атои осмонӣ ва муҷарраду мустақил аст, басанда нест ки танҳо бимонад. Ӯ дар танҳоӣ заиф мешавад ва дар ҷамъ қувват мегирад. Ҳамон гуна ки шамъ дар бодҳо хомӯш мешавад, вале дар чорсӯи эҳтиром ва ахлоқи ҷамъиятӣ равшантар месӯзад. Яъне, ҳастии замир бо вуҷуди он ки аз осмон аст, бо ҷомеа ва муҳити ахлоқӣ ҳамбастагӣ дорад. Ва ё ҳаё мисли нидокунандаи қавлӣ аст, ки ҳанӯз қабл аз омадани замир мардумро огоҳ мекунад: эҳтиёт кун, ки лаҳзаи муҳосиба мерасад. Ҳангоми эҳсоси ҳаё инсон пеш аз содир кардани гуноҳ дилаш меларзад. Чунонки ирфон мегӯяд: «ҳар замоне ки зикр ба дил расад, он ҷо ҳаё падид меояд ва ҳаё дар воқеъ, пешбиникунандаи ишқ ба ҳақиқат аст» [122, с. 331].

Намунае аз «Тазкират –ул– авлиё»-ро зикр мекунем:

1). «Дарвеш аз ӯ пурсид: Ишқ чист? Гуфт: «Он чӣ имрӯз мебинӣ, фардо мебинӣ ва пасфардо низ мебинӣ!». Рӯзи аввал ӯро куштанд, дуюмаш сӯзонданд, сеюмаш хокистарашро ба бод парешонданд, яъне маҳз ҳамин аст Ишқ баста аст!» [185, с. 142].

Ин «биниш» аст, ки барои хулосаҳо ва шарҳу эзоҳоти сершумор асос мешаванд. Яъне, Худованди муттаол, ишқ ва тасаввуф танҳо ба василаи «биниш» дарк мешавад, ки ин ба ҳар кас дастрас нест. Ориф, солики тариқат вуҷудро, ҳастиро бо фаҳму фаросати худ дарк мекунад ва зебоӣ барои ӯ на танҳо мафҳуми эстетикӣ, балки пеш аз ҳама мафҳуми шуур аст. Ин далел барои тамоми аҳли ирфону тасаввуф одилона ва умумӣ аст. Аммо, дар айни замон, баръакс низ буда метавонад: маҳз «биниш» ва дараҷаи «ҳушёрӣ»-и шахс ҳамон марҷаи бехатариро ба вуҷуд меорад, ки фаҳмиши минбаъда дар он ташаккул меёбад. Дараҷаи фаҳму фаросат (басират)-и ориф ва қобилияти дарки ӯ аз огоҳӣ (шиносоӣ, донистан) ва тафсир пештар.

Дар нигоҳи ирфонӣ - фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ ҳастӣ дар равобити маънавӣ ва равшании шинохти ботинӣ эҳсос мешавад. Дар баёни ӯ, вуҷуди ҳақиқӣ «ҳақиқт-ул-ҳақоиқ» буда, бо мафҳумҳои ирфонӣ

мисли зот, сифот, шаън, зилол, тазаккур, ва фано тавсиф мешавад. Аз назари Салҷуқӣ, нафси инсон дар сайри сулукӣ аз мароҳили фанои нафс, ҳалол шудани завоти олам ва вуруд ба баҳри ваҳдати вуҷуд мегузарад, то ба худоогоҳии холис бирасад. Ҳастӣ дар ин равиш, на фақат аз дидгоҳи фалсафии илоҳӣ, балки ҳамчун таҷрибаи зистшудаи маънавӣ ва равонии инсон таъбир мегардад.

Бояд гуфт, ки Абуалӣ Сино, файласуфи машҳури тоҷик, дар шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҳастӣ нақши калидӣ бозидааст. Ӯ бо кӯшодани мафҳумҳои «вуҷуд» ва «моҳият» бунёди як низоми метафизикиро гузошт, ки то ба имрӯз дар маркази баҳсҳои фалсафии исломӣ қарор дорад. Дар ин замина, Салоҳиддин Салҷуқӣ низ ҳамчун яке аз мутафаккирони муосир кӯшидааст ҳастишиносии ирфониро ба равиши таҳлилӣ ва фарҳангӣ таъбир кунад. Тафаккури ӯ, ки аз як сӯ бо ирфони маърифатгаро ва аз сӯи дигар бо фалсафаи исломӣ иртибот дорад, метавонад дар канори пайравони андешаҳои Сино ва мутафаккирони муосир ҷой дода шавад.

Мафҳуми “ваҳдати вуҷуд”, ки дар осори Салҷуқӣ ва ирфони маънавии ӯ нақши меҳварӣ дорад, бо равиши Сино дар ташхиси наҳваи вобастагии вуҷуди мумкин ба вуҷуди воҷиб ҳамнаво мегардад, вале тафовути бориз дорад. Сино бо бурҳон ва низоми мантиқӣ ба ҳақиқат мерасад, дар ҳоле ки Салҷуқӣ аз роҳи таҷриба ва тазкия. Сино ба воситаи ақл ва бурҳони мантиқӣ ҳақиқати ҳастиро кашф мекунад, Салҷуқӣ бошад ба таҷрибаи ирфонӣ, ишқ, ва таҳарруки ботинӣ такя мекунад. Барои Сино, шинохти ҳастӣ кори ақл аст, вале барои Салҷуқӣ, шинохти ҳастӣ кори дилу замир аст.

Мафҳумҳое чун “воҷиб-ул-вуҷуд”, “Зоти мутлақ”, “нафси кулл”, “ақли аввал”, ва “силсилаи имконот” дар андешаҳои Сино бо забони мантиқ ва фалсафа баён мешаванд, дар ҳоле ки мафҳумҳое чун “сирри вуҷуд”, “мухлиси ҳақиқӣ”, “таманнои васл” ва “олами асмо”-ро Салҷуқӣ бо забони ишқ ва завқ тасвир мекунад. Ба андешаи Сино моҳият нисбат ба вуҷуд холис аст ва имкони вуҷуд ё набуди он дорад. Салҷуқӣ бошад,

ҳар моҳиятеро ҳамчун пардаи зоҳирӣ мебинад, ки бояд барои расидан ба нури ҳақ бардошта шавад.

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки дар мавриди ягонагии зоти Худо Салҷуқӣ зимни илҳомот аз андешаҳои Бедили Деҳлавӣ як нуктаро роҷеъ ба пайравони мактаби Арасту изҳор дошта, ки эшон мепиндоранд, ки аз воҳид ба ҷуз воҳид содир намешавад, зеро агар зиёда аз як чиз биёфаринад, он гоҳ наметавон ӯро воҳид гуфт. Ҷӯши касрати ашёи махлуқа дар ягонагии зоти беҳамтои ӯ иштибоҳе таваллуд намекунад, тавре ки зиёдатии “то”, “бо” ва “ҳо”-и рассом ҳеҷ гуна ғубори шубҳаро бар ягона будани наққош намеафканад, зеро як наққош садҳо суратро эҷод кардааст [132, с. 100-111].

Ба андешаи мо арзиши ҳақиқии ҳастӣ дар ду ҷанбаи ба ҳам мукаммал ва ба ҳам алоқаманд амалӣ мегардад: дар воқеияти аслӣ ва воқеияти абадӣ. Аз ин нуқтаи назар, воқеъшавии ҳастӣ як амали комили эҷоди асосноккунии мавҷудияти татбиқшуда мебошад. Бе риояи шартҳои муайяне, ки моҳияти ҳастӣро тавсиф мекунанд, татбиқ кардани ҳастӣ ғайриимкон аст. Аммо худи вуҷудият чӣ гуна аст? Таърифи муътабар ва мукамали вуҷудият чунин аст: «Чунин вуҷудият, ҳақиқати ҳастӣ ва мавҷудият берун аз мавҷудияти зоҳирӣ ва тасаввуршаванда ҷойгир аст. Яъне, васеътар аз мавҷудияти берунии тасаввуршаванда аст» [103, с. 111].

Ба андешаи Салҷуқӣ вуҷуд ё ҳастии воқеӣ дар ду самти ҳамбаста амал мекунад: дар ҷаҳони воқеӣ (моддӣ) ва дар ҷаҳони ғайримоддӣ. Ин ду самт аз ҳам ҷудо нестанд, яъне онҳо ҳамдигарро пурра мекунанд. Вуҷуди воқеӣ чист? Вуҷуди воқеии инсон танҳо бо таҳаввули ҷисмонии он маҳдуд нагардида, балки таҳаққуқи он ба фароҳам омадани заминаҳои маънавӣ ва ақлонии ҳастӣ вобаста аст. Бе ин шартҳо наметавон ба ҳастии ҳақиқӣ расид.

Ҳастии воқеӣ як навъи вуҷудест, ки ҳам ҷанбаҳои ҷисмонӣ (моддӣ) ва ҳам ҷанбаҳои маънавӣ доранд. Ин навъи вуҷуд аз “вуҷуди хаёлӣ” ё “вуҷуди тасаввуршуда” тамоман фарқ мекунад. Ба ибораи дигар, вуруд ба ҷаҳони

хаёлот, фикрҳои сохта, ё воқеияти бардурӯғ ба ҳастии воқеӣ баробар нест. Вуҷуди воқеи – ин пайвасти модда ва маъно, ҷисм ва шуур, таҷрибаи зинда ва маърифати воқеӣ мебошад.

Дар баробари ин, фаҳмиши ҳақиқӣ гарави наҷот, яъне асоснокунии комил ва ниҳоии мавҷудияти худ дар назди чеҳраи моҳият – мавҷудияти ҳақиқии инсон аст. Бинобар ин, фаҳмиши ҳақиқӣ ба хотири худи наҷот ҳамеша як сирри бегуфтугӯ (ё таърифнашаванда) боқӣ мемонад. Ба пири майкада гуфтам, ки: «Чист роҳи наҷот?» бихост ҷоми маю гуфт: «Айб (ё роз) пӯшидан» [157, с.490]

Анри Корбен файласуф, шарқшинос, исломшинос ва эроншиноси барҷастаи Фаронса буда, вай яке аз бузургтарин пажӯҳишгарони ғарбӣ дар соҳаи тасаввуф ва фалсафаи исломӣ (бахусус фалсафаи шиъа ва исмоилия) ба шумор меравад. Ӯ инчунин ақида дошт, ки “Наҷот ҳамеша пур аз асрор аст, дуввум ин ки яке аз шартҳои иҷрои аввалӣ мебошад. Дар ин бора Ҳофиз чунин зикр мекунад: Ба хилофи тафсир на барқарорсозии матни мушаххас ба маънои аслии он (яъне, дар асл, кӯшиши фош кардани роз), балки раванди бунёдии баргардонидани маънои матн ба асли он (яъне, тасдиқи роз) аст. Ба ин фаҳмиш таъвил - усули эзотерикии тафсири рамзӣ, ки махсусан дар тасаввуф ва фалсафаи исмоилия маъмул аст, байни ҳакимони исмоилия ва аҳли тасаввуф (исмоилиҳо ва аҳли тасаввуф), нисбатан наздик ва монанд аст.

Фаҳм табиатан универсалӣ ва кайҳонӣ аст, зеро объекти таваҷҷуҳи он на танҳо як воқеияти мушаххас мебошад, ки ҳамчун «матн» ҳисобида мешавад ва мутолиаи худро тақозо мекунад, ҳамчунин воқеияти олӣ, худи кайҳон, ҳамчун «матн» хонда мешавад: «Агар таъвил аз табдил иборат бошад, дар бозгашт ба сарчашма, ба ин маъно, тамоми раванди кайҳонӣ дар тафсири ягонаи «матн»-и кайҳонӣ вуҷуд дорад» [43, с. 67].

Яъне, фаҳмиш, албатта, ҳам умумӣ ва ҳам субъективӣ мебошад. Объекти диққати он танҳо ба воқеияти мушаххас маҳдуд нест, он инчунин дарки ақлро низ дар бар мегирад, ки барои фаҳмидани худ ба таваҷҷуҳи хоси

худ ниёз дорад. Дар робита ба воқеияти аслӣ, ақл ҳам мушоҳидакунанда ва ҳам мушоҳидашаванда мешавад. Ҳангоми тағйири забон, ифода ва муошират дар фаҳмиш низ тағйир меёбад, ки равобити динамикии тафаккур ва ифодаро нишон медиҳад.

Арзиши маҷозии мафҳуми вожа дар амалияи наққошӣ ва меъмории ҷаҳони ислом ба таври равшан эътироф гардида, ҳам дидгоҳи маъноии мафҳуми вожа ва ҳам умқи маъноии «чиз»-и бадеӣ сохташударо баробар баён ва амиқтар мекунад. Ҳастии мафҳуми вожа ва ҳастии «чиз»-и бадеӣ ба ҳам мепайвандад, ба ҳам табдил ёфта, ҳамдигарро тавзеҳ дода, якҷоя фазои ягонаи забонӣ, меъморӣ ва тасвирии худи ҳастиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дарк ва тафсири «чиз»-и бадеӣ бештар (агарчӣ пурра ҳам набошад) ба шакли дохилии мафҳуми ба он мувофиқ вобаста аст ва баррасии масъалаи ҳастии «чизҳо» ғолибан дар мавриди истинод ба мафҳуми «вуҷуд» возеҳу равшан мегардад.

Мисоли равшан – назарияи ваҳдат-ул-вуҷуд аст, ки Ибни Арабӣ таҳия кардааст. Ин идаои машҳур ба забонҳои аврупоӣ то андозае нодуруст ҳамчун «ваҳдати ҳастӣ» тарҷума шудааст ва фаромӯш шудааст, ки мафҳуми «вуҷуд» то андозае бо ҷанбаи динамикии ҷустуҷӯи ҳастӣ, хисси доимии дарк ва тафаккури он иртибот дорад.

Барои пурра баҳо додан аз таърифи Носири Хусров бояд ёдовар шуд, ки вожаҳои форсӣ-тоҷикии “ҳаёт” ва “ҳастӣ” ба вожаи арабии “вуҷуд” муродифанд. Дар луғатҳои мӯътабари форсӣ вожаи “ҳастӣ” амалан ба маънои вожаи “вуҷуд” мувофиқат мекунад, аммо дар баробари ин мафҳуми “ҳастӣ” як тобиши дигари равшани маъноӣ низ дорад, ки дар қиёс бо вожаи “вуҷуд” зарурати дохилисозии онро нишон медиҳад. «Чиз» ба шумораи предметҳои фаҳмшавандаи фарӯӣ, ки ба предметҳои аслӣ асос ёфтаанд, тааллуқ дорад ва таносуби он бо предмети аслии худ мисли таносуби «умумӣ» ва «хусусӣ», «ҷинс» ва «намуд», «кулл» ва «ҷузъ» мебошад. Ниҳоятан, дар байни ашёи мавҷуда ҳеҷ кадоме сирфан як маводи беном нест, балки ҳар як падидаи мушаххас,

масалан, як шахс ё ҷирми самовӣ мебошад. Танҳо ба шарофати қобили дарку фаҳм буданаш аён мегардад, ки он дорои ягон моҳият ё хусусият аст» [173, с.57].

Ҳамин тавр, агар ҳастӣ беинтиҳо бошад ва натиҷаи раванди абстрактӣ ва беохири фаҳм бошад, пас «чиз» аз рӯи хусусиятҳои сифатии худ (ҷисмониёт, шакл, адад, фазо ва замон) тобеи дарки маҳдуди мост, ва аз ин нуқтаи назар, танҳо Ҳастӣ ҳақиқатан воқеӣ мебошад, вале на «чиз». Аз ин рӯй, қайд мекунад Фритоф Шуон, дар муқобили Ҳастӣ на ягон абстраксияи «нестӣ» ё «адам», балки маҳдудияти «чизҳо» ва номукаммалии онҳо меистад [195, с. 87].

Яъне, агар инсон дар торикӣ қарор дошта бошад ва натиҷаи равиши абстракти танҳо дар охир фаҳмида шавад, пас шинохтани хусусиятҳо, бадан, шакл, одатҳо, макон ва вақти ӯ ғайри имкон мегардад. Аз ин нуқтаи назар, инсон метавонад воқеан воқеӣ ҳисобида шавад. Вале ин ҳолат рӯи кор намеояд. Ҳаёт муҳокимаи озод ва дилхоҳ нест. Дар асл, абстрактсияи инсон вуҷуд надорад, ҳама чиз маҳдуд ва ноком аст.

Аммо, набояд фаромӯш кард, ки ин «чиз» бо вуҷуди маҳдуд ва нокомил буданаш ҷузъи зарурии ҳастии беканор аст. Ғайр аз ин, ҳамин «чиз» аст, ки онро шуури бадеии анъанаҳои гуногун сифатҳои муайян (рамзӣ, маҷозӣ) пур мекунанд ва ин ба мо имкон медиҳад, ки дар ашё чунин дараҷаҳои «чизӣ» ва «вуҷудӣ»-ро бубинем, ки онҳоро ба баландтарин доираҳои коинот марбут медонанд. Аз ин нуктаи назар, «чиз» ва «моддият» мафҳумҳои ҷаҳонӣ ва метафизикӣ мебошанд, зеро, чунон ки Ибни Сино гуфтааст, «чиз» метавонад ҳастӣ низ бошад.

Чиз, ё шайъ реша дар ҳастӣ ва дар Худо дорад, ин бартарии онтологии чиз ҳамин далел аст, «чиз» дар мукошифаи зоти илоҳии худ шоиста аст, ки ба сифати нишонаи болотар - нишонаи илоҳӣ ва намуди сохтаи башар зоҳир шавад. Аз ин рӯ, аз «чиз»-и ба таври бадеӣ сохташуда хоста мешавад, ки ҳамчун сафедкунандаи ҳам худ бо маҳдудиятҳо ва ноқисиҳояш ва ҳам он ҳастӣ, ки тафсир мекунад, ҳозир

шавад. Ин аст, ки ба сӯйи камолот, шумораи чиз - ба сӯйи маҷмӯъ, моддаи чиз - ба сӯйи тағйирнопазирӣ нигаронида шудааст [132, с. 98-110].

Тибқи қоидаҳои риторикии наҳви арабӣ, фиқҳ, назарияи қиёс ва назарияи бадеӣ, фаҳмиши «чизҳо» дар мавҷудияти онҳо ба қонуни генетикии тағйирнопазир тобеъ аст, ки ҳамчун «асл - фаръ» мураттаб шудааст.

Фаҳмидани ҳастӣ дар ҷустуҷӯи худ, дар ҳаракат ба сӯйи дарки он ҳақиқат ба дунё меояд, ки асоси (асл)-и ҳастӣ буда, дар ниҳоят ба ҳастии ҳақиқӣ табдил меёбад. Қонуни риторикии фарҳанги мусулмони низ ба тартиби мувофиқи герменевтикии фаҳм асос ёфтааст. Ҳастии аз ҷониби инсон даркшаванда шомили тақсим нест, балки танҳо дар раванди феълият бахшии маънои ҳастии билқувваи худ шомили фаҳму дарк аст.

Аммо, дар ҷараёни мукошифаи эҷодии ҳастӣ ҳамчун «чиз» ва «чиз» дар вуҷуди худ, бешак, донистани маънои пинҳонӣ кифоя нест, зеро ба маъно бояд шакл дуруст дода шавад ва шакл дуруст ва мувофиқи маъно тафсир карда шавад. Инчунин маълум аст, ки чунин «чиз» асари санъат шуда наметавонад, зеро эҷодкорӣ худро танҳо дар шакл намоён мекунад ва «чиз»-и ба таври бадеӣ ҷудо кардашуда, дар такя ба маъно, ба «сурати зот» - шакли ботинии ба таври органикӣ барояш хос, ҳатман бояд «сурати ваҷҳ» – яъне «шакли берунии» худро низ баён кунад.

Салҷуқӣ дар асари худ, бо номи «Нақди Бедил», ба таври равшан аз консепсияи каломӣ ва ирфонии ҳастишиносӣ ҷонибдорӣ карда, чунин навиштааст: «Тавре, ки низоми табиӣ ва низоми адабӣ мавҷуд аст, ба ҳамон тавр ду саро низ муҳаққақ аст: сарои дунё ва сарои охират, сарои амал ва сарои ҳисоб, сарои кишт ва сарои дарав. Вале ин ду саро ба эътибори шариат ва тариқат ихтилофи лафзӣ пайдо мекунанд. Он чизе ки назди фуқаҳои киром иборат аз дунё ва охират аст, назди суфӣ иборат аст аз шаҳодат ва ғайб, касрат ва ваҳдат, таъйин ва итлоқ. Суфӣ - тавре ки дар мавқеаш баён хоҳад шуд, ба санавият қоил нест. Вақте ки ба

олами ваҳдат мегарояд, ба дунёи касрат эҳтимоме надорад ва ҳамин тавр ҳине, ки таҷаллиро дар дунёи касрат мебинад. Яъне дар ғайб назди ӯ зоти мутлақ аст ва дар шаҳодат он зот ба чуну чанд муайян шудааст [127, с. 88-95].

Яъне, Салҷуқӣ бо ин ақидааш гуфтан мехоҳад, ки чӣ гуна низоми табии ва низоми инсонӣ баробар вуҷуд доранд ва ин ду ҷаҳон аз ҳамдигар ҷудонашаванда ҳастанд. Аз ҷумла дунёи моддӣ ва охират, дунёи амал ва фикр, инчунин дунёи замин ва баҳр мебошанд. Вале тибқи шариат, зарур аст, ки байни ин ду ҷаҳон фарқ гузошта шавад. Пас ҷаҳони охират метавонад, ҳамчун дунёи гузаштагон тасаввур шавад, аммо ҳамзамон ба зиндагон низ пайвастагӣ дорад. Ба ибори дигар дунёи охират омили воқеияти мутлақ мебошад.

Салҷуқӣ тамоми масоили ҳастишиносиро бо ахлоқ ва зебоишиносӣ пайваст мекунад. Ба ақидаи ӯ, дарк кардани ҳастӣ танҳо бо ақл кофӣ нест, чаро? Барои оне ки инсон онро бояд бо дил, шуур ва маънавиёт ҳам пайваст кунад. Салҷуқӣ ҳастӣ ва воқеиятро дар пайванди зич бо маънавият, ахлоқ ва ҳастии инсон баррасӣ мекунад. Барои ӯ омӯзиши ҳастӣ танҳо фаҳмиши сохтори олам нест, балки кушодани мақсади вуҷуд ва ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ мебошад. Масоили калиди ҳастишиносӣ дар таълимоти ӯ чунин ҷамъбаст мешавад.

Ба ин тартиб, Салҷуқӣ бо ҷудо кардани ҳасти ба ду сатҳи моддӣ ва маънавӣ, ҷаҳонро ҳамчун маҷмӯи воқеиятҳо мефаҳмонад. Вай бо баён доштани ин, ки “ҳастӣ танҳо он чизе нест, ки дида мешавад”, ба мо мефаҳмонад, ки ҳақиқати ҳастӣ дар паси маъно, таъсир ва фаъолиятҳои рӯҳонӣ ва ақлонӣ низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, баррасии ҳастишиносӣ бидуни дар назар гирифтани унсурҳои маънавӣ нопурра мемонад.

Салҷуқӣ дар баррасии ҳастӣ ба принсипҳои асосии сабабият ва мақсадмандӣ такя мекунад. Ба назари ӯ, ҷаҳони ҳастӣ як низоми танзимшуда ва ҳадафдор аст. Ҳар падида дар ин низом бо сабабҳои муайян ба вуҷуд меояд ва ба сӯи як ғояи камолӣ равона гардида, дар ниҳоят ба ҳикмати илоҳӣ

пайванд дорад. Аз ин рӯ, ҳастӣ бе маъно ва тасодуфӣ нест, яъне он дорои тартиб, ҳадаф ва иродаи олист. Ин дидгоҳ Салҷуқиро дар силсилаи мутакаллимону фалсафаҳое қарор медиҳад, ки бо забони фалсафӣ ва маънавӣ аз мақсаднокии кулии олам ва таносуби байни иллат, ҳадаф ва камолоти вуҷуд дифоъ мекунанд.

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи масолеҳи ашёи ҳастӣ сухан ронда, даҳҳо хусуссиятҳои онро, аз ҷумла қувваи ҷозиба, қувваи васл намудан ва қувваи вазнро муайян мекунад. Ин қувваҳо инкишофи худро аз наботот ва ҳайвонот гирифтанд, дар баробари он худи ин қувваҳо қобилияти баланд доранд. Дар инсон ин хислатҳо якчанд намуди дигар гирифтааст, ки аз набототу ҳайвонот фарқ доранд ва моҳияту хусусиятӣ ба вуҷудоии инсонро намоиш медиҳанд.

Хулоса, Салҷуқӣ тамоми масоили ҳастишиносиро бо ахлоқ ва зебоишиносӣ пайваст мекунад. Ба ақидаи ӯ, дарк кардани ҳастӣ танҳо бо ақл кофӣ нест. Чаро? Барои он, ки инсон онро бояд бо дил, шуур ва маънавиёт ҳам пайваст кунад. Андешаи фалсафаи Салоҳуддин Салҷуқӣ новобаста аз он, ки бештар дар шакли маърӯзаҳо, рисолаҳо ва ёддоштҳои илмӣ ифода шудааст, дорои таҳлили равшани масоили ҳастишиносӣ мебошад. Салҷуқӣ ҳастӣ ва воқеиятро дар пайванди зич бо маънавият, ахлоқ ва ҳастии инсон баррасӣ мекунад. Барои ӯ омӯзиши ҳастӣ танҳо фаҳмиши сохтори олам нест, щамчунин кушодани мақсади вуҷуд ва ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ мебошад. Масоили калидии ҳастишиносӣ дар таълимоти ӯ чунин ҷамъбаст мешавад.

Ба ин тартиб, Салҷуқӣ бо ҷудо кардани ҳастӣ ба ду сатҳ моддӣ ва маънавӣ, ҷаҳонро ҳамчун маҷмӯи воқеиятҳо мефаҳмонад. Вай бо баён доштани ин, ки “ҳастӣ танҳо он чизе нест, ки дида мешавад”, кӯшидааст нишон диҳад, ки ҳақиқати ҳастӣ дар паси маъно, таъсир ва фаъолиятҳои рӯҳонӣ ва ақлонӣ низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, баррасии ҳастишиносӣ бидуни дар назар гирифтани унсурҳои маънавӣ нопурра мемонад.

Салҷуқӣ дар баррасии ҳастӣ ба принсипҳои асосии сабабият ва мақсаднокӣ такя мекунад. Ба назари ӯ, ҷаҳони ҳастӣ як низоми танзимшуда ва ҳадафдор аст. Ҳар падида дар ин низом бо сабабҳои муайян ба вуҷуд меояд ва ба сӯи як ғояи камолӣ равона гардида, дар ниҳоят ба ҳикмати илоҳӣ пайванд мегирад. Аз ин рӯ, ҳастӣ бе маъно ва тасодуфӣ нест, яъне он дорои тартиб, ҳадаф ва иродаи олист. Ин дидгоҳ Салҷуқиро дар силсилаи мутакаллимону фалсафаҳое қарор медиҳад, ки бо забони фалсафӣ ва маънавӣ аз мақсаднокии кулии олам ва таносуби байни иллат, ҳадаф ва камолоти вуҷуд дифоъ мекунанд.

Ба ақидаи Салҷуқӣ «ҳар мавҷуди олам дар айни ҳол соҳиби хусусиятҳои умумӣ ва инфиродӣ мебошанд. Умумияти мавҷудотро дар доираи як навъ ё як категория муттаҳид мекунад, дар ҳоле ки инфиродӣ сифати яктоӣ ва нодирии онҳоро ифода менамояд. Мавҷудоти инфиродӣ на танҳо дар шакл, хусусиятҳои моддӣ ва зоҳирӣ фарқ доранд, балки дар сатҳи вуҷудӣ ва маънои ҳастии худ низ ба таври амиқ аз ҳам мутафовитанд. Ин ду мафҳум барои дарки табиати мураккаби ҳастӣ ва тавсифи воқеии мавҷудот нақши калидӣ мебозанд» [127, с. 88-95].

Аз нигоҳи Салҷуқӣ, озодӣ ва ҳуқуқ дар ҳастии инсон ҷойгоҳи аслӣ доранд. Инсон мавҷуди озод аст, аммо ин озодӣ дар чаҳорчубаи қонунҳои табиат ва меъёрҳои ахлоқӣ амал менамояд. Маҳдудиятҳо озодиро аз байн намебаранд, балки онро ба самти маънавӣ ва масъулият равона месозанд. Ҳар амали инсон бояд бо хиради ӯ ва ҳадафи муайяне ҳамоҳанг. Бо ин роҳ, озодӣ аз як рафтори бемаҳдуд ба як абзори камолоти инсонӣ табдил меёбад.

Ба назари Салҷуқӣ, фарқ гузоштан миёни воқеият ва тасаввур ё хаёли зеҳнӣ бисёр муҳим аст. Инсон бояд ҳақиқати ҳастиро бо истифода аз ақл, шуур ва дарки дуруст бишиносад, на он чизеро, ки танҳо дар зеҳни ӯ ҳамчун хаёл ё тасаввур пайдо мешавад. Тасаввур ва хаёл метавонад воқеиятро таҳриф кунанд, бинобар ин фаҳмидани ҳақиқат танҳо бо маърифати ақлонӣ ва таҳлили бодиққат имконпазир аст.

2.2. Масъалаҳои гносеологӣ дар таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ

Гносеология яке аз бахшҳои калидии фалсафа мебошад, ки масъалаҳои марбут ба шинохт, маърифат ва равандҳои тавлиди донишро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ин илм аз вожаи юнонии gnosis – дониш ва logos – омӯзиш гирифта шуда, ҳадафи он баррасии асосҳои назариявӣ ва амалӣ кардани имконоти инсон дар шинохти воқеият аст.

Ин мафҳумро истилоҳи дигари илмӣ – эпистемалогия (аз калимаи юнонии episteme-дониш + logos- таълимот) низ ифода мекунад. Масъалаи асосии гносеология аз инҳо иборатанд: аз куҷо пайдо шудани дониш, чӣ гуна ба вуҷуд омадани он, то кадом ҳад ҳақиқӣ будани он ва оё инсон қодир ба шинохти воқеият аст, шинохти воқеӣ имконпазир ҳаст ё не? Оё он чи мо маърифат мекунем воқеӣ аст ё танҳо онҳо дар зеҳни мо вуҷуд доранд ва ғайра. Ин илм, шаклу усулҳои шинохти воқеии ҳастиро меомӯзад. Ин бахш ба таври мустақим бо мантиқ, онтология, методологияи илм ва психологияи тафаккур алоқаи зич дорад.

Дар доираи гносиология инсон ҳамчун мавҷуди доно ва ҷустуҷӯкунандаи ҳақиқат ба сифати субъекти шинохт баррасӣ мешавад ва ҷаҳон, ашё ва падидаҳо ҳамчун объекти шинохти ӯ қарор мегиранд. Ҳамин тавр, гносиология иртибот ва муносибати байни субъект ва объектро таҳқиқ мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳсталаби гносеология имкони шинохти воқеият ё номумкин будани маърифати ҳақиқии он ба ҳисоб меравад. Албатта, муносибати инсон бо воқеият ҳамеша содда нест ва масъалаи шинохт баҳси фалсафӣ ва методологиро тақозо мекунад. Воқеӣ будани маърифати ҳастӣ имконият медиҳад, ки шинохти он дуруст бошад.

Гносеология дар посух ба саволи “дониш ва маърифат аз куҷо пайдо мешаванд?” чанд манбаи калидиро пешниҳод менамояд:

1. Эмпиризм – бар ин назар аст, ки сарчашмаи асосии дониш ҳиссиёт ва таҷриба мебошад. Ҳамаи донишҳои инсон аввал аз дарки ҳиссӣ оғоз

мегарданд ва баъдан ақл онҳоро коркард мекунад. Намояндагони асосии классикии ин равиш Локк, Беркли ва Юм мебошанд.

2. Ратсионализм – манбаи донишро дар қобилияти ақл ва муҳокимаи мантиқӣ мебинад. Бинобар ин назария, ақл қодир аст ҳатто бе таҷриба ба хулосаҳои дуруст бирасад. Намояндагони асосии ин ҷараён Декарт, Спиноза ва Лейбнитс мебошанд.

Дар айни замон, Салҷуқӣ ин ду манбаи донишро бо ирфону ваҳий интуитсия, илҳом ва кашфи ботинӣ ҳисобида мешавад. Аз нигоҳи мутафаккироне, чун Ибни Арабӣ, Абунасри Форобӣ ва Ғаззолӣ инсон метавонад дар баъзе ҳолатҳо ба донишҳое бирасад, ки бо роҳи ҳиссӣ ва ақлонӣ дастнорасанд. Фалсафаи динӣ ва ваҳй низ сарчашмаи дониш шумурда мешаванд.

Гносеология раванди шинохтро, ки тавассути шуур дастрас намудани донишҳои воқеию дуруст дар бораи олам мебошад, ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо мекунад: ҳиссӣ ва ақлонӣ. Шинохти ҳиссӣ марҳилаи ибтидоии шинохт буда, аз дарк, эҳсос, тасаввур ва фаъолиятҳои ҳиссӣ таркиб ёфтааст. Он ба инсон имкон медиҳад, ки аломатҳои зоҳирии ашёро қабул кунад. Аммо дар айни ҳол маҳдудият дорад, зеро ҳиссиёт наметавонад моҳияти ашёро маърифат намояд. Шинохти ақлонӣ бошад, ин марҳилаи олӣ ва мукамалтари шинохт ҳисобида мешавад. Он аз мафҳум, ҳукм, қиёс, таҳлил ва тафаккури мантиқӣ иборат мебошад. Дониши илмӣ маҳз ба маърифати ақлонӣ ба вуҷуд меояд.

Яке аз масъалаҳои меҳварии гносеология муайян кардани ҳақиқати дониш аст. Гносеология меъёрҳои гуногуни санҷиши донишро пешниҳод менамояд, аз ҷумла мувофиқат бо воқеият (дониш вақте ҳақиқист, ки ба воқеият мувофиқат кунад), санҷиши таҷрибавӣ (дониш бояд дар амал исбот шавад), мантиқ ва далелеҳо (дониш бояд ботдалелҳо исбот шавад), натиҷаи амалӣ (илм бояд қобили истифода дар амал бошад), таҷрибаи ҷамъиятӣ ва таърихӣ (донишҳое, ки дар тули таърих собит шудаанд, эътимоди бештар

доранд. Масъалаи ҳақиқат нишон медиҳад, ки гносиология на танҳо пайдоиши дониш, ҳамчунин сифати онро низ меомӯзад.

Аз нигоҳи гносеологӣ шинохти инсон маҳдудиятҳои муайян дорад. Ин маҳдудиятҳо метавонанд аз хусусияти субъективии инсон, қудрати ҳиссӣ, маҳдудияти таҷриба, ҳатто дар мантиқ ё сохтори забонӣ сар занад. Инсон наметавонад тамоми воқеиятро комилан фаро гирад. Бисёре аз ҳақоиқ берун аз ҳудуди шинохти ақлонӣ ё ҳиссӣ мемонад. Ин ҳолат муҳиммияти фалсафа ва илмро дар такмили ҳамдигар нишон медиҳад.

Гносеология тавзеҳ медиҳад, ки шаклҳои гуногуни дониш ба ҳамдигар вобастагӣ доранд. Масалан, илм ба таҷриба, далел ва мантиқ такя мекунад. Фалсафа низ ҳамчун илм ба далелҳи мантиқӣ, дастовардҳои илмҳои дигар ва бурҳон иакя мекунад. Фалсафа чун ба масоили куллӣ таваҷҷуҳ дорад, мушкилоти маърифатӣ низ аз ин дидгоҳ баррасӣ мешаванд. Ин шаклҳои дониш ба ҳамдигар ихтиёр надоранд, балки ҳамдигарро такмил медиҳанд. Мутафаккирони бузурги исломӣ, аз ҷумла Ибни Сино ва мулло Садро ҳамеша таъкид мекарданд, ки шинохти комил танҳо дар натиҷаи ҳамгироии ақл, таҷриба ва маърифат ба даст меояд.

Салоҳуддини Салҷуқӣ низ мисли аксари мутафаккирони мусулмон ба масъалаҳои маърифат ва шинохт таваҷҷуҳи хос дорад. Масъалаҳои шинохтро Салҷуқӣ ба мисли аксари намояндагони фалсафаи ҷаҳони ислом баррасӣ намуда, ба маърифатпазирии олам бовар дошт. Аз дидгоҳи ӯ, «шинохт танҳо раванди инъикоси сурати ашё дар ҳис ва ақл аст. Дар ин масъала Салҷуқӣ аз равиши файласуфони машшоӣ, ба мисли Ибни Сино истифода намояд ҳам, ба усули маърифатии ирфони исломӣ низ таваҷҷуҳ дорад. Субъекти шинохт (инсон) ва объекти шинохт (олам) нест, балки беш аз ин як раванди фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошад. Салҷуқӣ шинохтро яке аз пояҳои ҳастии инсон медонад. Ба қавли ӯ: “Инсон то дар айни шинохт набошад, дар айни ҳастӣ низ ба камолот намерасад» [131, с. 42].

Дар таълимоти маърифатшиносии Салҷуқӣ шинохти инсон ҷойгоҳи хос дорад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, инсон танҳо як воқеияти биологӣ ё ҷисмонӣ нест.

Ҳастии ҳақиқии инсон он вақт шакл мегирад, ки ӯ огоҳона, бо шуур ва бо дарки худшиносии воқеият зиндагӣ кунад, яъне инсон мавҷудест, ки аз роҳи шинохт ҳастии худро месозад. Ҳар қадар андеша, фаҳм ва худогоҳӣ бештар бошад, ҳамон қадар ҳастии инсон арзишмандтар ва пурмазмунтар мегардад.

Ӯ бар ин назар аст, ки камолоти инсонӣ тавассути шинохт, тафаккур ва тадаббур амалӣ мешавад. Камолот аз назари ӯ танҳо зоҳирӣ нест, ин амри зеҳнӣ, маънавӣ ва вуҷудист, ки реша дар шинохт дорад. Пас, инсон то замоне, ки ҷаҳони атроф, ҷойгоҳи худ дар ҷаҳон, фитрати худ ва муносибати худ бо ҳақиқатро дарк накунад, ба камоли зеҳнӣ, ба камоли ахлоқӣ ва ба камоли вуҷудӣ наметавонад бирасад. Инсон мавҷудет, ки ба камол майл дорад ва бе шинохти худ камол имконпазир нест.

Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки Ибни Сино вуҷудро ба идрок рабт медиҳад, Мулло Садро вуҷудро бо шинохт ва ҳаракати ҷавҳарӣ мепайвандад, шайх Суҳравардӣ нури маърифатро асоси рӯҳ медонад. Аммо худи ӯ инро дар шакли кунунӣ, равшан ва инсонмеҳвар мефаҳмонад ва мегӯяд: “шинохт на танҳо роҳ ба вуҷуд аст, он худ пояи вуҷуд аст” [123, с. 124]. Яъне, Салҷуқӣ шинохтро шарти вуҷуд ва камоли инсон медонад. Ба ақидаи ӯ, «инсон то замоне, ки худ ва ҷаҳонро дарк накарда бошад, вуҷуд ӯ будани комил ва маънодор нест. Аз ин ҷост, ки наҷоти инсон, рушд ва камолоти ӯ аз роҳи маърифат ва бедории зеҳнӣ ҳосил мешавад. Аз дидгоҳи ӯ, шинохт на раванди якдафъаина, балки ҳаракати тадричӣ аз сатҳи ҳиссӣ ба сатҳи ақлонӣ ва аз он ба сатҳи маънавӣ аст. Салҷуқӣ ба мисли мутафаккирони мусалмонӣ ва фалсафаи муосир, раванди шинохтро зина ба зина ва бисёрқабата медонад» [123, с. 54].

Салҷуқӣ аз назари методологӣ ба ҷараёни гносизм наздик аст. Ҳарчанд ӯ мустақилан гностик набошад ҳам, ба мисли пайравони ин ҷараён муътақид аст, ки ҳақиқат тавассути дониши ботинӣ ошкор мешавад. Шинохти воқеӣ натиҷаи кашфи ботинӣ аст ва ақл василаи ба ин маърифат расидан мебошад. Ҳамзамон мутафаккир суратро сояи ботин меҳисобад ва ислоҳи ҷомеаро дар бо маърифат шудани афроди он мебинад. Ба мисли ҳакимони мусулмоне, ки

ба гносизм гароиш доранд, илмро роҳи асосии расидан ба камол меҳисобид. Ӯ ба қудрати инсон дар шинохт бовар дорад ва ба ин назар аст, ки: «шинохт имконпазир аст, аммо ин имконпазирӣ мутлақ нест, инсон дар масири шинохт ҳамеша дар ҳоли такмил мебошад» [131, 57с].

Бо далели мазкур Салҷуқиро метавон ба равияи гносизм наздик донист. Гносизм бар он таъкид мекунад, ки инсон қобилияти шинохтан ва дарки воқеиятро дорад, ҳарчанд шинохти ӯ метавонад маҳдуд, нисбӣ ва дар ҳоли такмил бошад. Маҳз ҳамин нуқта дар маркази андешаҳои Салҷуқӣ қарор дорад. Аз нигоҳи ӯ, инсон табиатан мавҷуди дарккунанда аст. Ҳастии инсон аз шинохт ҷудо нест ва ӯ аз роҳи шинохт ҷаҳонро мефаҳмад, ҷойгоҳи худро дар ҳастӣ муайян мекунад ва будани худро маънодор месозад. Аммо баръакси догматикҳо, ки шинохтро мутлақ ё пурра медонанд, Салҷуқӣ мавқеи миёна ва мутавозинеро пешниҳод мекунад.

Ба ақидаи олим, шинохт имконпазир аст, аммо он мутлақ нест. Инсон дорои ақл, шуур ва қудрати тадаббур аст. Ин нерӯҳо ба ӯ имкон медиҳанд, ки муҳитро бифаҳмад, қонунмандии ҳастиро кашф кунад ва ба хулосаҳои илмӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ бирасад. Пас шинохт ба куллӣ номумкин нест, балки як амри воқеӣ, табиӣ ва зарурӣ аст. Дар баробари ин Салҷуқӣ бовар дорад, ки инсон ба шинохти мутлақ, фарогир ва ниҳоӣ наметавонад бирасад. Маҳдудиятҳои инсонӣ чунинанд: маҳдудиятҳои қудрати ҳиссӣ ва таҷрибавӣ, маҳдудияти забон ва мафҳумҳо, маҳдудияти ақл аз дарки ҷанд қабати амиқи ҳастӣ ва тағйирёбанда будани донишҳои илмӣ. Аз ин рӯ, шинохт нисбӣ, дар ҳоли рушд ва ниёзманд ба бозбинӣ мебошад. Ин мақеъ Салҷуқиро аз догматизм (бовар ба донишҳои мутлақ) дур ва ба гносизми мутавозин наздик мегардонад. Аз назари файласуф, инсон дар масири шинохт ҳамеша дар ҳоли такмил мебошад. Шинохт ҳамчун раванд, такмилёбии доимӣ ва тафаккури танқидӣ баромад намуда, ҳастӣ бидуни маърифат фаҳмида намешавад.

Барои Салҷуқӣ, шинохт “як ҳолати тайшуда” нест, балки равандест бепоён, ки инсон дар он пайваста ҳаракат мекунад. Инсон ҳар қадар зиёд бидонад ҳам, вале ҳақиқати мутлақ пурра фарогирифта наметавонад. Инсон

дар марҳилаи шинохт аз хатоҳо пок мешавад, дониши худро такмил медиҳад, аз сатҳи зоҳир ба умқи маъно мегузарад ва фаҳмиши устувортар ба даст меорад, ки ифодакунандаи камолоти ӯст. Салҷуқӣ ба ин назар аст, ки шинохт танҳо дар сурате такмил меёбад, ки инсон ба дониши худ шубҳаи созанда дошта бошад, онро ҳамеша бозбинӣ ва танқид кунад ва ба фаҳмиши беҳтар талош варзад, пас аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки Салҷуқӣ ба раванди дониш, маърифати олам ба усули диалектикӣ муносибат кардааст.

Салҷуқӣ дар баррасии манбаъҳои дониш шинохти ҳиссӣ, ақлонӣ ва маънавӣ ё ирфониро аз ҳам фарқ мекунад. Шинохти ҳиссиро ӯ «оғози рӯёрӯии инсон бо воқеият” мехонад, ки пояи ибтидоии маърифат мебошад, вале онро танҳо яқ қадами аввал медонад: “Ҳиссиёт ба мо суратҳоро медиҳад, на маъниётро. Суратҳо аз маъни ҷудоанд ва маъниётро танҳо ақл кашф мекунад» [131, с. 61]. Аз дидгоҳи ӯ, шинохти ҳиссӣ ибтидои сатҳи робитаи инсон ба воқеият аст. Маҳз аз тариқи ҳис инсон робитаи аввалин худро бо олами атроф барқарор мекунад. Ҳис ба мо падидаҳоро ошкор месозад, вале ин раванд танҳо оғози шинохти воқеӣ аст, на маърифати комил. Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки ҳиссиёт ба маърифати суратҳо мусоидат мекунад. Суратҳо на ҳамеша ифодакунандаи маънавият мебошанд. Яъне, ҳис танҳо он чизеро нишон медиҳад, ки зоҳирӣ аст. Аммо масъалагузорӣ намудан ки чаро, чӣ гуна, бо кадом қонун ва дар кадом низом мафҳумҳои махсус вуҷуд доранд, ба воситаи ҳиссиёт ошкор намешавад. Аз ин нуқтаи назар, дар ҷараёни маърифат ҳис идроки ҷузъиро фароҳам меорад, вале ақл идроки куллӣ ва маъниро кашф мекунад. Масалан, ҳиссиёт ба мо сурати дарахтро нишон медиҳад, аммо сабабияти рушд, низоми ҳаётӣ, робитаҳои ботинии он бо муҳит ва мақоми он дар таркиби куллии табиат тариқи ҳиссиёт дарк намешавад ва инҳоро танҳо ақл кашф мекунад. Салҷуқӣ бо ин мавқеъ ба анъанаи фалсафии Ибни Сино, Форобӣ ва Мулло Садро пайваст мешавад, ки ҳамагӣ бар ин ақидаанд, ки шинохт аз сурат оғоз мешавад, аммо дар маъно ва мафҳум ба камол мерасад. Ҳамин аст, ки Салҷуқӣ шинохти ҳиссиро “қадами аввал” медонад ва ба ин бовар аст, ки бе сурат дар модиёт

маънӣ ташаккул намеёбад. Ҳамзамон сурат низ маъно нест, балки воситаи расидан ба маъно аст. Дар ин раванд ақл нерӯест, ки маъниёти пушти сурати ҳиссиро ошкор месозад. Ҳамин тавр, дар маърифатшиносии Салҷуқӣ ҳиссиёт оғози шинохт ба ҳисоб меравад.

Дигаре аз шаклҳои шинохт дар таълимоти Салҷуқӣ ақлонӣ маҳсуб мешавад. Ба андешаи Салҷуқӣ, ақл қодир аст робита, қонун ва низоми ҷаҳонро дарк кунад. Ба қавли ӯ: «Ақл воситаи пайвастани инсон ба ҷаҳон аст, бе ақл ҷаҳон ба маҷмуи тасвирҳои пароканда табдил мешавад» [131, с. 88].

Аз ин андешаи ӯ бармеояд, ки мафҳуми шинохти ақлонӣ дар маркази таълимоти Салҷуқӣ қарор дорад. Ба эътиқоди ӯ, қобилияти шинохт ва фаҳмиши воқеият, пеш аз ҳама, тавассути ақл анҷом мегирад, зеро ақл нерӯест, ки тафаккурро аз ҳоли парокандагӣ ба сатҳи муназзам мебарад. Ӯ ақлро воситаи аз ҳама муҳими пайвастани инсон ба ҷаҳон ва шинохти табиату қонуниятҳои инкишофи он медонад. Ӯ бар ин назар аст, ки инсон бидуни фаъолшавии ақл наметавонад миёни падидаҳо робита, қонунмандӣ ва низоми ҳастиро дарёбад. Аз ин рӯ ҷаҳони объективӣ барои инсон танҳо вақте маъно пайдо мекунад, ки аз тариқи амали ақлонӣ таҳлил шавад.

Ба қавли Салҷуқӣ, агар ақл фаъол набошад, ҷаҳон дар сурати маҷмуи тасвирҳои пароканда тасаввур мешавад ва дуруст дарк намегардад. Танҳо ақл қодир аст ин тасвирҳои парокандаро дар як низоми мантиқӣ ҷамъ оварад ва онҳоро бо мафҳум, қонун, робита ва мафҳуми дигари шинохт оро диҳад. Дар ин замина, ӯ ба анъанаҳои фалсафаи Ибни Сино ва Мулло Садро наздик мешавад, ки ҳарду ақлро нерӯи ташкилкунандаи маърифати инсон медонанд. Вале Салҷуқӣ бо таъкиди махсус бар “воқеияти ақлонӣ” ба чунин натиҷа мерасад, ки шинохт танҳо бо ҳиссу таҷриба комил намешавад, зеро ҳисҳо қобилияти кашфи низом ва қонунро надоранд. Ақл танҳо ташкилдиҳандаи дониш нест, балки ташкилдиҳандаи худи ҷаҳон дар дарки инсонӣ мебошад. Ҳақиқати ҷаҳон барои инсон танҳо аз тариқи ақл ошкор мешавад, зеро низоми ҷаҳонӣ барои ӯ танҳо дар сатҳи ақлонӣ қобили идрок аст.

Дар умум, Салҷуқӣ ақлро робитае миёни инсон ва ҷаҳон мешуморад. Инсон аз тариқи он ҷаҳонро мефаҳмад, ба низому қонунмандии ҳастӣ даст меёбад ва аз ҳолати огоҳии пароканда ба огоҳии бонизом мерасад.

Шакли шинохти маънавӣ ва ирфонӣ, ки Салҷуқӣ пешниҳод мекунад, аз таълимоти Машшоияи Шарқӣ фарқ дорад. Зеро ин тарзи маърифат ба сарчашмаҳои динӣ такя мекунад ва инсонро оинаи ҳастии Худо унвон мекунад. ин шакли маърифат тавассути пок кардани нафс, шуҳуди ботинӣ, бартарии ҳиссиёти ботинӣ аз ақл ва ваҳдати шуҳуду ваҳдати вуҷуд ҳосил мешавад, ки бо низоми фалсафии Машшоия мувофиқат надорад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, «инсон барои дарки баъзе ҳақоиқ танҳо бо ақл ва ҳиссиёт муваффақ намешавад. Бинобар ин, вай баъзан ба манобеи маънавӣ низ ишора мекунад: “Дар умқи инсон мароқе ҳаст, ки аз ҳиссиёт ва мантиқ фаротар меравад, ин ҷо сатҳи огоҳии маънавӣ ва шинохти ботинӣ мебошад» [131, 40-55с].

Аз ин суханҳои Салҷуқӣ бармеояд, ки ӯ дар баробари шинохти ҳиссӣ ва ақлонӣ навъи дигари шинохтро низ матраҳ мекунад, ки онро шинохти маънавӣ, ирфонӣ ё ботинӣ меноманд. Ба ақидаи ӯ, инсон дар дарки баъзе аз ҳақоиқи ҳастӣ танҳо бо такя ба ҳиссиёт ва мантиқ комёб намешавад. Ин ду сатҳи шинохт, ҳарчанд зарурӣ ва асосӣ ҳастанд, аммо қодир нестанд тамоми паҳлӯҳои воқеиятро ифшо кунанд. Ба ҳамин асос ӯ ба вуҷуд доштани манобеи маърифатии дигар ишора мекунад. Манобее, ки берун аз доираи ҳис ва ақл амал мекунанд ва инсонро бо сатҳҳои амиқтари ҳастӣ ва маъно рӯбарӯ месозад.

Файласуф бар ин назар аст, ки ҳиссиёт танҳо суратҳоро ба инсон мерасонад ва ақл низ, ҳарчанд маъноҳоро кашф мекунад, аммо қобилиятҳои он маҳдуд аст. Ақл метавонад низом, қонун ва робитаҳои зоҳирии ҷаҳонро кашф намояд, вале ба ҳақоиқи вуҷудӣ, мақсади ҳастӣ, таҷрибаҳои ботини инсонӣ ва маърифатҳои муқаддас дастрасӣ надорад, агар танҳо ба худ такя кунад. Аз ин рӯ, ӯ арзёбӣ мекунад, ки инсон аз сатҳи ҳиссӣ ва ақлонӣ боло меравад ва ба дараҷаи дигаре аз дарк ворид мешавад. Дараҷае, ки ӯ онро огоҳии маънавӣ ё шинохти ирфонӣ меномад.

Дар андешаи Салҷуқӣ, инсон дорои “умқ” ва “марокизи ботинӣ” аст, ки қобилияти дарк кардани ҳақоиқеро дорад, ки онро на ҳиссиёт дастрас мекунад ва на ақл. Ин сатҳи огоҳӣ, ки ба нерӯҳои ирфонӣ ва таҷрибавии ботинӣ иртибот дорад, ба инсон имкони дарк кардани ҳақоиқи маънавии вуҷуд, асрори нафси инсонӣ, ҷанбаҳои тахайюлӣ ва тааммулию маърифати илоҳиро медиҳад. Салҷуқӣ дар ин мавқеъ ба анъанаи ифони исломӣ низдик мешавад, ки барои гирифтани маърифати амиқ аз инсон тақозо мекунад, ки ба ботин, ба замири худ ва ба сатҳи иртиботи рӯҳонӣ бо ҳастӣ рӯ оварад. Ин маърифат на аз роҳи истидлоли мантиқӣ, балки аз роҳи таҷрибаи маънавӣ, мушоҳидаи ботинӣ ва инкишофи рӯҳонӣ ҳосил мешавад. Барои ӯ се навъи шинохт – ҳиссӣ, ақлонӣ ва маънавӣ як силсила мебошанд:

- ҳиссиёт инсонро бо ҷаҳон рӯбарӯ мекунад;

- ақл робита ва маънои ин ҷаҳонро кашф менамояд;

- маърифат ва ирфон инсонро ба умқи вуҷуд, ба сатҳи асрори ботинӣ ва ба ҳақоиқи аз мантиқ фаротар мерасонад.

Ҳамин тавр, шинохти маънавӣ дар гносеологияи ӯ ба унвони марҳалаи шинохти олам фаҳмида мешавад. Марҳалае, ки дар он инсон бо ҷаҳони маъно, бо олами ботинӣ ва бо ҳақиқати рӯҳонӣ иртибот меёбад. Ин сатҳ ба инсон имкон медиҳад, ки ҳудуди ҳис ва ақлро паси сар гузорад ва ба ҳақиқат ҳамчун воқеияти яклухт таваҷҷуҳ кунад. Ҳамин тариқ дар фалсафаи Салҷуқӣ гносиология бо ирфон пайваст мешавад ва дар кулли фалсафаи ӯ хусусияти идеалистӣ касб менамояд.

Яке аз масъалаҳои меҳварии маърифатшиносӣ шинохти ҳақиқат ба ҳисоб меравад, ки ҳанӯз дар фалсафаи атиқа атрофи он баҳсҳои доманадоре сурат гирифта буд ва то имрӯз давом дорад. Масъалаи ҳақиқат дар фалсафаи Салоҳуддини Салҷуқӣ дар доираи гносеология, онтология ва арзишшиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба назари ӯ, ҳақиқат на танҳо огоҳӣ аз воқеият, балки таносуби инсон, ақл ва ҳастӣ мебошад. Мутафаккир ҳақиқатро дорои ду сатҳ: мутлақ ва нисбӣ медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки «ҳақиқати мутлақ дар зоти ашёву падидаҳо нуҳуфта аст, аммо инсон танҳо ба

ҳақиқати нисбӣ дастрасӣ дорад. Салҷуқӣ зикр мекунад, ки “Ҳақиқат дар моҳияти худ устувор, воҳид ва мутлақ аст, вале дар оинаи шуури инсон ба сурати нисбӣ ва таърихманд таҷаллӣ меёбад» [131, с. 112-120].

Ба ақидаи Салоҳуддин, ҳақиқат дар худ табаддулнопазир ва тағйирнопазир мебошад. Яъне, вуҷуди ҳақиқат аз тафсири инсон вобаста нест. Мисол, қонуни сабабият, воҳид будани ҳастӣ ва принсипи ягонагӣ. Ба ақидаи ӯ, ҳақиқат воҳид аст, яъне намешавад, ки чанд ҳақиқат вуҷуд дошта бошад. Ҳақиқат дар зоти худ парадоксӣ ва дугона нест, балки мазмуни мутамарказ дорад. Мутлақ будани ҳақиқат маънои онро дорад, ки он аз шахс, аз замон, аз фарҳанг ва аз шароитҳо вобаста нест.

Инсон ҳақиқатро мустақим дарк намекунад. Шуури мо монанди оина аст, ки ҳақиқатро қабул мекунад, онро таҷассум мекунад, вале онро пурра ва бидуни таҳриф нишон дода наметавонад. Аз ин рӯ, ҳақиқат барои инсон нисбӣ мешавад, албатта, нисбӣ будан ба маънои “бепоя” будан нест, балки ба маънои он аст, ки инсон ҳақиқатро қисман дарк мекунад. Яъне, ҳақиқат як аст, аммо дар шуури инсон ба шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Салҷуқӣ мехоҳад бигӯяд, ки “ҳақиқат як ҳаст” (мутлақ ва устувор), вале мо онро бо зеҳни худ, бо маҳдудиятҳои худ ва дар ҳар давра ба шакли дигар мебинем. Инсон ба ҳақиқат наздик мешавад, вале ба он на ба таври комил, балки ба таври тадриҷӣ, таърихӣ ва нисбӣ бархӯрд мекунад. Барои Салҷуқӣ, ҳақиқат танҳо бо воқеият чен намешавад, он ҳамчунин бо низоми донишҳои қаблан собитшуда бояд мутобиқат дошта бошад: “Ҳақиқат на танҳо дар мувофиқат бо воқеият, балки дар ҳамсозӣ ва бо низоми донишҳои устувори инсон аст” [131, с. 121-125].

Ҳамзамон Салҷуқӣ ҳақиқатро танҳо ҳамчун “мувофиқат бо воқеият” маҳдуд намекунад. Ба назари ӯ, ҳақиқат як сохтори бисёрсатҳаву мураккаб аст, ки дар он ҳам воқеияти берунӣ ва ҳам низоми донишҳои собитшудаи инсон нақш доранд. Ин назари ӯ ба модели дугонаи ҳақиқат бармегардад, ки яке, ҳақиқат ҳамчун мувофиқати дониш ё андеша бо воқеият (корремпондентсия) аст. Ин фаҳмиш ба анъанаи классикии файласуфони

мусалмон ва ғарбӣ такя мекунад. Ҳукм ё донише ҳақиқат аст, агар он воқеияти беруниро дуруст инъикос кунад. Маслан, агар мо бигӯем “об дар 100 дараҷа селсия меҷӯшад”, ин ба воқеият мувофиқат мекунад.

Дигаре, ҳақиқат ҳамчун мутобиқати дохилии андешаҳо бо ҳамдигар тавассути низоми донишҳои устувор (когерентсия) аст. Салҷуқӣ танҳо ба ин қаноат намекунад, ба қавли ӯ, ҳақиқат аз рӯи мувофиқати дохилӣ ҳам чен карда мешавад. Яъне, як изҳорот дар доираи низоми донишҳои қаблан собитшуда ва таҷрибаҳои илмӣ ва мантиқӣ низ бояд ҷой гирад. Агар як андеша бо низоми устувори донишҳои қаблӣ зиддият дошта бошад ҳам, ҳатто агар ба воқеият наздик бошад, то он замон ҳақиқат ҳисобида намешавад, ки мутобиқати дохилии худро исбот кунад.

Ба андешаи Салҷуқӣ, ин ду меъёр бо ҳам аз якчанд ҷиҳат алоқамандии мантиқӣ доранд. Масалан, ҳақиқат “якбора” ба даст намеояд, балки тавассути санҷиш бо воқеият ва ҳамзамон баррасӣ дар контексти донишҳои мавҷуда тадриҷан усувор мешавад. Он ҳамеша дар риштаи таърих, мантиқ , таҷриба ва фаҳмишҳои қаблӣ печидааст. Барои ҳамин, ҳақиқат ҳам воқеият ва ҳам тартиби донишҳои инсонро талаб мекунад. Ин назари Салҷуқӣ ба ҷараёни фалсафии провизенсиализм наздик аст. Маслан, агар як олим назарияи наве пешниҳод кунад, он бояд воқеиятро тавзеҳ диҳад, ба таҷрибаи илмӣ мувофиқат кунад, то тавонад низоми мавҷударо бозсозӣ кунад. Танҳо дар ин ҳолатҳо он назария “ҳақиқат” шуморида мешавад.

Файласуф бо ин андешаи худ мехоҳад бигӯяд, ки ҳақиқат танҳо ойинаи воқеият нест, он натиҷаи ҳамоҳангии воқеият ва тартиби донишҳои устувори инсон мебошад. Ҳақиқат ду поя дорад, мувофиқат бо воқеияти объективӣ (критерияи классикӣ) ва мутобиқат бо низоми донишҳои собитшуда (критерияи когерентӣ). Ва танҳо дар ин ҳолат дониш ҳақиқӣ ҳисобида мешавад.

Салҷуқӣ қисме аз ҳақиқатро “интегралӣ” ва “ирфонӣ” медонад. Яъне, инҳо сатҳҳое ҳастанд, ки ақл ба онҳо танҳо ба таври маҳдуд дастрасӣ дорад. Ӯ қайд мекунад, ки: “Баъзе ҳақоиқро на бо мантиқ ва на бо ҳиссиёт метавон

дарёфт, инҳо дар умқи шуури маънавии инсон таҷаллӣ мекунанд” [131, с. 56-62].

Ҳамзамон Салҷуқӣ ҳақиқатро ба ду бахш: ҳақиқати интегралӣ ва ҳақиқати ирфонӣ ҷудо мекунад. Ҳақиқати интегралӣ бо ақл, мантиқ, далел ва таҷриба дарк мешавад. Он чизе ки дар фалсафаи классикӣ “ҳақиқати илмӣ” ва “ҳақиқати ақлонӣ” номида мешавад. Хусусиятҳои ҳақиқати интегралӣ ин таҳлилпазирӣ, бо далели мантиқӣ исботшавандагӣ, бо забони муқаррарӣ баёншуда ва ғайра мебошад. Ҳақиқати ирфонӣ бошад, аз зинаи шуури маънавӣ ва таҷрибаи ботинӣ сар мезанад. Мантиқ ва ҳисси зоҳирӣ наметавонад онро ба таври комил тавзеҳ диҳад. Муҳимтарин хусусиятҳои ҳақиқати ирфонӣ дар ниёзманд будани инсоният ба таҷрибаи рӯҳонӣ на назариявӣ, шинохти мустақими Худо тавассути покии ботин ва кашфу шуҳуд. Ақл барои дарёфти ҳақиқат муҳим бошад ҳам, инсонро то марҳалаи муайян мерасонад ва дар ин замина тавассути пок сохтани дил, таҷрибаҳои ботинӣ ва кашфу шуҳуд ҳақиқат дастрас мегардад.

Ба ақидаи файласуф, баъзеи ҳақоиқро на бо мантиқ ва на бо ҳиссиёт метавон дарёфт. Ин андеша бар ду асос такя мекунад. Мантиқ дар баъзе ҳолат маҳдуд аст, вай танҳо бо мафҳумҳо кор мекунад. Аммо воқеият аз мафҳум васеътар аст. Ҳамчунин тавассути ҳиссиёти панҷгона метавон танҳо ҷаҳони моддиро дарк намуд, аммо ҳақиқат танҳо модда нест. Инсон дорои ҷаҳони маънавӣ, ҳисси ботинӣ ва шуур аст. Салҷуқӣ мегӯяд, ки ба воситаи шуур метавон ба ҳақиқате расид, ки ақл ҳеҷ гоҳ ба он роҳ надорад, мисли он ки чашм наметавонад садоро бинад [181, с. 59].

Дар ирфони фалсафӣ, шуур ҳамчун қобилият арзёбӣ мешавад ва инсон метавонад тавассути тозагии ботин ва такмили истеъдоди рӯҳонӣ ба ҳақиқат бирасад. Ӯ ин андешаро чунин асоснок кардан мехоҳад, ки ҳақиқат танҳо маълули фикр нест, он ҳамчунин таҷаллии ботинӣ низ ҳаст ва шуур метавонад ба сатҳҳое бирасад, ки мантиқ онро шарҳ дода наметавонад.

Салҷуқӣ ҳеҷ меъёрҳоеро, ки ҳолатҳо, вазъият ё қоидаҳои собиту тағйирнопазирро баён мекунад, собит намедонад. Ба назари ӯ, ҳақиқат

равандест, ки аз ҳаракати таърихӣ оғоз мешавад ва ин назарияи ӯ дар китобаш чунин баён намудааст: “ Инсон дар роҳи шинохт ҳамеша дар ҳаракат аст, ҳақиқат барои ӯ на нуқтаи поён, балки роҳи такмил ва рушд аст” [181, с. 44].

Салҷуқӣ ба ин назар аст, ки ҳақиқат амри статикӣ нест, балки дар раванди таърихӣ тадриҷан ошкор мешавад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ҳеҷ гоҳ ба нуқтаи поён намерасад, зеро шинохт барои ӯ равандест доимӣ, зинда ва пурҳаракат. Дарк ва маърифати инсон бо гузашти замон, таҷриба ва такмили донишҳои ахлоқӣ, илмӣ, ва фалсафӣ тағйир меёбад ва ба сатҳҳои амиқтар мерасад ва ин раванд то вақте идома меёбад, ки Замин пойбарҷост ва ҳаёти инсон дар рӯйи он идома дорад.

Ба гуфтаи файласуф, ҳақиқат барои инсон на ҳамчун “манзили ниҳоӣ”, балки ҳамчун “масири такмил ва рушд” мебошад. Шинохт ҳамеша дар ҳолати ҳаракат қарор дорад. Масалан, инсон мепурсад, меомӯзад, таҷриба мекунад ва фаҳмиши худро такмил медиҳад. Ҳар қадар донишҳои инсон рушд кунад, ҳамон қадар фаҳмиши ӯ нисбати ҳақиқат мукаммалтар мегардад. Аз ин рӯ, ҳақиқат барои инсон падидаи кушода ва динамикӣ мебошад. Он дар ҳар давра ва дар ҳар зинаи рушди маънавӣ ва фикрии инсоният бо шаклу дараҷаҳои нав таҷаллӣ мекунад. Ба ин маъно, ҳақиқат барои ҷустуҷӯест беинтиҳо, ки дар он ҳар қадам инсонро ба сатҳи маърифати болотар ва воқеътар мебарад.

Салҷуқӣ чор меъёри ҳақиқатро номбар мекунад: мутобиқат ба воқеият, мутобиқати дохилӣ, мантиқияти далел, арзишмандии амалии далел ва таъкид мекунад, ки “Ҳақиқат он гоҳ пурра мешавад, ки ҳам воқеиятро таъйид кунад ва ҳам дар низоми донишҳои устувори инсон ҷой гирад” [131, с. 63-70]. Ин чор унсур дар якҷоягӣ нишон медиҳанд, ки ҳақиқат на танҳо бо воқеияти берунии ҷаҳон бояд мувофиқат кунад, балки ҳамзамон дар дохили низоми донишҳои устувори инсон низ ҷойгоҳ пайдо намояд.

Мутобиқат ба воқеият бар он асос меёбад, ки андеша бояд бо воқеияти объективӣ мувофиқ бошад. Ҳақиқат, то ҷое ки ба вуҷуд ва воқеияти берунӣ

иртибот дорад, бояд тавассути таҷриба, мушоҳида ё далелҳои боэътимод тасдиқи беруна пайдо кунад. Бо вуҷуди ин, Салҷуқӣ ин меъёрро барои муайян кардани ҳақиқат кофӣ намешуморад ва бар зарурати такмил шудани он бо меъёрҳои дигар ишора мекунад.

Мутобиқати дохилӣ, ҳамчун меъёри дигари дарёфти ҳақиқатба он дахл дорад, ки андеша бояд бо дигар донишҳо ва назарияҳои собитшуда ҳамоҳанг бошад. Агар як фикр ё назария бо низоми донишҳои устувор зиддият пайдо кунад, қобили қабул нахоҳад буд. Аз ин рӯ, ҳақиқат на танҳо берунӣ, балки дарунӣ низ санҷида мешавад, то дар низоми маърифати инсон ҷойи муътамад пайдо кунад.

Мантиқияти далел ба тартибу сохтори истидлолҳо иртибот дорад. Мувофиқи он ҳар андешае, ки ифодакунандаи ҳақиқат аст бояд асоси мантиқӣ дошат бошад, далелҳои он тартиби дурусти истидлолро риоя кунад ва хулоса бе иштибоҳ гирифта шавад. Ба андешаи Салҷуқӣ, ҳақиқат бе асоси мантиқӣ пурра нахоҳад шуд, зеро мантиқ қолаб ва чаҳорчӯбаи эътимодбахши маърифатро таъмин менамояд.

Меъёри арзишмандии амалии далел ба паёмадҳои амалӣ ва фоиданокии назария иртибот мегирад. Далеле, ки дар амал кор намекунад ё арзиши амалӣ надорад, наметавонад пурра ҳамчун ҳақиқат шинохта шавад. Аз ин рӯ, ҳақиқати мукаммал он аст, ки дар амал низ самаранок ва муассир бошад, ба ҳаёти инсон фоида бирасонад ва қобили татбиқ бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ҳамаи ин, Салҷуқӣ ба хулосае меояд, ки ҳақиқат танҳо вақте пурра мешавад, ки ҳам дар воқеият тасдиқ гардад ва ҳам дар низоми донишҳои устувори инсон ҷой бигирад. Яъне ҳақиқат танҳо “мувофиқат ба воқеият” нест, он бояд дар тамоми сохтори маърифатии инсон ҳамоҳанг бошад, ба донишҳои қаблӣ бипайвандад, асоси мантиқӣ дошта бошад ва дар амалия низ арзиш касб намояд. Ҳақиқат як зуҳури ҳамгироёна аст, дар айни ҳол ҳам объективӣ, ҳам ақлонӣ, ҳам мантиқӣ ва ҳам амалист.

Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳақиқатро ба унвони як мафҳуми бисёрсатҳӣ мефаҳмад, ки дорои ҷанбаи мутлақ (дар воқеият) ва ҷанбаи нисбӣ (дар

шинохти инсон) мебошад. Вай ҳақиқатро аз се унсур иборат медонад: воқеият, андешаи ақлонӣ ва таҷрибаи маънавӣ. Аз ин рӯ, фалсафаи ӯ ҳақиқатро ҳамчун раванд ва такмили доимии шинохти инсон таъбир мекунад.

Дар таълимоти Салҷуқӣ муносибати субъективӣ ва объективӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ба назари ӯ, ҳақиқат ва шинохти инсон ҳамеша дар миёни воқеияти объективӣ ва шуури субъективӣ шакл мегиранд. Вай таъкид мекунад, ки ҳақиқат решаи объективӣ дорад, зеро воқеият дар ҷаҳони берун аз инсон мустақилона вуҷуд дорад ва аз ирода, тафсир ё фикри инсон вобаста нест. Ҳар андешае, ки даъвои дарёфти ҳақиқат мекунад, бояд, пеш аз ҳама, ба воқеияти объективӣ мутобиқат кунад, зеро воқеият меъёри асосии ташхиси дуруст ва ботил будани дониш мебошад.

Бо вуҷуди ин, Салҷуқӣ бар он аст, ки инсон ҳақиқатро мустақим ва бетағйир дарк намекунад. Шинохт ҳамеша аз “филтри шуур” мегузарад ва шакли субъективӣ касб мекунад. Инсон воқеиятро на ба таври холис, балки тавассути таҷриба, забон, мантиқ, ҷаҳонбинӣ ва донишҳои қаблан ташаккулёфта қабул мекунад. Аз ин рӯ, субъективият ҷузъи ҷудонопазири раванди шинохт аст ва онро аз ин раванд хориҷ кардан имкон надорад. Ба ин маъно, шинохт ҳамеша нишон аз тафсири инсонӣ дорад, на танҳо аз инъикоси холиси воқеият.

Салҷуқӣ на объективизми мутлақро мепазирад, ки тибқи он ҳақиқат танҳо аз воқеияти берунӣ бармеояд ва субъективият дар он нақше надорад ва на субъективизми мутлақро, ки воқеиятро берун аз шуури субъект вуҷуд надошта,ҳастӣ бо маърифат муродиф мешавад. Ба ҷои ин, ӯ мавқеи мутавозин ва ҳамгироиро пешниҳод менамояд ва ба ин назар аст, ки ҳақиқат дар робитаи мутақобил ва ҳампайванди субъективӣ ва объективӣ шакл мегирад. Воқеият манбаи асосии шинохт аст, аммо шуури инсон воситаи идроки он буда, онро ба дониш ва маърифати қобили қабул табдил медиҳад.

Аз назари Салҷуқӣ, воқеият “меъёри берунии ҳақиқат” аст, дар ҳоле ки шуури инсон ва низоми донишҳои ӯ “меъёри дохилии ҳақиқат” ба шумор

мераванд. Танҳо дар сурате, ки ду ҷанба бо ҳам мутобиқат кунанд, ҳақиқат ба таври пурра ва муътамад шакл мегирад. Шинохт, бинобар ин, на танҳо инъикос, балки ҳамзамон таъбиру тасвир, таҳлил ва ҳамоҳангсозии воқеият дар заминаи шуури инсон мебошад.

Дар маҷмуъ, Салҷуқӣ ҳақиқатро ҳосили ҳамбастагии ду ҷаҳони муштарак, ҷаҳони объективӣ ва ҷаҳони субъективӣ медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон воқеиятро дар асоси сохтори дохилии донишаш мефаҳмад ва ҳамин дониш аз воқеият нерӯ ва мазмун мегирад. Ин муносибати диалектикии субъективӣ ва объективӣ, ки ҳамдигарро такмил ва таъйид мекунанд, пояи асосии мафкураи гносеологии Салҷуқиро ташкил медиҳад.

Дар назарияи маърифати Салҷуқӣ масъалаи ҳақиқати мутлақ ва нисбӣ ҷойгоҳи хос дорад. Ба назари ӯ, ҳақиқат табиатан ду ҷиҳат дорад: ҳақиқати мутлақ, ки комил, устувор ва тағйирнопазир аст ва ҳақиқати нисбӣ, ки вобаста ба сатҳи шинохт, дониш ва таҷрибаи инсон тағйирёбанда мебошад. Ҳақиқати мутлақ ба воқеияти берун аз шуури инсон иртибот дорад ва аз субъективият ва нуқтаи назари шахсӣ мустақил аст. Он ба сатҳи комил ва ниҳоии маърифати инсон дахл дорад, вале барои дастрасӣ ба он ақл ва ҳисси инсон маҳдуданд. Ин ҷо Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки барои расидан ба ҳақиқати мутлақ ба таври комил илова ба ақлу ҳис таҷрибаҳои маънавӣ, шинохти ботинӣ ва ирфон низ зарурат дорад. Бо ин назария Салҷуқӣ аз доираи баҳсҳои сирф илмӣ канор рафта бошад ҳам, ба таври ғайримустақим марҳилаҳои инкишофи илми, амсоли гипотеза, озмоиш ва назарияро дар марҳилаҳои ташаккули ирфон, ба мисли риёзат, тазкияи нафс ва кашфу шуҳуд инъикос кардан мехоҳад. Яъне ӯ ба ирфон аз мавқеи фалсафа бархӯрд мекунад ва барои дастрасӣ ба ҳақиқат илмро, ҳарчанд ба назари ӯ кофӣ нест, зарур меҳисобад. Аз ин мебарояд, ки ӯ ба мисли баъзе орифон комилан ба “илми ҳузурӣ” такя намекунад ва ба “илми ҳусулӣ” низ таваҷҷуҳ дорад.

Ҳақиқати нисбӣ ба фаҳмиши субъективии инсон вобаста аст ва вобаста ба дониш, таҷриба ва замон тағйир меёбад. Он барои инсон дастрас ва амалан корбурдшаванда мебошад ва асоси фаъолияти илмӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро

ташкил медиҳад. Ҳақиқати нисбӣ масири омӯзиш ва таҷрибаи инсонро фароҳам меорад, вале пуррагӣ ва комилӣ ба сатҳи мутлақ намерасад.

Муносибати ҳақиқати мутлақ ва нисбӣ, ба назари Салҷуқӣ, зид нест, балки ҳамоҳанг ва диалектикӣ мебошад. Ҳақиқати нисбӣ пойгоҳи амалии фаҳмиш ва донишҳои инсонро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ҳақиқати мутлақ ҳадафи олии шинохт ва мақсади ниҳоӣ аст. Ҳар қадар инсон дониш ва таҷриба ҷамъ оварад, ҳақиқати нисбӣ ба мутлақ наздиктар мешавад, вале комилан мутлақ шудан имкон надорад. Бо ин роҳ, нисбӣ ҳамчун роҳ ва масир ва мутлақ ҳамчун ҳадаф ва самт амал мекунанд, ки ҳамдигарро такмил ва пурра мекунанд.

Аз ин нуқтаи назар, Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки ҳақиқат ҳамеша дуруст ва устувор аст, вале сатҳи фаҳмиши инсон нисбӣ ва тағйирёбанда мебошад. Муносибати ҳақиқати мутлақ ва нисбӣ заминаи фалсафии шинохт ва равиши гносеологии ӯро ташкил медиҳад, ки дар он инсон тавассути шинохт ва таҷриба ба сатҳи амиқтар ва фаҳмиши пурратари ҳақиқат наздик мешавад.

Хулоса, Салоҳуддини Салҷуқӣ аз назари методологӣ ба ҷараёни гносизм наздик аст, зеро бар имконпазир будани шинохти инсон таъкид мекунад. Бо вуҷуди ин, ӯ шинохтро мутлақ намедонад ва бар ин назар аст, ки донишҳои инсон ҳамеша нисбӣ, тағйирёбанда ва дар ҳоли такмил мебошанд. Аз ин рӯ, инсон дар масири шинохт равандест, ки поёни қатъӣ надорад, балки ҳаракати доимӣ ба сӯи камолот ва фаҳмиши амиқтари ҳастист.

Ба назари Салоҳуддини Салҷуқӣ, ҳақиқат падидае бисёрпаҳлӯ буда, танҳо бо мувофиқат ба воқеияти берунӣ муайян намешавад. Ӯ ҳақиқатро натиҷаи ҳамзамонии ду раванд медонад. Аввал, санҷиши дониш бо воқеияти объективӣ, дувум, мутобиқати он бо низоми устувор ва мантиқии донишҳои қаблан шаклгирифта. Аз ин рӯ, ҳақиқат на як ҳолати содда, сохтори мураккаби “мувофиқат” ва “ҳамсозӣ” мебошад. Дониш танҳо он вақт ҳақиқат шуморида мешавад, ки ҳам воқеиятро дуруст инъикос кунад ва ҳам дар доираи низоми донишҳои собитшуда ҷойгоҳи мантиқӣ ва устувор пайдо

намояд. Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки ҳақиқат танҳо воқеияти зоҳирӣ нест, он дорои қишрҳои амиқтар аст. Ақл ва ҳиссиёт роҳҳои муҳиманд, вале то ҳадди муайян мерасанд. Баъзеи ҳақоиқ танҳо дар умқи шуури таҷаллӣ мекунанд. Инсон бояд аз марҳила гузарад ва ба марҳилаи шинохти таҷрибиву рӯҳонӣ ворид шавад. Ин маънои онро дорад, ки Салҷуқӣ фалсафа ва ирфонро ба таври мутавозин ба ҳам мепайвандад. Ӯ ақлро роҳнамое меҳисобад, ки ҳақиқати аслиро мекушояд.

Аз назари Салҷуқӣ, ҳақиқат падидаи содда ва якмеъёрӣ нест, балки сохтори бисёрқабата ва мураккаб дорад, ки бо роҳҳои гуногун санҷида мешавад. Дар фаҳмиши ӯ, ҳақиқат аз ҳамбастагии меъёрҳои гуногун шакл мегирад. Аз як тараф, он бояд воқеияти объективиро тасдиқ кунад ва аз тарафи дигар, дар доираи низоми маърифатии инсон мақоми устувор пайдо намояд. Ҳамин тавр, ҳақиқат барои Салҷуқӣ зуҳури ҳамзамони воқеият, мантиқ, дониш ва амал аст. Бо ин тарз, Салҷуқӣ ҳақиқатро ҳамчун раванд ва низоми маърифат мешиносад, ки дар он инсон бо истифода аз мантиқ, таҷриба ва арзёбии амалӣ ба фаҳмиши мукаммалтар наздик мешавад.

Хулосаи боби 2

Ҷаҳонбинии Салҷуқӣ табиатан на ба идеализми мутлақ ва на ба материализми мутлақ шабоҳат надорад. Ӯ дар байни ин ду ҷараёни фалсафӣ қарор дорад. Вай ба қудрати ақл дар шинохти материя бовар дорад, аммо материяро офариниши Худо медонад. Ба қудрати инсон, илм ва техника бовар дорад, аммо муътақид аст, ки онҳо ба тақдири иллоҳӣ вобастаанд. Салҷуқӣ маорифро дармони иллатҳои иҷтимоӣ шарти бедории халқҳо ва аз байн бурдани ноадолатӣ, бесаводӣ ва қашшоқӣ медонад. Аз миёни ҷараёнҳои сершумори гузашта ва муосири фалсафию динӣ, ки Салҷуқӣ аз ҷавҳари таълимотҳои онҳо хуб огоҳӣ дошт, аз ҳама бештар ба таълимоти Машшоияи Шарқӣ ва тасаввуф таваҷҷуҳ зоҳир карда, кӯшиш кардааст, ки низоми фалсафии худро дар заминаи синтези фалсафаи машшоӣ ва ирфонӣ таҳия созад. Ӯ чанд асари дорои хусусияти динӣ навиштааст, ки дар он фалсафаи исломӣ дар дидгоҳи нав баррасӣ

шудаанд. Асарҳои динии ӯ бо рӯҳияи ислоҳотхоҳӣ таълиф шуда, ба муносибати оқилона ба имон ва инкори ҷаҳл нигаронида шудааст. Таҳлили осори мазҳабии ӯ нишон медиҳад, ки фалсафаи динии ӯ низ бо рӯҳияи равшанфикрӣ, навоварӣ, ислоҳотхоҳӣ навишта шуда он ба тарғиби илму техникаи пешрафтаи замони ҳозира нигаронида шудааст.

Салоҳуддини Салҷуқӣ ба натиҷае расидааст, ки шинохт имконпазир аст, аммо ин имконпазирӣ мутлақ нест, инсон ҳамеша дар марҳалаи такмил ва амал қарор дорад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, инсон барои дарки воқеият бояд аз як роҳи мувозинаи ақл, ҳисс ва манобеи маънавӣ истифода барад.

Салҷуқӣ ҳақиқатро на танҳо дар мувофиқати донишбо воқеияти беруна мебинад, ҳамчунин онро бо низоми донишҳои устувори инсонӣ ҳамсозӣ карда аст. Ба ибораи дигар, ҳақиқат ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ аст. Объективӣ ба воқеият мувофиқ, субъективӣ бо дониш ва идроки инсон ҳамоҳанг мебошад.

БОБИ 3. АҚИДАҲОИ АХЛОҚӢ, ЗЕБОИШИНОСӢ ВА ИНСОНПАРВАРОНАИ САЛОҲУДДИНИ САЛҶУҚӢ

3.1. Таълимоти ахлоқӣ ва зебоишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ

Зебоишиносӣ ё эстетика соҳаи фалсафие мебошад, ки муносибати эстетикии инсонро ба воқеият, қонуниятҳои дарк ва эҷоди зебоӣ, табиати санъат ва категорияҳои асосии эстетикиро таҳқиқ мекунад. Муносибати эстетикии инсон метавонад нисбат ба табиат, ҷомеа, меҳнат, рафтори инсон, муҳити зиндагӣ ва дигар падидаҳои воқеият ташаккул ёбад. Инсон метавонад манзараи табиат, меъморӣ, мусиқӣ, шеър, рафтори шоиста ҳатто тартиб ва ҳамоҳангии фаъолияти иҷтимоиро аз нуқтаи назари эстетикӣ арзёбӣ намояд.

Категорияи зебоӣ – зебоӣ категорияи марказии эстетика мебошад. Дар таърихи фалсафа мафҳуми зебоӣ бо мафҳумҳои ҳамоҳангӣ, таносуб, тартиб, камолот ва ягонагии шаклу мазмун алоқаманд дониста шудааст. Зебоӣ танҳо сифати зоҳирии ашё нест. Дарки он аз хусусиятҳои объект ва қобилияти эстетикии субъект вобаста мебошад. Аз ҳамин сабаб, баҳодиҳии эстетикӣ ҳам ҷанбаи объективӣ ва ҳам субъективӣ дорад. Дар табиат зебоӣ метавонад дар ҳамоҳангии рангҳо, шаклҳо ва ҳаракатҳо ифода ёбад. Дар инсон бошад, зебоии зоҳирӣ метавонад бо зебоии ботинӣ ахлоқи нек, хирад, меҳрубонӣ ва фарҳанги муошират пайваст гардад. Маҳз дар ҳамин нуқта робитаи этика ва эстетика бештар равшан мегардад.

Фаҳмиши зебоӣ дар даврaҳои таърихӣ ва фарҳангҳои гуногун тағйир меёбад. Бо вуҷуди ин, баъзеи унсурҳо, аз ҷумла ҳамоҳангӣ, таносуб муккамалӣ ва мувофиқати шаклу мазмун дар бисёр назарияҳои эстетикӣ аҳамияти худро нигоҳ доштаанд.

Зиштӣ ҳамчун категорияи эстетикӣ – зиштӣ муқобили зебоӣ буда, вайроншавии ҳамоҳангӣ, таносуб ё муккамалиро ифода мекунад. Аммо дар эстетика зиштӣ танҳо ҳамчун набудани зебоӣ фаҳмида намешавад. Он метавонад воситаи дарки зиддиятҳои воқеият низ бошад. Санъат метавонад зиштиро тасвир кунад, вале мақсади он ҳатман таблиғи зиштӣ нест. Баръакс, тасвири бадеии падидаҳои манфӣ метавонад барои ошкор намудани

мушкилоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ хизмат намояд. Масалан, асари бадеӣ метавонад беадолатӣ, ҷанг хиёнат ё бераҳмиро нишон дода, дар хонанда муносибати интиқодӣ ба чунин падидаҳоро ташаккул диҳад. Ҳамин хусусият робитаи эстетика ва этикаро нишон медиҳад: тасвири эстетикии падидаи манфӣ метавонад вазифаи ахлоқию тарбиявӣ дошта бошад.

Мазҳакавӣ – категорияи эстетикиест, ки зиддияти байни даъво ва воқеият, шакл ва мазмун, зоҳир ва ботинро тавассути ханда ошкор менамояд. Ханда метавонад хусусияти фароғатӣ доша бошад, вале дар фарҳанг аксар вақт вазифаи танқидӣ низ иҷро мекунад. Ҳеҷ яке аз шаклҳои муассири танқидӣ камбудиҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мебошад. Тавассути он худписандӣ, дурӯягӣ, тамъкорӣ, бесалоҳиятӣ ва хусусиятҳои манфӣ мавриди интиқод қарор мегиранд. Аз ин хотир, мазҳака танҳо воситаи фароғат нест. Он метавонад механизми худтанқидкунии ҷомеа ва воситаи тарбияи ахлоқӣ бошад.

Идеали эстетикӣ – категорияи идеали эстетикӣ тасаввуроти ҷамъбастшудаи инсон дар бораи камол ва зебоии матлуб мебошад. Он бо ҷаҳонбинӣ, фарҳанг, таърих ва арзишҳои ҷомеа алоқаманд аст. Идеали эстетикӣ метавонад дар образҳои бадеӣ, меъморӣ, адабиёт, мусиқӣ ва дигар шаклҳои фарҳанг таҷассум ёбад. Дар айни замон идеали эстетикӣ метавонад бо идеали ахлоқӣ ҳамбастагӣ дошта бошад. Дар бисёр фарҳангҳо шахси комил на танҳо ҳамчун инсони зоҳиран зебо, балки ҳамчун шахси хирадманд, одил, далер ва накӯкор тасвир мешавад.

Робитаи ахлоқ ва зебоӣ – робитаи этика ва эстетика яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи фарҳанг мебошад. Ахлоқ ба саволи “чӣ нек аст?” ҷавоб меҷӯяд, эстетика бошад, масъалаи “чӣ зебо аст?” ва “инсон зебоиро чӣ гуна дарк мекунад?”-ро таҳқиқ менамояд. Некӣ ва зебоӣ мафҳумҳои яксон нестанд. Амали ахлоқан дуруст метавонад аз ҷиҳати эстетикӣ таъсирбахш бошад, аммо на ҳар чизи зоҳиран зебо ҳатман аз ҷиҳати ахлоқӣ нек аст. Аз ин рӯ, омехта кардани арзёбии ахлоқӣ дуруст нест.

Бо вуҷуди ин, дар ташаккули шахсияти инсон ин ду арзиш бо ҳам пайваст мешаванд. Зебоии ботинии шахс пеш аз ҳама дар муносибати ӯ ба дигарон, фарҳанги муошират, адолат, масъулият ва инсондӯстӣ зоҳир мегардад.

Мунисибати инсон ба муҳити зист низ метавонад ҳам ҷанбаи ахлоқӣ ва ҳам эстетикӣ дошта бошад. Ҳифзи табиат аз як тараф масъулияти ахлоқӣ дар назди ҷомеа ва наслҳои оянда аст, аз тарафи дигар ҳифзи арзиши эстетикии олами табиӣ мебошад. Таҳлили моҳияти эститекӣ нишон медиҳад, ки муносибати инсон ба олам танҳо хусусияти амалӣ надорад. Инсон воқеиятро аз нуқтаи назари зебоӣ, ҳамоҳангӣ, мазмун ва таъсири эҳсосӣ низ арзёбӣ менамояд. Қобилияти дарки зебоӣ яке аз нишонаҳои рушди маънавӣ ва фарҳанги шахсият мебошад.

Андешаҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, ва инсонпарварона дар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ, ҷойгоҳи хосса дошта, ин масъалаҳо аз ҷониби ӯ бо диди нав шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи ин андешаҳои Салҷуқӣ, махсусан дар замони муосир аҳамияти зиёд илмиву амалӣ доранд. Зеро, ахлоқ ва зебоӣ як шохаи фалсафа буда, рафтори инсонро аз нигоҳи хубу бад, дурусту нодуруст ва шоиставу ношоиста, дарки зебоиву ашёи зебо меомӯзонад. Он муайян мекунад, ки чӣ гуна одамон бояд зиндагӣ кунанд, кадом амалро дуруст шуморида ва аз кадомаш ҳазар намоянд.

Ахлоқ се бахши асосӣ дорад:

- ахлоқи меъёрӣ (нормативӣ) – ба саволҳои мисли «чӣ дуруст аст?» ва «мо бояд чӣ кор кунем?» ҷавоб медиҳад. Масалан, «оё дуруғ гуфтан ҳамеша бад аст? » «Оё дуздӣ ҳамеша ғайриахлоқист?» ва ғайра.

- ахлоқи амалӣ - ин бахш этикаи меъёриро ба ҳолатҳои мушаххас татбиқ мекунад, масалан дар соҳаи тиб, ҳуқуқ, муҳити зист. Ва ба инсон як қатор саволҳоро пешниҳод менамояд, мисли оё эвтаназия (марги ихтиёрӣ) дуруст аст? «Оё ширкатҳо ҳақ доранд, ки маълумоти муштариёни худро ба дигарон ифшо кунанд?».

- метаэтика – фаҳмидани маъно ва муҳтавои мафҳуҳои ахлоқӣ ба мисли, «хуб», «бад», «уҳдадорӣ», «масъулият», «шафқат» ва ғайраро ин бахши саввуми ахлоқ таълим медиҳад.

Дар фарҳанги тоҷикӣ ва исломӣ низ этика ҷойгоҳи муҳим дорад. Ахлоқи хуб, ростқавлӣ, эҳтироми калонсолон, поквиҷдонӣ ва шафқат арзишҳои асосии ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Эстетика бошад як шохаи фалсафа буда, зебоӣ, санъат, эҳсос ва зеҳни инсонро дар қабул ва дарк кардани зебоӣ меомӯзад. Он ба саволҳои зерин посух меҷӯяд: зебоӣ чист?, чаро як чизро зебо мешуморем ва чизи дигарро не?, Санъат чӣ гуна ба инсон таъсир мерасонад?, оё зебоӣ субъективӣ (аз назари шахсӣ) аст ё объективӣ (хусусияти худи ашё)? Мавзуҳои асосии эстетика инҳо мебошанд:

- зебоӣ (ҷамол) – эстетика омӯзиши зебоиро таълим медиҳад. Он метавонад зебоии табиат ба мисли кӯҳҳои сарбафалак, гул ё офтоби ғуруб, зебоии чеҳраи инсон ё ҳаракат ва амалҳои ӯ ба зебоӣ (расм кашидан, шеър эҷод кардан, мусиқӣ навохтан ва ғайра) таълим диҳад;

- вақте ки мо аз чизи зебо лаззат мебарем, ин эҳсосотро «эҳсоси эстетикӣ» меноманд. Ин эҳсос аз ҳисси маъмулии зебоӣ фарқ дорад, аниқтараш он ботинӣ ва рӯҳнавоз аст;

- эстетика ба саволҳо зерин ҷавобҳои мушаххас медиҳад: «Санъат чист?» «Оё ҳар чизе ки шахс меофарад, санъат аст?» ва «Рассоми асил кист?» ;

- фаҳмиши зебоӣ аз замон ва фарҳанг вобаста аст. Чизе, ки дар як фарҳанг зебо ҳисоб мешавад, дар фарҳанги дигаре шояд набошад. Аз ин рӯ меъёрҳои зебоии инсон дар фарҳангҳои гуногун фарқ мекунад.

Этика ва эстетика яке аз шохаҳои муҳимми илм мебошанд, зеро ки инсонро ба чоҳорчубаи одобу ахлоқ, рафтору гуфтор, сиккаву сурати инсонӣ медарорад.

Бояд қайд кард, ки Салоҳуддини Салҷуқӣ зебогиро дар се марҳала медид. Яъне, аввал ӯ зебогии покии умумиро дар назаар дорад. Инсон

бояд ҳамеша худ пок бошад ва покиро дар гирду атрофи худ назар намояд, масалан покии ботинии худ, покии табиат, покии ҷойи зист ва дигар амсоли покиҳо. Мафҳумии умумии пок (ё покӣ) маънои васеъро дорад ва гуногунҷабҳа аст. Дар умум бошад, калимаи пок маънии тозаву бегуноҳ, беолоиш, бидуни ҳар гуна ифлосӣ ва зиёнро дар бар мегирад.

Мафҳуми дуввуми эстетика аз назари Салҷуқӣ ин покии фалсафаи табиат мебошад. Дар ҳақиқат, барои инсоният зебогии табиат аҷаб хуш аст, ҳар лаҳзае, ки инсон аз зебогии табиат истифода мебарад, дилашро шодию хурсандӣ фараҳ меорад. Покии фалсафаи табиат ин мафҳумест, ки ба таври фалсафаи тозагӣ, тавозун ва ҳамоҳангии аслии табиатро ифода мекунад. Ин покӣ на танҳо маънои ҷисмонӣ дорад, балки як ҳолати аслӣ ва холисонаи табиатро дар назар мегирад, вақте ки табиат дар ҳамоҳангӣ ба қонунҳои табиӣ ва бе дахолати харобкунандаи инсон амал мекунад. Покии фалсафаи табиат аз назари фалсафӣ якчанд маънои дигар ҳам дорад:

- покӣ ҳамчун асли аввалия, яъне табиати холис, бе дахолат ва бе ифлосии инсон, ки дар тавозуни комил қарор дорад. Масалан, ҷангал ё кули соф, ки инсон ба он бо нияти бад даст нарасондааст, покии табиат ба шумор меравад;

- покӣ ҳамчун тавозуни табиӣ, яъне ҳар чиз дар табиат нақши муайян дорад: ҳайвонот, наботот, обу ҳаво ва ҳар яки он бо ҳам дар як низоми мутавозинанд. Вақте ки инсон ин тавозунро вайрон мекунад бо партов, буридани дарахтони бешумор ё ҳаворо ифлос менамояд, пас покии табиат аз байн меравад;

- покӣ ва робитаи инсон бо табиат, яъне агар инсон худро як қисми табиат донад, муносибати ӯ бо табиат масъулона ва эҳтиёткорона мешавад. Покии фалсафии табиат ҳам ҳамин фаҳмиш аст. Мисоли эҳтиром ба ҳаёт, худдорӣ аз харобкорӣ ва зиндагӣ дар ҳамоҳангӣ бо муҳити атроф.

Агар, дар умум назар кунем ин мафҳуми фалсафаи табиат моро ба андешидани масъулият водор мекунад. Аз ин хотир, мо бояд табиатро на танҳо ҳамчун манбаи истифода, балки ҳамчун арзиши муқаддас ва пок эҳтиёт кунем.

Мафҳуми саввум аз назари Салҷуқӣ ин покии худи инсон чӣ ботинӣ бошад ва чӣ зоҳирӣ, то замоне, ки инсон ботини худро пок сохта натавонад, пас зоҳири ӯ низ пок шуда наметавонад. Покии зоҳирӣ ва ботинӣ ду паҳлуи ҷанбаҳои фаъолияти асосии инсонӣ ҳастанд, ки ҳамдигарро пурра мекунанд.

Покии зоҳирӣ, яъне ин тозагӣ ва беолоишии ҷисм, либос ва зоҳири берунаи шахс мебошад:

- либоси тоза ва муносиб пӯшидан;
- ҷисмро пок нигоҳ доштан (даст шустан, ғусл кардан ва ғ);
- муҳити зистро пок нигоҳ доштан;
- оростагии зоҳир: мӯй, нохун, дандон ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки дар шариат ва фарҳанги миллӣ покии зоҳириро муҳим мешуморанд. Зеро, бе покии зоҳирӣ ибодати инсон, то андозае самарабахш намешавад.

Покии ботинии инсон ин покии қалб, ният, ахлоқ ва рӯҳи ӯст. Масалан:

- нияти нек доштан;
- бе кина ва ҳасад зистан;
- ростгӯй, адолат, фурутанию самимият доштан;
- худдорӣ аз гуноҳ, бадӣ, нафрат, худписандӣ накардан.

Дар этика ва баъзе динҳо, ба мисли зардуштия, буддоия ва ғайра покии ботинӣ муқаддамтар шуморида мешавад, зеро рафтору кирдори амалии инсон аз ботин бармеоянд. Агар, ният пок бошад рафтор низ дуруст мешавад. Инсони комил он касест, ки зоҳир ва ботинаш пок бошанд бо худ, бо дигарон ва бо табиат дар сулҳу ростӣ зиндагонӣ кунад.

Дар китоби “Нигоҳе ба зебоӣ” –и Салҷуқӣ омадааст: “Дар ҳамаи баҳсҳои зебоипарастӣ мебинем, ки дар бораи моҳияти зебоӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад ва ин масъала бояд аз нуқтаи назари маншаъ ва пайдоиши он мавриди таҳлил қарор гирад” [128, с. 12-18]. Инҷо мафҳумҳои эстетикаро аз нигоҳи Салҷуқӣ шарҳ додан зарур аст:

Моҳият ва зебоӣ- масъалаи зебоӣ дар низоми андешаҳои эстетикии Салҷуқӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Барои фаҳмидани муносибати ӯ ба эстетика, пеш аз ҳама, зарур аст муайян карда шавад, ки зебоӣ дар назари ӯ чӣ маъно дорад ва моҳияти он дар чӣ зоҳир мегардад. Зеро зебоӣ танҳо як сифати зоҳирии ашё нест, балки падидаест, ки бо эҳсос, идрок, тафаккур ва муносибати инсон ба олами воқеӣ алоқаманд мебошад.

Салҷуқӣ ҳангоми баррасии масъалаи зебоӣ ба он ишора менамояд, ки дар бораи моҳияти он миёни андешамандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани маънои ҳақиқии зебоӣ бояд на танҳо зуҳуроти берунии он, ҳамчунин маншаъ ва асоси пайдоиши он низ таҳлил карда шавад. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки мутафаккир зебоиро масъалаи одии завқӣ намедонад, балки онро ба сатҳи таҳлили фалсафӣ мебарорад.

Ба назари мо, муҳимияти чунин муносибат дар он аст, ки инсон ҳангоми дучор шудан ба падидаи зебо танҳо онро намебинад, ҳамчунин онро эҳсос ва арзёбӣ низ мекунад. Масалан, инсон метавонад аз дидани табиат, шунидани садои мусиқӣ, мутолиаи асари адабӣ ё мушоҳидаи рафтори неки шахс эҳсоси зебоӣ пайдо намояд. Аз ин рӯ, зебоӣ ҳам хусусияти муносибати инсон ба табиат низ мебошад. Ҳамин тавр, дар таълимоти эстетикии Салҷуқӣ зебоӣ бояд ҳамчун падидаи мураккаб фаҳмида шавад, ки дар он объекти зебо, эҳсоси инсон ва фаъолияти маърифатии ӯ бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Табиат ва маншаи зебоӣ- ин андеша инсонро водор месозад, ки фикр кунад, зебоӣ аз куҷо пайдо мешавад ва асоси он дар чист? Дар ин масъала бояд байни ду ҷиҳат фарқ гузошт: зебоие, ки инсон дар табиат ва олами воқеӣ мушоҳида мекунад ва зебоие, ки инсон тавассути фаъолияти эҷодии худ ба вуҷуд меорад. Табиат ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии эҳсоси

эстетикии инсон метавонад шаклҳои гуногуни зебоиро пешкаш намояд: манзараҳои кӯҳсор, осмон, гулҳо, об, рӯшноӣ, ҳамоҳангии рангҳо ва дигар падидаҳои табиӣ. Инсон тамошобин нест, ӯ метавонад зебии табиатро дарк намуда, онро ба воситаи санъат, адабиёт, мусиқӣ ва дигар шаклҳои эҷодкорӣ бозтоб диҳад. Аз ин робитаи байни табиат, инсон ва эҷодиёти эстетикӣ ба вуҷуд меояд.

Аз нуқтаи назари фалсафӣ, масъалаи маншаи зебоӣ ҳамчунин ба масъалаи муносибати инсон ба ҳастӣ алоқаманд аст. Инсон ҳангоми дарки зебоӣ худро аз олами атроф ҷудо намекунад, балки худро ҳамчун ҷузъи он эҳсос менамояд. Бинобар ин, зебоӣ метавонад инсонро ба шинохти амиқтари ҷаҳон ва мавҷудияти худ водор созад.

Зебоии моддӣ ва маънавӣ- яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳлили эстетикӣ фарқ намудани зебоии моддӣ ва зебоии маънавӣ мебошад. Зебоии моддӣ пеш аз ҳама дар шакли зоҳирӣ, рангу тарҳ, таносуб, ҳамоҳангӣ ва дигар хусусиятҳои ҳисшавандаи ашё ва падидаҳо ифода меёбад. Масалан, зебоии чеҳраи инсон, либоси зебо, меъмории бино, манзараи табиат ва шаклу ранги ашё метавонанд намунаҳои зебоии моддӣ бошанд.

Аммо зебоии инсон танҳо ба намуди зоҳирии ӯ вобаста нест. Инсон метавонадаз ҷиҳати зоҳирӣ зебо бошад, вале агар дорои ахлоқи паст бошад, арзиши умумии шахсияти ӯ дар назари дигарон коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, зебоии маънавӣ бо сифатҳои ботинии инсон меҳрубонӣ, адолат, ростқавлӣ, дониш, хоксорӣ, инсондӯстӣ, ва масъулиятшиносӣ алоқаманд мебошад. Аз ин нуқтаи назар зебоии ҳақиқӣ инсонро танҳо бо меъёрҳои зоҳирӣ муайян кардан мумкин нест. Зебоии берунӣ ва зебоии ботинӣ метавонанд якдигарро пурра намоянд. Вақте ки ин ду ҷанба дар шахс ба ҳам меоянд, симои эстетикии инсон мукаммалтар мегардад.

Зебоӣ ва ҳақиқат – зебоӣ бо ҳақиқат робитаи наздик дорад. Ин робита аз он иборат аст, ки инсон тавассути дарки зебоӣ метавонад ба маърифати воқеият наздик шавад.

Салҷуқи дар асари “Нигоҳе ба зебоӣ” чунин гуфтааст: “Ҳақиқат бештар ба дурустии дониш ва мутобиқати он ба воқеият алоқаманд аст, дар ҳоле, ки зебоӣ пеш аз ҳама бо арзёбии эстетикӣ пайваст мебошад. Бо вуҷуди ин, байни онҳо робитаи муайян вуҷуд дорад. Масалан, асари санъат вақте таъсири бештар дорад, ки дар он муносибати ҳақиқӣ ба ҳаёт ва инсон инъикос ёфта бошад” [128, с. 44-52].

Аз ин суханҳо бармеояд, ки зебоӣ на ҳамеша танҳо шакли зоҳирӣ мебошад, он метавонад ҳақиқати ботинии падидаҳоро низ ошкор намояд. Санъат метавонад воқеиятро тавре инъикос кунад, ки инсон на танҳо онро бинад, балки маънои онро эҳсос кунад. Зебоӣ метавонад воситаи баёни ҳақиқат гардад, ин муносибат эстетикаро ба гносеология наздик мекунад, зеро инсон тавассути ҳис ва таҷрибаи эстетикӣ метавонад ба маъно ва моҳияти баъзе падидаҳо амиқтар ворид шавад.

Зебоӣ ва ахлоқ – яке аз муҳимтарин паҳлуҳои эстетикаи Салҷуқиро метавон дар робитаи зебоӣ ва ахлоқ ҷустуҷӯ кард. Ин масъала махсусан дар мавриди зебоии инсон аҳамият дорад.

Дар китоби “Нигоҳе ба зебоӣ” Салҷуқӣ зикр мекунад: “ Агар зебоиро танҳо ба шакли берунӣ маҳдуд кунем, бисёр ҷанбаҳои муҳими шахсияти инсон аз таҳлил берун мемонанд. Амали нек, рафтори одилона, муҳаббат ба инсон, эҳтироми дигарон ва кӯмак ба ниёзмандон низ метавонанд ҳамчун зуҳуроти зебоии маънавӣ арзёбӣ шаванд [128, с. 78-85].

Аз инҷо бармеояд, ки зебоӣ ва ахлоқ дар сатҳи инсонӣ ба ҳам наздик мешаванд. Амали нек метавонад метавонад дар инсон эҳсоси зебоӣ ба вуҷуд оварад. Бо чунин фаҳмиш, эстетика аз ахлоқ ҷудо нест, балки бо он робитаи маънавӣ дорад. Зебоии ботинӣ метавонад шакли эстетикии арзишҳои ахлоқӣ бошад.

Нақши ҳис, идрок ва ақл дар дарки зебоӣ – барои дарки зебоӣ инсон аз якчанд қобилияти маърифатӣ истифода мебарад. Қадами аввал одатан ҳис мебошад. Инсон ранг, садо, шакл, ҳаракат ва дигар хусусиятҳоро тавассути узвҳои ҳис қабул мекунад. Аммо ҳис танҳо қадами аввал аст. Баъд аз он

идрок ба вуҷуд меояд. Инсон предметро на ҳамчун маҷмӯи рангҳо ё садоҳои ҷудогона, балки ҳамчун як падидаи муайян қабул мекунад. Дар марҳилаи баъдӣ ақл ва тафаккур ба арзёбии он мусоидат мекунанд. Инсон муқоиса мекунанд муносибатҳоро меёбад, маънои падидаро дарк мекунад ва ба он баҳои эстетикӣ медиҳад.

Пас, дарки эстетикӣ раванди оддии дидан ё шунидан нест. Он аз ҳис, идрок, эҳсос, андеша, арзёбии эстетикӣ мегузарад. Ин раванд нишон медиҳад, ки эстетика бо масъалаҳои маърифат низ робитаи наздик дорад.

Зебоии табиат – табиат яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини таҷрибаи эстетикии инсон мебошад. Манзараҳои табиӣ метавонанд дар инсон эҳсоси оромӣ, шодӣ, ҳайрат, ва муҳаббат ба ҳаётро ба вуҷуд оваранд. Кӯҳҳо, дарёҳо, дарахтон, гулҳо, осмони пурсифот, тулӯи офтоб ва дигар падидаҳои табиӣ дар ташаккули завқи эстетикии инсон нақши муҳим доранд. Инсон тавассути тамошои табиат на танҳо зебоиро мебинад, балки муносибати худро ба ҳастӣ низ эҳсос мекунад.

Аз ин рӯ, зебоии табиат метавонад барои инсон аҳамияти эстетикӣ, маънавӣ ва маърифатӣ дошта бошад. Он инсонро ба андеша дар бораи олами ҳастӣ ва ҷойгоҳи худ дар он водор месозад.

Санъат ва эҷодиёти инсон – агар табиат яке аз манбаъҳои зебоӣ бошад,санъат шакли эҷоди муносибати инсон ба зебоӣ мебошад. Инсон он чизеро, ки дар олами воқеи мебинад ва эҳсос мекунад, тавассути адабиёт, мусиқӣ, наққошӣ, меъморӣ ва дигар намудҳои санъат баён мекунад. Эҷодиёти инсон танҳо нусхабардории воқеият нест. Рассом, шоир ё нависанда воқеиятро аз нуқтаи назари худ дарк намуда, онро бо эҳсос ва андешаи худ бозсозӣ мекунад. Аз ин рӯ, асари санъат ҳам воқеияти беруна ва ҳам ҷаҳони ботинии эҷодкорро инъикос менамояд. Дар ин маъно, санъат воситаи муҳими эҷод ва интиқоли арзишҳои эстетикӣ мебошад. Он метавонад завқи эстетикии инсонро тарбия намуда, ӯро ба дарки зебоӣ ва маънои ҳаёт наздик созад.

Робитаи зебоӣ бо камолоти инсон – зебоӣ дар рушди шахсияти инсон низ нақши муҳим дорад. Инсон тавассути муносибат бо зебоӣ завқи худро инкишоф медиҳад, ҷаҳонбиниашро васеъ мекунад ва муносибати маънавии худро ба зиндагӣ ташаккул медиҳад. Шахсе, ки зебоиро на танҳо дар шакли зоҳирӣ, ҳамчун дар дониш, ахлоқ, меҳрубонӣ ва муносибати инсонӣ мебинад, ба фаҳмиши васеътар аз арзишҳои ҳаётӣ мерасад. Аз ин хотир, тарбияи эстетикӣ бояд танҳо ба омӯзиши санъат маҳдуд нашавад. Он бояд ба ташаккули шахсияти комил равона гардад. Инсон бояд ҳам зебоиро дарк кунад ва ҳам барои эҷод намудани муҳити зебо, муносибатҳои нек ва зиндагии арзанда кӯшиш намояд.

Эстетика ва ҷаҳонбинии динӣ-фалсафии Салҷуқӣ – баррасии эстетикаи Салҷуқӣ бидуни ба назар гирифтани ҷаҳонбинии умумии ӯ комил буда наметавонад. Андешаҳои эстетикӣ дар осори ӯ бо масъалаҳои инсон, ахлоқ, маърифат ва муносибати инсон ба олам робитаи мутақобила доранд. Дар ҷаҳонбинии фалсафӣ зебоӣ танҳо як хусусияти зоҳирии ашё нест. Он метавонад ҳамчун нишонаи тартиб, ҳамоҳангӣ, камол ва маънои ҳастӣ дарк шавад. Аз ин рӯ, муносибати инсон ба зебоӣ метавонад бо муносибати инсон ба зебоӣ метавонад бо муносибати ӯ ба маънавият ва ахлоқ низ пайванд дошта бошад. Ин ҷиҳат имкон медиҳад, ки эстетикаи Салҷуқӣ на ҳамчун бахши ҷудогонаи андешаи ӯ, балки ҳамчун қисми ҷаҳонбинии васеи фалсафии ӯ таҳлил карда шавад. Дар ин равиш, зебоӣ бо маърифат, ахлоқ, инсон ва масъалаҳои маънавии ҳастӣ ба ҳам пайваст мегардад.

Дар ин бора Салҷуқӣ мефармояд: «Зебоӣ сарчашмаи умед аст ва ҷалолу шӯҳрат сарчашмаи тарс аст ва ин ду унсур хоҳишоти инсонро ба вуҷуд меорад. Аммо, хоҳиш ин амалест, ки бидуни назарияи завқ ба вуҷуд меояд. Зебоӣ моро ба фазои бепоён ва марҳалаи абадият ҷалб мекунад. Аммо, ҷалолу шуҳрат бошад, баръакс моро аз ин майдон маҳдуд месозад ва ин ду чизест, ки роҳи охиратро муайян мекунад, ки мо ба нерӯи ҳавас ва раҳнамоии завқ дар он сафар мекунем. Маҳз, ҳавас аст, ки моро ба рафтори шоиста далолат мекунад ва маҳз, шӯҳратаст, ки

моро бо тахмине, ки сарчашмаи фикр аст, илҳом мебахшад. Мисол, мо мебинем, ки моеъҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки шакли сахти худро нигоҳ доранд. Ҷисмҳои сахт одатан ба шаклҳои геометрӣ шабоҳат доранд, ки мувофиқи намунаҳои умумӣ ва синфии онҳо шакл мегирад. Инчунин, дида мешавад, ки растаниҳо шаклҳои умумӣ ва синфӣ доранд, ки мувофиқи намунаҳои растании онҳо шакл мегиранд. Ҳайвонот низ сохти муайяни худро доранд, гарчанде, ки онҳо аз шаклҳои геометрии табиат хело фарқ мекунанд. Аз сӯи дигар мебинем, ки зиндагӣ шеваи таҳаввулот дорад ва дар остонаи камолоти динамикӣ қарор дорад, ки ин низ бояд аз рӯйи намунае дар он аст, ин таҳаввулотро аз сар гузаронад, зеро зиндагӣ бе ҷавҳар нест ва мо наметавонем анҷоми онро ҳамчун чизе тасаввур кунем, ки табаити моро тасодуфӣ ва маҳсули холис қабул намояд» [173, с. 44-54].

Ба ақидаи Салҷуқӣ файласуфи немис Фридрих Гегел амиқтарин андешаҳои фалсафиро дар бораи зебоӣ баён кардааст. Ӯ ин мафҳумро дар доираи эстетика ва рӯҳи мутлақ шарҳ додааст. Зебогии табиатро, ки ягонагии бевоситаи хотира ба воқеият аст, муайян мекунад ва бар замми ин Гегел ба зебоии зиндагии муосир аҳамияти бузург медиҳад. Аммо, чун шамъдон болотарин зуҳуроти зебоиро дар санъат медонад. Ин санъатест, ки рӯҳияи ботинӣ ва ҳаёти маънавии шахсро рушд бахшида, тамоми нуқсонҳои муҳити табиии ӯро аз байн мебарад. Шаклҳои гуногуни санъат ба омӯзиши гуногуни моҳият такя мекунад [128, с. 62].

Ба андешаи мо Гегел зебиро танҳо чизи зоҳирӣ ё ҳиссӣ намедонад. Ӯ онро таҷаллии ғоя (идея) дар шакли моддӣ ё зоҳирӣ мешуморад. Зебоӣ вақте рӯҳ медиҳад, ки маънои амиқ ва ақлонӣ (рӯҳ, идея) дар шакли зоҳирӣ таҷассум меёбад, масалан дар санъат , меъморӣ ё табиат. Гегел се навъи зебоиро ҷудо мекунад:

- якум, зебоии табиӣ, дар табит вуҷуд дорад, вале нолозим ва бесамт аст;

- дуюм, зебоии инсонӣ ва маънавӣ, ки дар ахлоқ, хирад ва рӯҳи инсон дида мешавад;
- саввум, зебоии санъатӣ (эстетикӣ), баландтарин шакли зебоӣ, ки дар он ақл, ғоя ва шакл ба ҳам мепайванданд.

Ба фикри Гегел, зебоии табиат зебост, вале зебоии санъат бартар аст, зеро он натиҷаи хирад, ният ва эҷодии инсон аст. Барои он чизе воқеан зебо бошад, он бояд ҳам шакли мувофиқ ва ҳам мазмуни амиқ дошта бошад. Агар танҳо зоҳир зебо бошад, вале мазмун надошта бошад, ин зебогии ҳақиқӣ нест. Гегел зебоиро ҷузъи ҳаракти рӯҳ ба сӯи шинохти худ мешуморад. Санъат, фалсафа ва дин ҳарсеи воситаҳои ошкор шудани рӯҳи мутлақ мебошанд. Зебоӣ дар санъат шакли аввалини ин шинохт аст [128, с. 69-72].

Салҷуқӣ дар ин бора чунин андеша дорад: «Инсоният тамоми ҷаҳонро сайру гашт намуда, дар ягонҷои коинот ҷои муайяне наёфтааст. Аз тарафи дигар бошад, аз намунаҳои моддӣ ва адабии худ бехабар нестем, бахусус, ки илми ахлоқ ва эстетика нишонаи равшани он аст. Инсоният он чизе нест, ки алъон ҳаст, балки он чизе ҳаст, ки хоҳем буд. Ба ибораи дигар мавҷудияти ҳақиқии мо мавҷудияти ҳозираи мо нест, балки маҷудиятест, ки дар оянда дар худ эътироф хоҳем кард. Пас, оё мо дар мавҷудияти ояндаи худ номаълуми мутлақро меҷӯем? Ё ин ки мо барои зиндагии ояндаамон нақша дорем? Ва табиист, ки ин нақша ба идеяи лаззатҳои ҷисмонӣ ва эҳсосӣ, ки моро ба охур ва қаламчаи ҳайвонот бармегардонад, асос наёфтааст, балки ба воситаи мисоле, ки дар лавҳи ҳифзшудаи виҷдони мо инъикос ёфтааст» [131, с. 180-189].

Яъне, Салҷуқӣ ба ояндаи инсонӣ назари нек дошт ва ҳамеша гумонбари он буд, ки инсониятро рӯзе фаро мерасад, ки бо ин ахлоқу одоб бифахрад. Ва ҳамеша тарафдори ояндаи некбинонаи мардуми дунё буд.

Ба ақидаи Салҷуқӣ Афлотун, ки мехоҳад фалсафаро бар пояи рафтори ахлоқӣ бунёд кунад, намунаи олитаринро, ки намунаи зебоӣ аст,

муаррифӣ мекунад, аммо зебоиро дар ҷойи дуввум баъд аз ахлоқ мегузарад ва ҳатто ӯро ба зебогии мутлақ шабоҳат медиҳад. Дар ҳоле, ки «хуб»-ро ба «хайри мутлақ» наовардааст, аз тарафи дигар, ба фазилат ранги зебоӣ медиҳад ва онро ба доираи рангҳои зебоӣ дохил мекунад. Арасту низ бардавом будани зебоиро дар аъмоли нек мешуморад ва зебогиро дар моҳият ва пайвастагии табиати ашё дохил карда, онро масъалаи асосӣ намедонад. Аммо некии ахлоқӣ ё хушбахтии ахлоқии Арасту низ чизест, ки зебост. Аз рӯзе, ки инсон худашро шинохт ва ҳамчун одам муаррифӣ шуд мушкилотҳои ҷаҳониро аз рӯи се нуқтаи назар баррасӣ мекардагӣ шуд. Масалан, ҳангоме ки инсон дар водии ҳаёт пайраҳа месозад, ин ҳифз ва пешбурди ҳаёт аст ва ё кашфи ҳақиқатҳоест, ки моро ба ин водӣ бештар ошно месозад. Ё як соат моро дар оғӯши рангоранги субҳи худ ё зери хаймаи кабуд, ки бо фазо печида буд, ҳар як ниҳол натиҷаҳои аҷиб медиҳад. Аз нигоҳи ҳифзу пешбурди зиндагӣ, мо тадриҷан дарк мекунем, ки ин хоҳишҳои мо бояд бо омодагӣ ба ҳолате боло бурда шавад, ки битавонад нафсро ташаккул диҳад ва ба доираи васеътару баландтари дониш қадам гузорад [173, с. 47-57].

Агар таълимоти Афлотунро дар бобати зебоӣ таҳлил кунем, бароямон ошкор мегардад, ки ӯ зебоиро ҳамчун як «шакли аслӣ» ва абстраксияе, ки аз тамоми ашё ва таҷрибаҳои ҳиссӣ болотар аст, медонист. Вай тасвир мекунад, ки зебоӣ марҳила ба марҳила аз зебоии ҷисмонӣ ба зебоии маънавӣ ва ақлӣ меравад, то ба «зебоии худаш» расад. Аз назари Афлотун, мақсади асосии ҳаёти инсон расидан ба «хубӣ» мебошад, ки манбаи ҳама неъматҳо ва фазилатҳо аст. Вай бар ин ақида аст, ки инсон бояд ҳаёти ахлоқӣ пеша кунад, ки дар он адолат, хирад ва шуҷоат мавҷуд бошад. Дар асари худ - «Ҷумҳурӣ» ӯ ҷомеаро ба се табақа тақсим мекунад: якум ҳокимон, муҳофизаткунандагон ва истеҳсолкунандагон. Ҳар як табақа вазифаи хоси худро дорад ва адолат дар ҷомеа вақте таъмин мешавад, ки ҳар кас вазифаи хешро таъмин кунад [117, с. 49]. Хулосаи сухан Афлотун дар масъалаи ахлоқ ва зебоӣ ба

мо меомӯзонад, ки ҳаёти дуруст ва маънавӣ бояд бо зебоии аслӣ ва маънавӣ пайванд дошта бошад. Вай таъкид мекунад, ки инсон бояд бо тарбият ва фаҳмиши амиқ ба зебоии маънавӣ расад, ки дар он ахлоқ ва фазилатҳо мавҷуданд.

Нигоҳ ва мавқеи Салҷуқӣ нисбат ба Арасту, ки яке аз бузургтарин файласуфони Юнони Бостон ба шумор меравад, дар баррасии масоили гуногуни зиндагӣ, ахлоқ, сиёсат ва илм ҳузури муҳим дорад. Салҷуқӣ бо такя ба таҳлилҳои Арасту бо баррасии таҷрибаи инсонӣ, барои дарки мушкилоти инсон ва роҳҳои ҳаллу бартарафсозии онҳо нуқтаҳои назар ва шарҳҳои амиқи худро ироа намудааст. Ба андешаи Арасту, ҳар як инсон талош мекунад, ки ба саодат бирасад, на хушбахтии зудгузар, балки комёбии ботинӣ ва зиндагии комилу маънидор. Мушкилоти инсонӣ он гоҳ сар мезананд, ки ӯ аз роҳи ҳақ ё ба тариқи дигар гӯем роҳи ростӣ дур мегардад. Арасту бар он бовар буд, ки ҳаёти солиму хушбахтона аз амалҳои нек одатҳои хуб сарчашма мегирад. Агар инсон ба афроди дигар ва ҷомеа беэътино бошад, ё танҳо шаҳвату хоҳишҳои худро дунбол кунад, ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Яке аз роҳҳои ҳал кардани мушкилоти ҳаётӣ аз нигоҳи Арасту риояи эътидол аст. Яъне, ҳар хислати инсон бояд байни ду ифрот қарор гирад. Масалан, ҷасорат ва боандешагӣ, ки ин хислатҳо моро ба мартабаҳои баланд комёб мегардонад. Андешаи дигари Арасту он буд, ки инсон табиатан махлуқи иҷтимоист. Барои ҳалли мушкилоти ҳаётӣ, вай бояд дар ҷомеаи адолатпарвар, ки тартибу қонун дорад, зиндагӣ кунад. Ҷомеаи беҳтар ҳамонест, ки шароити рушди ахлоқии инсонро фароҳам меорад. Ӯ ақлро воситаи муҳим барои дарк намудани ҳақиқат ва идора кардани хоҳишҳои нафсонӣ медонист. Барои рафъи мушкилоти зиндагӣ, инсон бояд ба тафаккур, омӯзиш ва худшиносӣ рӯ орад. Инчунин мушкилоти ҳаётро ҳамчун паёмади дур шудан аз ақл, ахлоқ ва эътидол медид. Ба андешаи ӯ, роҳи наҷот дар зиндагии маънидор, ахлоқи мутаносиб бо табиати инсон аст.

Ба ақидаи Салҷуқӣ: «Ҷамол ва ҷалол ин чизест, ки камбизоатии сӯхани моро хеле ба ташвиш меорад. Барои намуна об аз гидроген ва оксиген таркиб ёфтааст ва мо фарз мекунем, ки вожаи об аз хотираи мо нопадид шудааст ва ҳоло мехоҳем ба ҷои он вожаи пероксиди гидрогенро истифода барем ва калимаи оксигенро бидуни иртибот ба он бипайвандем. Дар ин лаҳза, оё мо мехоҳем муносибати байни оксиген ва пероксиди гидрогенро баён кунем, ба мушкилот дучор намешавем? Бигӯем, ки зебоӣ ду қисм, ё ду бол ё ду тараф дорад, ки яке ҷамол ва дигаре ҷалол аст. Ҷамол ва ҷалол ду унсурест, ки зебоиро ба кор меоранд. Зебоӣ чизест, ки ҳангоми дидан ҳамдардӣ, раҳмдилӣ ва шафқатро ба вуҷуд меорад ва рӯҳияи қариб ғайрифаъол дорад ва набояд барои бинандааш ҳайратовар бошад. Баръакс, ҷалол ва бинандаи он нисбатан фаъол ҳастан ва табиист, ки бузургӣ ва бартарияте дар назди бинанда доранд. Чунин ба назар мерасад, ки ду чиз ситораи зеборо дар мадори дурахшанда ва пурифтихори худ нигоҳ медорад, ки яке қувваи ҷолиби зебоӣ ва дигаре нерӯи нафратовари ҷалол» [173, с. 67-78].

Бархе аз адибони аврупоӣ ҷалолро ҷузъе аз зебоӣ медонанд, аммо мебинем, ки зебоии бидуни ҷалол ҳам ҳастӣ дорад. Масалан, зебоии нафсонӣ ва зебоие, ки ба лаззати ҷисмонӣ нигаронида шудааст, аз ҷалоле, ки Салҷуқӣ тасвир мекунад, фарқ дорад. Ҷалол ва ҷамол ду унсури мухталифе ҳастанд, ки бо ҳамбастагии худ як зебоии намунавиеро ба вуҷуд меоранд, ки барандаи ашёи зебо мебошад.

Бедил низ дар ашъори худ, дар бораи зебоӣ ва нақши он дар фаъолияти инсон андешаҳои бениҳоят зиёд дорад, ки бяке аз онҳоро баён мекунем. Масъалан, зебоӣ яке аз мавзуҳои калидии назму насри ирфонии Бедил ба шумор меравад. Ӯ ба зебоӣ на танҳо ҳамчун падидаи зоҳирӣ, балки ҳамчун зуҳури ҳақиқат ва ҷиллои ҳастӣ менигарист. Бар пояи ҷаҳонбинии ирфонӣ ва фалсафии Бедил, зебои аз ҳақиқат ҷудо нест, балки зоҳире аз он аст. Бедил бар он ақида аст, ки зебоӣ на танҳо дар чеҳра ё шакли ҷисмонӣ маҳдуд мешавад, балки зебоии ҳақиқӣ дар ботини

инсон, дар ахлоқ, маърифат ва ишқи илоҳӣ таҷаллӣ мешавад. Ӯ менависад:

Лафзу маъно бигсилӣ, гар бингарӣ,
Ҳам зи зоҳир, ҳам зи ботин бигзарӣ.
Дар ҷаҳон танҳо ҳамин як нақш ҳаст:
Сурати Ӯ, к-аз хаёлаш дарбарӣ! [127, с. 136].

Яъне, агар ботин пок ва беолоиш бошад, зебоии зоҳирӣ арзише надорад. Ишқ ва зебоӣ ду ҷавҳаре ҳастанд, ки якдигарро пурра ва комил мекунанд. Бедил ишқро ҳамчун нерӯи асосии ҳаракатдиҳандаи ҳастӣ медонист ва зебоӣ - оинаи ишқ аст.

Аз назари Бедил, тамоми зебоиҳои ҷаҳон – таҷалии зебоии зотии Худост. Яъне, зебоӣ зотан мӯъҷизаи вуҷуд аст ва барои дарки он чашми ирфонӣ доштан лозим аст. Ба ақидаи Салоҳуддин, Бедил борҳо таъкид мекунад, ки зебоиро бо чашми зоҳир наметавон дарк кард, зебоӣ бештар эҳсос ва маърифати ботинӣ аст. Барои ҳамин зебоии ҳақиқӣ дар зеҳни ошиқ ва ориф таҷалло меёбад, на дар сурати зоҳири ашё. Дар шеъру насри ирфонии Бедил, байни ҷамол ва камол робитаи мустақим вуҷуд дорад. Чизе ки зебо аст, бояд комил низ бошад ва комилӣ бе маънӣ ва маърифат вуҷуд надорад. Ӯ гоҳе ба зебоии зоҳири бо шубҳа менигарад, агар он инсонро аз ҳақиқат дур созад. «Сабаби гумроҳии бисёрон, партави рӯйи зебост...». Дар ҷои дигар зикр мекунад зебоӣ барои Бедил на ҳадаф, балки василаест барои худшиносӣ ва шинохти Худо [127, с. 139].

Ба ақидаи Салҷуқӣ ҳангоме, ки мо ин ду унсури зебоӣ, яъне зебоии ботинӣ ва зоҳириро таҳлил менамоем, боз ҳам мебинем, ки ин ду унсур аз ҳамдигар фарқиятҳои зиёд доранд. Салҷуқӣ фарқияти ин ду унсурро тавассути таҳлили фарқияти ришатаи сиёҳ ва сафед нишон медиҳад.Масалан, ришатаи сиёҳ дар натиҷаи поксозӣ гоҳ-гоҳ қавитар, намоён ва равшантар мегардад. Ришатаи сиёҳ умр ва замони хос дорад ва ришатаи сафед аз субҳ то шом қувват ва устувории худро нигоҳ медорад.

Риштаи сиёҳ, ки мустаҳкам шуда, канда мешавад ва боиси ба вартаи рукуд ва худпарастӣ афтодани инсон мегардад. Риштаи сафед, агар мустаҳкам шавад, ресмони пурқувват мегардад, ки инсонро аз чоҳи табиат берун кашида, ӯро ба тахти салтанати осмонӣ бармегардонад [127, с. 51].

Ҳамин тариқ, зебоӣ аз нигоҳи лаззат ё манфиат баррасӣ мешавад, мафҳуми зебоӣ маънои худро гум мекунад ва дигар аз доираи эстетика берун намеравад. Ва ин ба категорияи неку бадӣ марбут буда, бо мавзуи ахлоқ иртибот дорад. Инчунин, агар зебоӣ зуҳуроти бевосита набошад, балки ҳамчун нишона ё далели ҳақ маълум бошад, набояд онро зебоӣ бигӯем, балки аз мавод ва ҷузъҳои тахайюли дарк ва андеша ва водии баёни он мегардад.

Ба ҳамин минвол метавон гуфт, ки зебоӣ он чизест, ки андешаи ҳақро медиҳад, дониши омехта бо тааҷҷуб пешниҳод мешавад ва лаззати бетараф ва пок ба вуҷуд меорад ва ин аст он чизе ки шуури инсонӣ мебахшад.

Дар китоби “Нигоҳе ба зебоӣ”Салҷуқӣ қайд мекунад, ки: “Дар ҳамаи баҳсҳои зебоипарастӣ, мебинем, ки дар бораи моҳияти зебоӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад ва ин масъала бояд аз нуқтаи назари пайдоишу маншаи он мавриди таҳлил қарор гирад” [128, с. 49].

Салоҳуддин Салҷуқӣ ҳангоми баррасии масъалаи зебоӣ пеш аз ҳама ба ихтилофи назар дар бораи моҳияти зебоӣ ишора менамояд. Ба андешаи ӯ, масъалаи зебоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мураккаби эстетика ба шумор меравад, зеро инсонҳо дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ва дар муҳитҳои гуногуни фарҳангӣ ба он муносибати яксон надоштаанд. Аз ин рӯ, муайян намудани он ки “зебоӣ чист?” ва “чаро як чиз зебо ва чизи дигар ғайризебо ба назар мерасад?” танҳо бо тавсифи хусусиятҳои зоҳирии ашё маҳдуд намешавад.

Мафҳуми “моҳияти зебо” дар ин андеша аҳамияти марказӣ дорад. Салҷуқӣ мехоҳад муҳақиқ танҳо ба он қаноат накунад, ки ашёеро зебо ё нозебо ном барад, балки бояд сабаб ва асоси чунин арзёбиро муайян намояд.

Яъне масъала аз сатҳи ҳукми одии завқӣ ба сатҳи таҳлили фалсафӣ мегузарад. Вақте инсон чизеро зебо мешуморад, саволе ба миён меояд, ки ин эҳсоси зебоӣ аз куҷо сарчашма мегирад: оё он дар худи предмет вуҷуд дорад, ё дар тарзи идроки инсон ташаккул меёбад, ё натиҷаи муносибати байни объект ва субъекти дарккунанда мебошад? Қисми дигари андешаи Салҷуқӣ "аз нуқтаи назари пайдоишу маншаи он мавриди таҳлил қарор гирад" – аҳамияти махсус дорад. Инҷо мутафаккир таҳқиқи зебоиро ба масъалаи маншаи он мепайвандад. Яъне барои дарки дурусти зебоӣ бояд на танҳо зуҳуроти онро, балки сарчашмаи пайдоиши онро низ таҳқиқ кард. Чунин муносибат ба эстетика хусусияти таҳлилӣ ва фалсафӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз иқтибоси мазкур метавон хулоса кард, ки Салҷуқӣ зебоиро ҳамчун масъалаи мустақили фалсафӣ ва эстетикӣ баррасӣ менамояд. Барои ӯ масъалаи асосӣ танҳо муайян кардани он нест, ки кадом чиз зебо аст, балки муайян намудани моҳият, асос ва маншаи зебоӣ мебошад. Ин равиш имконият медиҳад, ки эстетика аз сатҳи завқи одӣ боло бурда шуда, ҳамчун соҳаи таҳқиқи фалсафии муносибати инсон ба зебоӣ, ҳамоҳангӣ ва камол баррасӣ гардад.

Ба ақидаи Салҷуқӣ: «Нависандагони англис ба таври умум ба ду синф тақсим мешаванд:

- онҳое, ки ашёи ибтидоиро зебо ҳисоб мекунанд;
- онҳое, ки пайдоиш ва табиати зебоиро дар ягонагии таассуроти оддие, ки ба онҳо фараҳ мебахшад, мешуморанд [123, с. 53-62].

Лаззати зебоиро ҳар як инсон дар дар худ эҳсос мекунад ва дар бораи табиати он ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ва бояд онро аз нуқтаи назари пайдоиш баррасӣ намоем. Ин масъала ба масъалаи ҳақиқиқат ва идеалӣ мушобаҳат дорад. Оё зебоӣ дар он чизе, ки зебо ба назар мерасад, як ҷавҳари ҷудонашаванда аст, ки танҳо бо амали мушоҳида ошкор мешавад ва ба ҳеҷ гуна тағйирот дучор намешавад? Ё ин ки зебоӣ дар робитаи объекти биниш зебост ва назорат ва дарккунандаи он вуҷуд дорад.

Ба ақидаи Салҷуқӣ, хушбахтии ҳақиқӣ аз эътимод ба нафс иборат аст, ки бо ҷаҳони табиӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто ҷаҳони метафизикӣ қаноатманд аст ва ин ҷаҳон ҳам хушбахтии ӯст. Шахсе, ки дар оилаи солим ва муҳити солими иҷтимоӣ ба воя расидааст, табиист, ки агар дар фитрати инсонии ӯ нуқсони сохторӣ ё инҳироф набошад, аксар вақт дар миёни ғаризаҳои худ адолат ва мувозинат миёни қисматҳои фитрати ӯ амал мекунад. Ва ин чизест, ки манфиат ва саломатӣ, беҳбудӣ, қуввату қаноатмандӣ ва махсусан ризоияти Офаридгорро меорад [131, с. 145-150].

Ба ақидаи Салҷуқӣ, Сукрот ҳадафи ниҳоии тамоми илмҳои ҷамъиятиро худшиносӣ медонад. Аммо нафсро, ки сазовори мақоми сарчашмаи инсонӣ аст, нафси комил мешуморад. Аммо, Арасту бошад, ки шахси сарватманд ва мақомдор буд, ҳадафи рафтори иҷтимоии инсонро «хушбахтӣ» номида буд ва хушбахтӣ барои ӯ маҷмуи чизхое буд, ки ба подшоҳ ё шоҳзода лоиқ буданд, аз қабили сарват, мансаб, саломатӣ, зебоӣ, фарзандон, хизматгорон ва иззату шаъну шараф [131, с. 150-155].

Дар ҳақиқат, зебогӣ нерӯи пурқуввате ба шумор меравад, ки шахсро муътабар ва муҳташам мегардонад, агар он табиати созанда ва созгор дошта бошад.

Салҷуқӣ инсонро мавҷуди ҷустуҷӯгар, дар ҳоли такмил ва дорои қудрати худсозӣ медонад. Ба андешаи ӯ: “Ахлоқ пояи ҳастии инсон аст, зеро инсон бидуни низоми арзишҳо монанди мавҷуди саргардон мемонад, ки роҳро аз бероҳи фарқ карда наметавонад” [131, с. 185]. Аз инҷо маълум мегардад, ки барои устод ахлоқ танҳо маҷмӯи қоидаҳои рафтор нест, он барномаи шаклгирии шахсият аст. Хушахлоқӣ ба маънои дар ҳамоҳангӣ қарор гирифтан бо низоми маънавии олам мебошад.

Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки ахлоқ бидуни маърифат нопурра аст, зеро: “Қиммати ахлоқ аз қиммати маърифат ҷудо нест, рафтори нек аз дили маърифат сар мезанад” [131, с. 162-168]. Ин андеша ба фалсафаи ирфонӣ наздик аст, ки рафтори некро натиҷаи покии ботин медонад.

Ба андешаи Салҷуқӣ инсон бояд байни қуввахои ҳисси ва ақлӣ тавозун пайдо кунад: “Инсон вақте ки ба камол мерасад, ки ақл роҳнамо ва эҳсосот муовини он гарданд, ин ҳамоҳанги пояи ахлоқи солим аст” ” [131, с. 83].

Аз инҷо бармеояд, ки ахлоқ барои Салҷуқӣ низоми танзимкунандаи ҷони инсон аст.

Хулоса, Салҷуқӣ дар баробари дигари файласуфон зебоӣ ва ахлоқро ҳамчун унсурҳои муҳимми тарбияти инсонӣ мешуморад. Вай таъкид мекунад, ки зебоӣ ва ахлоқ на танҳо рафтору гуфтори инсонро муайян, балки ба ташаккули хислатҳои ботинию зоҳирии ӯ низ таъсир мерасонад. Ба андешаи Салҷуқӣ агар инсон ба одамони бад ҳамнишин шавад, метавонад ахлоқи худро аз даст диҳад ва баръакс, ҳамнишинӣ бо одамони хуб метавонад ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ кунад. Салҷуқӣ пешниҳод менамояд, ки барои тарбияи ахлоқии дуруст, бояд инсонро ба донишҳои ахлоқӣ, таҷрибаҳои амалии хуб ва муҳити мусоиди ахлоқӣ таъмин кард. Вай таъкид мекунад, ки омӯзиши ахлоқ бояд дар тамоми марҳалаҳои ҳаёт, аз кӯдакӣ то пирӣ, идома ёбад. Ва инчунин мақсади асосии ахлоқ аз назари Салҷуқӣ, расидан ба камолоти инсонӣ ва таҳкими муносибатҳои мусоиди иҷтимоӣ мебошад. Вай бар он андеша ҳаст, ки ахлоқи хуб метавонад ҷомеаро ба рушди маънавӣ ва иҷтимоӣ расонад. Афзалиятҳои зебогиро бошад, Салҷуқӣ дар дарки зебоӣ, офаридани он ва баҳраманд гардидан аз он медонист. Ба андешаи ӯ зебогии ботинӣ инсонро зебу зиннат ва тароват медиҳад.

Таҳлили андешеҳои Салҷуқӣ нишон медиҳад, ки вай ба масъалаи ахлоқ ва зебоишиносӣ ҳамчун ду пояи асосии камоли инсон назар мекунад. Дар навиштаҳои фалсафии ӯ ахлоқ на танҳо низоми рафтор, балки низоми маънавии ҳастӣ аст, ки инсонро ба сӯи камол, озодӣ ва маърифати рӯҳӣ ҳидоят мекунад. Зебоӣ бошад, шакли олии зуҳури ҳақиқат дар ҷаҳон маҳсуб мегардад.

Дар заминаи таҳлили таълимоти ахлоқӣ ва эстетикии Салоҳуддини Салҷуқӣ ба натиҷаҳои зерин расидем:

- ахлоқ низоми комилкунандаи шахсият ва пояи ҳастии инсон аст;

- зебоӣ таҷалии ҳақиқат, шакли рӯҳонии маърифат ва василаи тарбия мебошад;

- ахлоқу зебоӣ дар якҷоягӣ низоми ягонаи маънавиро ташкил медиҳанд ва инсонро ба камол мерасонанд;

- андешаҳои ахлоқиву зебоишиносии таҳти таъсири таълимоти Афлотун, Арасту, фалсафаи исломӣ, ирфон ва намояндагони фалсафаи асрҳои миёна минбаъда шакл гирифтааст.

Аз таҳлили масъалаҳои мазкур метавон ба хулоса омад, ки эстетика дар андешаи Салоҳуддин Салҷуқӣ танҳо омӯзиши зебоии зоҳирӣ нест. Он маҷмӯи масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба моҳияти зебоӣ, маншаи он, тарзи дарки он аз ҷониби инсон ва робитаи он бо ҳақиқат, ахлоқ, санъат ва камолоти инсон дахл доранд.

Ба андешаи мо, аҳамияти асосии эстетикаи Салҷуқӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ масъалаи зебоиро аз доираи завқи одии инсон берун оварда, ба сатҳи таҳлили фалсафӣ мебарад. Зебоӣ дар ин замина ҳам хусусияти ҳисшаванда дорад ва ҳам маънои маънавию фалсафӣ пайдо мекунад.

Мавқеи мо ҳамчун муҳаққиқ аз он иборат аст, ки эстетикаи Салҷуқиро бояд дар робитаи дохилии се унсури асосӣ зебоӣ, инсон ва маърифат таҳлил кард. Зебоӣ бе субъекти дарккунанда танҳо ҳамчун падидаи объективӣ дарккунанда танҳо ҳамчун падидаи объективӣ боқӣ мемонад. Инсон бошад, тавассути ҳис, идрок ва ақл ба он маъно ва арзиши эстетикӣ медиҳад. Дар айни замон, худи таҷрибаи эстетикӣ метавонад инсонро ба маърифати амиқтари ҷаҳон, рушди ахлоқӣ ва камолоти маънавӣ раҳнамоӣ кунад.

Салҷуқӣ андеша дошт, ки ахлоқ бе маърифат нопурра, зоҳирӣ ва бебунёд аст. Маърифат бошад, бе ахлоқ донишест, ки ба амал намеояд ва

инсонро ба камол намерасонад. Ахлоқи ҳақиқӣ танҳо вақте арзиш пайдо мекунад, ки аз дили маърифат ва шинохти ҳақиқат барояд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар фалсафаи Салҷуқӣ зебоӣ на танҳо объекти тамошо, балки воситаи шинохти ҷаҳон ва ташаккули инсон мебошад. Ин хусусият ба эстетикаи ӯ аҳамияти хоси фалсафӣ мебахшад.

Ҳамин тариқ, Салҷуқӣ инсонро мавҷуде меҳисобад, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва такмил аст. Аммо ин ҷустуҷӯ танҳо вақте натиҷа медиҳад, ки инсон аз низоми арзишҳои ахлоқӣ огоҳӣ дошта бошад. Дар ин сурат ахлоқ ба инсон маъно ва ҳадаф медиҳад, ки ин заминаи ҳисси эстетикиро фароҳам меорад, бидуни ахлоқ ва завқи эстетикӣ инсон ба бесамтӣ, саргардонӣ ва гумроҳӣ гирифтор мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои зебоишиносӣ дар осори Салоҳуддин Салҷуқӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки эстетика дар низоми андешаи ӯ танҳо ҳамчун омӯзиши зебоӣ ва муносибати инсон ба падидаҳои зебои олами ҳастӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун як бахши муҳими фарҳанги тафаккури инсонӣ арзёбӣ мегардад. Аз дидгоҳи Салҷуқӣ, масъалаи зебоӣ дорои паҳлуҳои гуногун буда, фаҳмиши он инсонро ба андеша дар бораи маънои ҳаёт, арзиши вуҷуд, муносибати инсон ба олам ва мақоми худи инсон дар ҳастӣ мерасонад.

Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳлил дар он ифода меёбад, ки Салҷуқӣ зебоиро падидаи содда ва як маъно намедонад. Мафҳуми зебоӣ метавонад вобаста ба мавқеи инсон, сатҳи дарки ӯ, таҷрибаи маънавӣ ва ҷаҳонбиниаш маъноҳои гуногун пайдо намояд. Аз ин рӯ, баҳс дар бораи зебоӣ ҳамзамон баҳс дар бораи меъёрҳои арзёбии инсон низ мебошад. Чӣ гуна инсон зебоиро мебинад, ба он чӣ гуна муносибат мекунад ва дар он чӣ гуна маъно меёбад, аз сатҳи фарҳангӣ ва маънавии худи ӯ вобаста аст. Ин ҷиҳат эстетикаи Салҷуқиро ба масъалаи фарҳангии инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии ӯ наздик месозад.

Бо ҳамин тариқ хулосаи умумӣ намуда метавонем гуфт, ки зебоишиносӣ дар андешаи Салоҳуддини Салҷуқӣ дорои хусусияти

бисёрҷанба буда, масъалаҳои зебоӣ, инсон, фарҳанг, маърифат ва эҷодро ба ҳам мепайвандад. Арзиши фалсафии ин андеша дар он зоҳир мешавад, ки зебоӣ ҳамчун падидаи таъсиргузор ба шуур ва фарҳанги инсон баррасӣ мегардад. Аз назари мо, маҳз ҳамин хусусият ба омӯзиши эстетикаи Салҷуқӣ аҳамияти илмӣ мебахшад ва нишон медиҳад, ки андешаҳои ӯро метавон дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои муосири фарҳанг, завқи эстетикӣ, эҷодиёти инсон ва тарбияи маънавӣ низ мавриди омӯзиш қарор дод.

3.2. Андешаҳои Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи инсон

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки Салоҳуддини Салҷуқӣ дар осораш ба он эътибори ҷиддӣ медиҳад, масъалаи инсон аст. Чи тавре дар баррасии масоили ахлоқӣ ва зебоишиносии ӯ ишора шуд, Салҷуқӣ инсонро аз мавҷуди ҷисмонӣ, рӯҳонӣ, ахлоқӣ, маърифатҷӯ ва рӯ ба камол меҳисобад. Марҳилаҳои камоли инсонро мутафаккир дар қисмати антропология матраҳ мекунад. Антропология илмест, ки инсонро ҳамчун мавҷудоти биологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ меомӯзад. Он на танҳо ҷисм ва сохти биологии инсонро, балки инчунин таърихи инкишофи инсон, фарҳанг, равишҳои иҷтимоӣ, одатҳо ва тафаккури ӯро таҳқиқ мекунад.

Аз назари Салҷуқӣ, антропология илми шинохти инсон аст, ки инсонро ҳамчун мавҷудоти биологӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ меомӯзад. Яъне ӯ дар мабҳаси антропология инсонро на танҳо аз лиҳози биологӣ ва эволютсионӣ таҳлил мекунад, ҳамчунин ба моҳият ва мақоми инсон дар ҷаҳон низ таваҷҷуҳи хос медиҳад. Ӯ инсонро на танҳо мавҷудоти моддӣ, балки субъекти маънавӣ ва ирфонӣ мешуморад. Яъне инсон ҳам биологӣ вуҷуд дорад ва ҳам қобилияти фикр, эҳсос ва ирода дорад. Ба ин маънӣ, антроология бояд ҳам ҷисм ва ҳам табиати инсонро баррасӣ кунад.

Аз назари Салҷуқӣ, инсон танҳо ҳамчун фард таҳқиқ намешавад, балки дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ омӯзиш мешавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки антропология бояд ба муносибатҳо, урфу одат, ахлоқ ва фарҳанг диққати хос диҳад, зеро ҳамаи ин унсурҳо тарзи зиндагӣ ва фаҳмиши инсонро ташаккул медиҳанд ва бе онҳо инсон наметавонад аз мавҷудоти

дигари биологӣ фарқ кунад. Вай таъкид мекунад, ки инсон барои дарки ҳақиқати худ ва ҷаҳони атроф бояд аз ақл, ҳиссиёт ва манобеи маънавӣ истифода барад. Яъне, антропология на танҳо мушоҳидаи моддӣ аст, балки таҳлили ирфонӣ ва маънавии инсонро низ дар бар меширад.

Ба ақидаи файласуф, инсон дорои ирода ва масъулият мебошад ва антропология бояд ҷойгоҳи ӯро дар ҷаҳон нишон диҳад. Масъалаҳои чӣ гуна инсон метавонад дониш, маърифат ва ахлоқро такмил диҳад ва бо ҷомеа ҳамоҳанг бошад, низ аз масоили калидии антропология аст.

Андешаҳои Салоҳуддини Салҷуқӣ дар робита бо мафҳуми антропология, ё худ инсоншиносӣ, ба таври амиқ ва решадор бо фалсафа ва ахлоқ ва зебоишиносӣ ӯ пайванд доранд. Ӯ инсонро ҳамчун маркази маънӣ ва меҳвари ҳаракат аз ҷаҳони моддӣ ба сӯи ҷаҳони маънӣ ва ҷамолу камолро дар як мартаба қарор медиҳад. Ба назари Салҷуқӣ, инсон на танҳо мавҷуди табиӣ аст, балки як зоти рушдёбанда, маърифатталаб, зебоиписанд ва ахлоқпарвар мебошад, ки масири ҳастии ӯ бо талош барои расидан ба ҳақ, хайр ва ҷамол тавсиф мешавад. Аз ин лиҳоз, инсон дар фалсафаи ӯ мавҷуде аст, ки вазифа дорад тавассути тарбияи ахлоқӣ ва шинохти маърифатӣ аз ҳолати ҷисмонӣ ба дараҷаи маънавии вуҷуд бирасад. Ин андешаҳо ба антропологияи фалсафӣ наздиканд. Инсон дар осори ӯ мавҷуде нест, ки танҳо бо муҳити иҷтимоӣ ва биологӣ таъриф шавад, балки шахсест бо ирода, мақсад ва қобилияти сайри маънавӣ, ки метавонад ба зинаҳои камол бирасад. Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки инсон танҳо дар алоқа бо ҷомеа ва заминаҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ маъно пайдо мекунад, аз ин рӯ, ӯ бар зидди индивидуализми ифротӣ ва иҷтимоигароии мутлақ аст ва дар ин миён назари муътадили мутавасситеро дар масъалаи инсон пеш мегузорад. Ин гуна таҳлили инсони комил, ки ба воситаи ахлоқ, дониш ва маърифат аз ҳолати табиӣ ба марҳалаи рӯҳонӣ ва маънавӣ меравад, сутуни марказии антропологияи Салоҳуддини Салҷуқиро ташкил медиҳад. Аз назари ӯ, инсон ҳамон вақт комил мешавад, ки ахлоқро асос қарор дода, ба

маърифат рӯ оварад ва саъй кунад то ҷойгоҳи худро дар олами ҳастӣ биёбад.

Тавре ки дар боло зикр намудем, дар маркази таълимоти фалсафии Салҷуқӣ масъалаи инсон қарор дорад ва дар ҳамаи осораш мутафаккир нисбат ба инсон ва моҳияти ӯ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ӯ осору афкори файласуфони маъруфро, аз давраи қадим то садаи бистум бодиққат омӯхта, дидгоҳҳои антропологии онҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи онҳо андешаҳои худро дар ин мабҳас мушаххас баён намудааст. Муносибати ӯ ба эҷодиёти мутафаккирон характери эҷодӣ - танқидӣ дорад. Баъзан андешаҳои онҳоро бе чуну чаро қабул мекард ва баъзан онҳоро рад карда, сабаби онро бо далелҳо ироа менамуд. Салҷуқӣ дар баҳси масоили антропологӣ назари маъруфтарин ҳакимонро бо такя ба осори онҳо мушаххас нишон медиҳад. Ӯ саҳми файласуфони Юнонро дар илми инсоншиносӣ бисёр муҳим ва шоиста медонад. Махсусан ба Суқрот, Афлотун ва Арасту ҳамчун бузургтарин сармояи ахлоқии тафаккури ҷаҳонӣ ва дониши инсонӣ баҳои баланд медиҳад.

Салҷуқӣ таълимоти инсоншиносии Суқрот, Афлотун ва Арастуро муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули антропология меҳисобад. Дар таърихи илм ин файласуфон аз аввалинҳо шуда, таърифи моҳияти инсон ва мақсади асосии мавҷудияти ӯро муайян намудаанд. Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки ҳикмат ва фалсафаи онҳо дар масоили худогоҳиву худшиносии башарият тавонистааст таъсири босазо кунад. Аммо Салҷуқӣ ба ин файласуфи юнониро ҳарчанд қавитарин ҳокимони ҷаҳон меҳисобид ва ба онҳо эҳтироми шадид қоил аст, аммо ба ҳама андешаҳои ин бузургмардон пурра розӣ нест. Масалан Салҷуқӣ таъкид менамояд, ки инсонро танҳо тавассути “хандон” будан ё “нутқ” наметавон аз ҳайвонҳои дигар фарқ кард, ки тутӣ ба нутқи инсон фақат тақлиди кӯр-кӯрона намекунад, балки баъзан барои дифои худ аз хусумат низ истифода мекунад. Ӯ ин андешаашро чунин иброз мекунад, ки вақте тӯтие доштам, ки нотиқ буд. Дар биное, ки мо мезистем, ҳар гоҳ саге меомад, саге низ доштам ва он ав-ав мекард ва бошандагон метарсиданд.

Вақте бошандае тӯтии маро азият дод ва тӯтӣ бо овози саг ҷониби ӯ ав-ав кард. Ин ба хубӣ нишон медиҳад, ки тақлиди тутӣ сирф бешуурона нест ва нутқи ӯ бо ҳадафи муайян аст ва ӯ мехоҳад ояндаро бо овозе, ки аз он метарсад, бим диҳад, то худро аз азияту озори ӯ халос намояд [131, с. 121-130].

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар осори фалсафии худ инсонро ҳамчун мавҷуди ақлдор ва маърифатталаб баррасӣ мекунад. Ӯ мутмаин аст, ки инсон тавассути фикр ва тасаввур аз маълумоте, ки зоҳирӣ аст ва маънои он равшан нест, ба маълумоти ниҳоӣ ва мушаххасу равшан мерасад ва ин қобилият на танҳо барои инсон, балки дар шаклҳои каму фаровон дар ҳаёти ҳайвонот низ вомехӯрад.

Барои ӯ, ақл ва ният, на танҳо қобилияти сухан гуфтан ё эҳсос кардан, ҳамчунин маркази ҳиссиёти мулоҳиза ва таҷрибаҳои маънавӣ мебошад. Ӯ мисолҳои ҷолибе, аз ҳаёти ҳайвонот, мисли мӯрчаҳо ва занбӯрҳо оварда таъкид мекунад, ки онҳо низ ҳарчанд ба андозаи инсон набошад ҳам, дониши шаклӣ ва ақлии худро доранд. Аз ин рӯ, Салҷуқӣ андеша мекунад, ки қобилияти ақлӣ ва ният, на фақат хоси инсон аст.

Салҷуқӣ инсонро ҳамчун синтези ҳиссиёт ва ақл ҳисобид. Ӯ инсони комилро ба меваи хушбуйдиҳанда ташбеҳ медиҳад. Ғайр аз ин, ӯ таъкид мекунад, ки инсон бояд, на танҳо дар сатҳи моддӣ, балки баландтар, дар фазои маънавӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ инкишоф ёбад, то дар ҳамин сатҳ қобилияти ақлӣ ва эстетикӣ истифода карда тавонад [131, с. 42-50].

Аз ин бармеояд, ки Салҷуқӣ инсонро ҳамчун раванди омезиши ақл ва ҳиссиёт баррасӣ мекунад. Ӯ нақши ақлро дар ташаккули инсон муҳим медонад, ки тавассути он ҳиссиёт ва иттилоотӣ гуногун таҷассум меёбанд. Ғайр аз ин, Салҷуқӣ таъкид мекунад, ки инсон бояд танҳо дар сатҳи моддӣ маҳдуд нашавад, балки дар фазои маънавӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ низ рушд кунад, то қобилияти ақлӣ ва эстетикии худро пурра истифода барад. Яъне, инсон мавҷуди рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ мебошад, ки онҳо дар якҷоягӣ моҳияти аслии ӯро ифода мекунанд, бо таваҷҷуҳ ба назариёти файласуфони бузурги

Юнон баён шуда, хулосаҳои мушаххас бароварда шудааст. Ӯ дар осори худ аввалан ба нуқтаи муҳим – ташаккули маркази ақлӣ ва идораи иттилоот таваҷҷуҳ мекунад ва таъкид мекунад, ки ин марказ, на танҳо дар инсон, балки дар ҳайвоноти гуногун низ вуҷуд дорад ва ҳатто дар баъзе мавридҳо қобилиятҳои ҳассосиву дарки онҳо нисбат ба инсон баландтар аст. Масалан, қобилияти шунавоӣ ва бӯйгирии сагҳо нисбат ба инсон хеле қавитар аст. Ба андешаи ӯ фарқи инсон ва ҳайвонот танҳо дар сатҳи қувваи эҳсосот ё иқтидори ҷисмонӣ нест, балки дар сатҳи ташаккули маркази фикрӣ ва маърифатӣ, ки мутамарказ ва ҳамоҳангкунии иттилоот аз ҳиссиётҳои гуногунро таъмин мекунад, мебошад [131, с. 28-36].

Файласуфони классикии Юнон, ба монанди Афлотун ва Арасту низ таъкид доштанд, ки инсон “ҳайвони нотиқ” аст, яъне мавҷуде, ки дорои қобилияти гуфтугӯ ва фикр мебошад. Афлотун инсонро мавҷуде мешуморад, ки метавонад ба ҷаҳони мутлақ бипайвандад. Ва худро ба он муттаҳид созад. Ин ба андешаи Салҷуқӣ наздик аст, ки мардум тавассути маркази ақл ва идораи фикрӣ дар ҳолати баландтарини маънавӣ ва ирфонӣ қарор мегиранд. Аммо Салҷуқӣ фарқ мекунад, ки ақл ва ният дар ҳайвонот низ ба шакле вуҷуд доранд, ҳарчанд дараҷаи он гуногун аст. Ин маънои онро дорад, ки мафҳуми инсон ҳамчун мавҷуди комил ва нодир бояд бештар ба сатҳи маънавӣ ва ирфонӣ таваҷҷуҳ кунад, на танҳо дар сатҳи биологӣ ё қобилияти ҳис. Албатта, нисбат додани ақл ба ғайр аз инсон, ки дар таълимоти инсоншиносии Салҷуқӣ мушоҳида мешавад, далели қонеъкунандаи илмӣ надорад ва мутафаккир ҳам манзураш аз он ақли инсонӣ ё ақли куллӣ (ақли фаъол) нест. Аммо ӯ ақлро фаротар аз инсон ва ба низоми умумии ҳастӣ низ нисбат медиҳад.

Ба ҳамин монанд, Арасту инсонро мавҷуде мебинад, ки дорои малакаи ақливу мантиқӣ аст, ки бояд онро рушд диҳад. Вай ақлро ҳамчун рушду маърифати воқеият мебинад, ки инсонро аз дигар мавҷудот ба куллӣ фарқ мекунонад. Аммо Салҷуқӣ на танҳо ба ақл ва

маърифат, балки ба маркази маҷмуии иттилоотӣ, ки дар он ҳиссиёт ва фикр бо ҳам кор мекунанд, таваҷҷуҳ мекунад. Ба ибораи дигар, Салҷуқӣ вижагии инсонро дар низоми комили фикр ва ҳиссиёт мебинад, ки барои ташаккули маънавиёт ва маърифати ҳақиқӣ зарур аст.

Дар таълимоти антропологии Афлотун ва Арасту, инсон маҳз ба далели қобилияти сухан гуфтан ва ақл доштани худ аз ҳайвонот фарқ мекунад. Аммо Салҷуқӣ бо мисолҳои амалӣ ва илмӣ нишон медиҳад, ки ин арзёбӣ метавонад ниҳоят мураккабтар бошад ва ҳатто ҳайвоноте ҳастанд, ки нишонаҳои фикр ва ҳатто иродаи амалии нисбатан мураккаб доранд. Пас, дар фарзияи ӯ фарқи аслӣ, на танҳо дар доираи эҳсосот ва ният аст, балки дар сатҳи маҷмуии фикрӣ, ирфонӣ ва маънавӣ, ки инсонро аз ҳайвонот ҷудо мекунад [131, с. 37-43].

Бо ин тартиб, андешаи Салҷуқӣ ин аст, ки фарқи аслӣ ва мақоми баландтарини инсон дар сатҳи маънавӣ ва ирфонии комил, бо ақл ва иродаи мустақим идора мешавад, на танҳо дар қобилияти гуфтугӯ ё ҳиссиётҳои оддӣ, ки он дар ҳайвонот низ вуҷуд доранд. Ин таҳлил, ки бо назардошти муқоисаи таълимоти файласуфони Юнон баррасӣ гардид, нишон медиҳад, ки Салҷуқӣ назарияи худро бо истифода аз таҷрибаи илми муосир ва мушоҳидаҳои амиқтар оид ба ҳайвонот ва инсон пеш мебарад ва мақоми инсонро на ҳамчун мавҷуди натанҳо биологӣ ва аклӣ, балки ҳамчун мавҷуди маънавӣ ва ирфонӣ, ки ҳангоми таҳаммулпазирӣ ва рушди доимӣ ба дараҷаи олии ақл ва маърифати мутлақ мерасад, медонад. Ба назарии Салҷуқӣ, инсон на танҳо як мавҷуди биологист, балки мавҷуди оқил, эстетикӣ ва ахлоқист, ки ҳамеша ба камол майл дорад. Ин назар ҷавҳари таълимоти антропологии ӯ инъикос мекунад, ки инсонро ҳамчун мавҷуди хештаншинос, маърифатталаб, ахлоқӣ зебоиписанд ва майл ба камолдошта қаламдод мекунад.

Бояд зикр кард, ки Салоҳуддин Салҷуқӣ Афлотунро файласуфи бузург ва соҳиби фикрҳои наву тару тоза медонад, аммо назари ӯро нисбат ба инсон нокомил мешуморад. Ба ақидаи ӯ «Афлотун бар ин

гумон аст, ки асоси инсоният дар бадан таҷассум наёфтааст ва инчунин ибтидои инсоният дар одамони оддӣ асос наёфтааст» [126, с. 119-123].

Афлотун нисбати барпо намудани ҷамъияти мукаммали башарӣ, ки сарвари он оқилтарини ҷамъият мебошад ва ҳар як меҳнаткаш дар ин давлат мувофиқи истеъдод ва маҳорататаш ба вазифа таъин карда мешавад, баҳои баланд додааст. Ба ақидаи Салҷуқӣ, азбаски Афлотун пай бурд, ки ҳеҷ яке аз низомҳои сиёсии мавҷуда натавонистаанд ҷомеаи идеалиро ба вуҷуд оварад, ӯ ба тарҳрезии чунин ҷомеа шурӯъ намуд.

Салҷуқӣ қайд мекунад: «Дар китоби «Ҷумҳурӣ» Афлотун ҷомеаи идеалиро тавсиф кардааст, ҳарчанд дарк мекард, ки кори ӯ ҷуз як назарияи идеалӣ нест ва ҷанбаи амалиро соҳиб шуда наметавонад. Афлотун дониш ва шинохти рӯҳи инсонро ишора ба ҷаҳони абстрактӣ медонад. Ба андешаи Афлотун, некӣ, ҳақ ва зебоӣ дар ҷаҳони идеалӣ дар ваҳдат ҷойгир аст. Дуруст аст, ки Афлотун некӣ, ҳақ ва зебоиро зери парчами ваҳдат мебинад, аммо дар хориҷ кардани санъат аз ҷомеаи идеалии худ мекунад» [126, с. 128].

Аз ин бармеояд, ки Афлотун дониш ва маърифати инсонро ба олами идеалие пайвандад ва ба ин назар аст, ки некӣ, ҳақ ва зебоӣ бо ҳам тавъаманд. Аммо маҳдуд кардани санъат ва ҷудо кардани он аз ҷомеаи идеалӣ дуруст нест. Зеро санъат низ қисми тарбияи ахлоқ ва маънавиёт аст. Аз ин хотир, Салҷуқӣ ба гуфтаҳои Афлотун таваҷҷуҳ намуда, дар заминан баёни андеша мекунад ва афкори ирфониашро дар масоили инсоншиносӣ месозад.

Салҷуқӣ яке аз бартариҳои инсонро нисбат ба дигар ҳайвонот дар қувваи эҷодиёти бадеӣ дониста, завқи эстетикиро хоси инсон медонад. Вай бар ин назар аст, ки санъат як ҷузъи ҷудонашавандаи инсон аст. Зеро маҳз санъат ва тафаккури созанда инсонро аз ҳайвоноти дигар фарқ мегузорад. Албатта, санъат дар навбати худ дар заминаи тафаккур ва завқи эстетикӣ шакл мегирад, он ин унсурҳоро дар ташаккули инсон нақши бориз доранд. Инсон вақте ташаккул меёбад ва аз доираи ҳаёти ваҳшонӣ берун

мешавад, он ақл, ирода ва виҷдон дар ӯ шакл бигирад. Афлотун сохтори чунин иҷтимоиро ҷомеаи комил ва одил номида аст, ки дар он ҳар кас мувофиқи истеъдод ва тавонои фаъолият мекунад ва ва ин амал саодати ҷомеаро таъмин мекунад. Салҷуқӣ низ андешаи ӯро дар бунёди чунин ҷомеа пазируфтааст.

Афлотун, ки инсонро аз рӯҳ ва ҷисм иборат медонад, мутмаин буд, ки рӯҳи инсон пеш аз зуҳури ҷисмаш вуҷуд дошт. Рӯҳи инсон, ки муҳимтарин унсури ҳастии инсон дониста мешавад, аз се қисм иборат аст: ақл, ирода ва хоҳиши рӯҳонӣ. Ӯ ақида дорад, ки маҳз фарқи инсон аз ҳайвон дар хирад аст ва хирад ҷузъи ҷудонашавандаи рӯҳ маҳсуб меёбад. Ирода бояд дар ҳама шароит дар хидмати хирад бошад. Дар замоне, ки нафс зидди хирад баромад мекунад, зарур аст, ки ирода дар паҳлӯи хирад истода, ҳаваси инсониро назорат кунад. Фарқи одам аз ҳайвонот ҳам ақлу ирода ва ҳаваси маънавии ӯ мебошад.

Аммо инсонро махлуқи илоҳӣ ва мақсади ниҳоии олам медонад. Ӯ инсонро мавҷуде, ки аз ҷисм ва рӯҳ иборат аст меҳисобад, аммо қудрати табъиз, интуитсияи эстетикӣ ва завқи инсонро ҳамчун хислати фарққунандаи инсон аз ҳайвонот медонад. Вай ақидаи Афлотунро, ки ақлу хирад хосияти инсон аст, тасдиқ мекунад, аммо ба гуфтаҳои ӯ дар бораи он, ки инсон махлуқи дупо, урён, нохунҳои дарози васеъ дорад ва ханданда аст, розӣ нест. Барои муаррифии инсон чунин таърифро комил намешуморад. Чунон ки мегӯяд: «Агар Афлотун дар инсон танҳо дупогӣ, бараҳнагӣ, нохун доштан ва инсони хандонрӯро бинад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки вай инсонро дуруст нашинохтааст» [131, с. 50-54].

Андешаи мазкур, ки гӯё Афлотун инсонро танҳо ҳамчун мавҷуди дупо, бидуни пӯст ва дорои нохун медидааст, бештар ба як ҳодисаи таърихӣ вобаста аст, на ба ақидаи аслии фалсафии ӯ. Афлотун дар асл инсонро аз рӯи табиати рӯҳӣ ва ақлии ӯ таъриф мекард. Таърифи машҳури ҷисмонии “ҳайвони дупо” танҳо як таърифи мантиқӣ ва соддашуда буд, ки бо мақсади фарқ гузоштан миёни инсон ва ҳайвонҳо истифода шуд. Диоген бо овардани

мурғи канда ин таърифро масхара намуд ва Афлотун баъдтар онро бо ибораи “бо нохунҳои ҳамвор” камил кард.

Аммо таърифи воқеии Афлотун марбут ба ҷисм набуд. Ӯ инсонро мавҷуди дорои ақл, шуур, виҷдон ва рӯҳи секисмат медонист, ки қодир аст ҷаҳони идеяҳоро дарк намояд ва ба сӯи некӣ, ҳақ ва зебоӣ равона гардад. Аз ин рӯ, баҳогузорӣ ба инсоният танҳо аз рӯи ҷисм ё нишонаҳои беруна маънои нодида гирифтани моҳияти воқеии инсонро дорад.

Салҷуқӣ мутафаккирони юнонро эътироф мекард ва нисбат ба онҳо эҳтиром қоил буд, аммо ба қавли худаш ҳақиқат барои ӯ аз ҳамаи чиз болотар меистад. Худаш таъкид мекунад, ки “Ман ба ақидаҳои мутафаккирони юнонӣ баҳои баланд медиҳам, аммо ҳақиқате, ки имрӯз бо назардошти пешрафти беандоза дар тамоми соҳаҳои илм ба даст омада, мантиқи наве бояд эҷод кунем, ки баёнгари моҳияти инсони имрӯза бошад” [131, с. 55-60].

Тибқи андешаи Салҷуқӣ, Арасту дар тули 25 аср марҷаи дониши тамоми донишмандони ҷаҳон буд. Мувофиқи нишондоди Салҷуқӣ, Арасту олимест, ки аз осори ӯ уламои дин, табиатшиносон, илоҳиётшиносон, энсиклопедистҳо адибон ва ғ. истифода кардаанд. Мутафаккири дорои чунин дониши фарохе мисли Арасту дар тамоми таърихи тафаккури башар дигар дида нашудааст. Ба ақидаи Салҷуқӣ, Арасту ба масъалаи инсон аҳамияти махсус медод. Ӯ мехост роҳи расидан ба саодатро нишон диҳад, аз ин хотир, китоби «Этика»-ро навист ва дар он таърифи мукамали инсонро ба миён гузошт.

Дар таърихи фалсафа масъалаи оё инсон дар назди худ ҳадафи махсус дорад ё тасодуфан дар ин дунё барои хӯрдан, нӯшидан ва насл ба дунё овардан ба вуҷуд омадааст, баҳсҳои доманадоре сурат гирифтааст. Мувофиқи назариёти Дарвин, инсон дар раванди эволютсионӣ, ки дар заминаи мутобиқшавӣ ба муҳит мебошад, ташаккул ёфтааст. Мувофиқи ин назария, инсон дар натиҷаи тасодуф ва интихоби табиӣ шакли имрӯзаи худро

соҳиб шудааст. Пас, ӯ ҳадафи пешакӣ таъиншуда надорад ва моҳияти худро дар ҷараёни ҳаёташ месозад.

Аз диди мутаккалимон , инсон мавҷуди соҳибихтиёр аст, ки бо ҳадафи муайян офарида шудааст. Ҷавҳари ин ҳадафро маърифати Худо, камоли маънавӣ ва масъулияти ахлоқӣ ташкил медиҳад. Ҳаёти инсон тасодуфӣ нест, ба хотири имтиҳон аст. Файласуфоне чун Суқрот ҳадафи ниҳоии инсонро расидан ба зиндагии шоиста ва пурифтихор ва маргро оғози зиндагии беҳтар ва ҷовидона медонанд. Афлотун ҳадафи ниҳоии зиндагии инсонро дар дастёбӣ ба манзили асосӣ ва манзили зисти худ, ки дунёи идеалӣ ва неъмати олӣ аст, мебинад.

Салҷуқӣ андешаҳои идеалистоне ба мисли Афлотуну Арасту ва мутаккалимоне, ба мисли Ғаззолӣ ва Шаҳристониро дар ин масъала қабул дорад ва қотеъона назарияи ба тасодуф имтиёз додани эвалютсиониро рад менамояд. Аммо бо такия ба дастовардҳои илмии замонаш дар масъалаи инсон роҳи миёнаи ҷустуҷӯ намуда, арзишҳои назарияҳои илмиро ошкор кардан мехоҳад.

Мутафаккир ҳаётро арзиши олӣ ҳисобида. Муътақид аст, ки ҷаҳон дар заминаи ҳикмат ва низом офарида шудааст. Рисолати аслии инсон дар тули ҳаёт ба моҳияти ҷаҳон ва худии худ сарфаҳм рафтан аст. Ҳеҷ чиз бе ҳадаф ва бемаъно нест, чӣ расад ба инсон, ки мавҷуди марказии ҷаҳон аст. Ин назарияи Салҷуқӣ ба қавли Хайём: “Бе ҳеҷ шаке нақши нигинаш моем”. айният дорад.

Салҷуқӣ ба ин назар буд, ки барои ба даст овардани лаззат ва оромиш инсон набояд интизори марг бошад. Инсон барои мурдан офарида нашудааст, балки барои он офарида шудааст, ки аз неъматҳои барояш омодашуда, истифода барад. Инчунин саъю кӯшиш намояд, ки ба ҳадафи олии инсонӣ, ки расидан ба ҳақиқат дастраст дошта бошад, Салҷуқӣ қайд мекунад, ки: “Инсон набояд дар гӯшае бе ҳаракат нишинаду мунтазири марг бошад ва барои дигарон бори гарон шавад, то ки бо фарорасии марг ба хушбахтӣ ноил гардад» [131, с. 91].

Салҷуқӣ дар масъалаи хушбахтии инсон ва роҳҳои дастрасӣ ба он ба таълимоти Арасту такя мекунад. Арасту ҳадафи ниҳоии ҳаёти инсонро дар расидан ба хушбахтӣ медонист. Дар ин замина Салҷуқӣ хушбахтиро ба се қисм тақсим менамуд, ки якум, ноил шудан ба ғизо ва зиндагии обод, аст ки онро марҳилаи ҳайвонӣ меномад. Дуюм, ба даст овардани қудрат, ки ин марҳила низ дар сатҳи ҳайвонист ва он низ хушбахтии ҳақиқӣ ҳисобида намешавад. Сеюм, тарбияти нафс, касби ахлоқи ҳамида, расидан ба моҳияти озодии вичдон, лаззат бурдан аз аъмоли неке, ба мисли ростӣ, адолат, иффат ва камолу маърифати борӣ, ба назари ӯ хушбахтии ҳақиқӣ аст. Ин андешаҳои ӯ дар масъалаи хушбахтӣ қисман бо таълимоти Арасту мувофиқ аст.

Гарчанде ки Салҷуқӣ таълимоти Арастуро дар масъалаи ба даст овардани хушбахтӣ тавассути зиндагии оқилона ва тафаккури инсонӣ ситоиш мекунад, аммо саволе ба миён меояд, ки ӯ чӣ гуна хушбахтии инсонро бо зиндагии моддӣ маҳдуд мекунад, дар ҳоле, ки паҳлӯҳои зиндагии равонии инсон мураккабтар аст. Чуноне ки ӯ мегӯяд: «Ба мақсади ниҳоии ҳаёт диққат дода, Арасту ду ҷиҳатро шарҳ медиҳад: яке аз онҳо ҳаёт барои оммаи васеи одамон ва дуюм, идеяи ҳаёт аз нуқтаи назари шахси хирадманд. Донистани ин андешаи олӣ инсонро ба сӯи мақсад мебарад. Арасту мегӯяд, ки мо эътироф мекунем, ки хушбахтӣ ғояи ягонаи тамоми аъмоли инсон аст. Дар байни мардуми оддӣ сарвату мол ва зиндагии ободро хушбахтӣ медонанд, аммо ин хушбахтӣ ақидаи хоми мардум аст. Ғалаба ва ҳукмронӣ бар дигарон низ наметавонад хушбахтии ҳақиқӣ номида шавад. Хушбахтии ҳақиқӣ аз зиндагии оқилона иборат аст, ки дар он андеша дар бораи олами ҳастӣ сурат мегирад. Ақл инсонро ба андеша водор месозад ва барои анҷом додани кори хайр шароит фароҳам меорад ва сабаби ба даст овардани иззат мегардад. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан табиист, ки амале ба шаъну шарафи инсон мувофиқ аст, хушбахтии ҳақиқӣ ба шумор меравад» [45, с. 212].

Аз ин тарзи баёни Салҷуқӣ ва иқтибосҳои ӯ равшан аст, ки мутафаккир дар ин масъала низ таҳти таъсири таълимоти Арасту қарор гирифта аст. Махсусан, ратсионализми Арасту дар навиштори Салҷуқӣ хуб мушоҳида мешавад. Зеро ӯ ба ин назар аст, ки ақл инсонро ба андеша водор месозад ва барои анҷом додани кори хайр шароит фароҳам меорад ва сабаби ба даст омадани иззат мегардад [45, с. 231]. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки инсон амалеро анҷом диҳад, ки ба шаъну шарафи инсон мувофиқ бошад, пас ин хушбахтии ҳақиқӣ ба шумор меравад. Аммо бо вуҷуди он ки худи Арасту пояи илми метафизикаро гузошта бошад ҳам, дар бораи робитаи инсон бо неъмати мутлақ зикр намекунад. Ин нишондиҳандаи он аст, ки ӯ маҳдудияти зеҳнӣ дорад. Яъне, Салҷуқӣ, сарфи назар аз таваҷҷуҳу рағбати зиёд доштан ба таълимоти Арасту ва ӯро асосгузори илми ахлоқ ҳисобидан, ба баъзе назариёти ӯ розӣ нест ва ба онҳо диди танқидӣ дорад. Ҳатто зеҳнияти Арастуро дар масоили ахлоқӣ маҳдуд меҳисобад.

Салҷуқӣ илова мекунад, ки: «Арасту ришташҳои осмонии ахлоқиро бурида, хушбахтиро охирин ҳадафи зиндагӣ медонад, ҳарчанд дар он беҳбудии андешамандона аст, аммо хушбахтӣ чизе нест, ки ҳадафи зиндагӣ бошад. Аксар вақт мушоҳида мешавад, ки инсон хушбахтии шахсиро дар роҳи сӯи идея ё мақсади олӣ қурбон кардааст» [45, с. 202]. Яъне, сарфи назар аз танқиди Арасту дар баъзе масоили ҷузъӣ, Салҷуқӣ Арастуро бузургтарин шахсияти олами фалсафа ва илм медонад, ки назарияҳои хоси худро дар бораи инсон ва инсоният дорад. Аммо дар мавриди бархе аз андешаҳои ӯ, масалан, дар бораи офариниш назарияи ҳаюло ва зуҳури он Салҷуқӣ назари хоси худро дорад. Ӯ Арастуро мутафаккире медонад, ки тавонист дар масоили метафизика асари алоҳида бинависад ва ягонагии Худоро эътироф кунад. Аммо, Салҷуқӣ дар масъалаи маърифати илмӣ ба дидгоҳҳои Арасту комилан ҳамраъй нест. Зеро Салҷуқӣ ҳарчанд мисли Арасту оғози илмро ба таҷрибаву мушоҳида

вобаста медонад, аммо онро дорои ҷанбаҳои маънавӣ ва ирфонӣ меҳисобад, ки дар заминаи покии ботин ва тақрибаи рӯҳонӣ ҳосил мешавад.

Дар масъалаи инсон ва илмаш Арасту бо андешаҳои Афлотун розӣ нест. Гарчанде ба устодаш эҳтироми зиёд дошт, аммо пешниҳоди ҳақиқатро ногузир медонист, ки ба назри ӯ дуруст ва қобили қабул аст. Вай бар ин назар аст, ки мафҳуми инсоният чизи берун аз инсон нест, баръакс инсоният маънои комил дорад ва ба ин васила ҳар як инсон ба воситаи вуҷуди иҷтимоии худ мафҳуми инсониятро дарк мекунад.

Тавре Салҷуқӣ менависад: «Дар илми инсонии Арасту зуҳури ҳақиқии башарият пурра дар дохил ва дар бофтаи табиати ҳастии инсон ба таври ошкор ва равшан таҷассум ёфтааст. Оғоз ва сарчашмаи аввалиндараҷаи башарият зоҳирест, ки тамоми аъзои ҷомеаи башариро фаро мегирад. Ба замми ин, Арасту пайвандии рӯҳу танро ба ҳам монанд намедонад. Барои тавзеҳ додани пайванди ҷон ва ҷисм таносуби ҷисми чизеро ба шаклаш ё таносуби дарозии чизеро ба бари он баррасӣ мекунад" [131, с. 115].

Салҷуқӣ дар мавриди иртиботи рӯҳу ҷисм, ҳайюло ва зуҳури он бо назариёти Арасту мувофиқ аст Салҷуқӣ аз Арасту ситоиш мекунад, ки пояи мантиқро дар замоне гузоштааст, ки илмҳо ҳанӯз тасниф нашуда буданд. Ӯ дар таърихи илм ба корҳое даст зад ва муваффақҳам шуд, ки дар замонаш тасаввурнопазир аст. Дар масъалаи инсон низ корҳои бунёдие анҷом дод, ки онҳо чун сарчашмаи донишҳои минбаъдаи антропологӣ маҳсуб мешаванд.

Дар баробари ин, Салҷуқӣ дар мавриди таърифи Арасту нисбат ба инсон андешае ҷолибе дорад. Арасту инсонро «ҳайвони сухангӯй» медонад ва Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки ин таърифи «инсони оқил» дар замони Арасту таърифи дуруст ва мантиқӣ буд, аммо дар асри XX наметавонад моҳияти аслии инсонро муаррифӣ кунад, зеро мушоҳида мешавад, ки баъзе паррандагон сухан мегӯянд, аммо агар ҳадафи Арасту аз сухан тафаккур бошад, пас дар ин мавриди пажӯҳишҳои илмӣ низ собит

намуданд, ки бисёре аз ҳайвонот тафаккур доранд. Аз ин рӯ, таърифи сухангӯй наметавонад шахсияти имрӯзаро муаррифӣ кунад. Чуноне ки менависад: «Вожаи «сухангӯй» дар осори Арасту ба маънии сухан гуфтан нест, балки ба маънии тафаккур аст, вале оё далеле ҳаст, ки ғайр аз ин инсон дигар мавҷудоти зинда тафаккур надорад? Агар сухан гуфтан маънои сухан гуфтанро дорад, пас чунон, ки ҳама мебинад, паррандаҳои ҳастанд, ки сухан мегӯянд. Бинобар ин, ҳақиқат дар он аст, ки инсон аз ҳайвонот на дар сухан ва на дар ханда фарқ мекунанд, ки Афлотун доир ба ин қайд намуда буд» [45, с. 191].

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар масъалаҳои инсоншиносӣ ба таълимоту назарияҳои файласуфони даврaҳои гуногун таваҷҷуҳ намудааст. Азбаски худ низ тафаккури интиқодӣ дошт ба фаъолияти яке аз бунёдгузорони фалсафии Замони Нав - Рене Декарт, ки низоми мантиқи арастуиро зери тозиёнаи танқид гирифта, мекӯшид фалсафаи замонашро аз таъсири силогизми Арасту озод намояд, таваҷҷуҳи хос зоҳир намояд. Декарт ба гурӯҳи файласуфоне ворид мегардад, ки мактаби хусусии худро ташкил дода буд.

Рене Декарт воқеан ҳамчун заминагузори мактаби ратсионализм (ақлгароӣ) эътироф шудааст, ки андешаҳои бунёдии ӯ дар тӯли таърихи таҳаввули фикри башарӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва пажӯҳиши амиқи донишмандони мухталиф қарор доштаанд. Мутафаккир Салоҳуддин Салҷуқӣ дидгоҳҳои интиқодию таҳлилии худро нисбат ба фалсафаи Декарт, махсусан дар рисолаи хеш — «Вазифаи рӯҳ» баён намудааст. Салҷуқӣ бо нигаронӣ таъкид месозад, ки дар ҷомеаи муосир таваҷҷуҳ ба ҷисми инсон ва ниёзҳои моддии он нисбат ба ҷанбаҳои рӯҳонию маънавӣ бартарӣ пайдо кардааст. Аммо, аз назари ӯ, маҳз ақли солими инсоният ва ҷавҳари ратсионалии вуҷуди башар метавонад унсурҳои ваҳшонияту таназулро дар ҷомеа пешгирӣ намуда, бар аксуламалҳо ва майлҳои ғаризии ҷисмонӣ ғолибияти комил ба даст орад.

Салҷуқӣ менависад: «Декарт дар рисолаи худ бо номи «Вазифаи рӯҳ» иродаро ба тафаккур вобаста медонад. Агар инсон пур аз моддаи абстрактӣ мебуд ва бадан намедошт, бешак, ҳамеша дар андеша мегашт. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки сарчашмаи аввалиндараҷаи бадӣ, бадан ба ҳисоб меравад. Маҳз бадан аст, ки сабаби пайдоиши эҳсосот мегардад, ки монеаи роҳи илми ҳақиқӣ шуда, инсонро ба орзуҳо водор месозад, яъне тафаккури инсон худаш боқӣ мемонад, пас дар моҳияти худ он комилан фаъол, озод ва нек мемонад, дар ҳоле, ки зери таъсири дахолати бадан ва дигар асбобҳои беруна инсон ба ғуломи ангезаҳо ва бадӣ табдил меёбад. Ҳадафи мо ин аст, ки ақл ва ирода бояд бар қувваи ҷозиба ва такон бартарӣ биҷӯяд. Аз нуқтаи назари Декарт амали дурустӣ инсонӣ ин аст, ки эҳсосотро бо ақл идора кунад» [131, с. 72-78].

Аз ин иқтибос бармеояд, ки Салҷуқӣ ба назари аз ду ҷавҳар - андеша ва рӯҳ, иборат будани инсон, ки дар таълимоти Декарт дида мешавад, ҷонибдорӣ менамояд.

Салҷуқӣ ба осору афкори Кант низ рағбати зиёд дошт ва масоили инсоншиносии ин мутафаккирро пайваста пайгирӣ мекард. Ба қавли Салҷуқӣ, Иммануэл Кант яке аз бузургтарин мутафаккирони Ғарб маҳсуб меёбад, ки таълимоташ бар мушкилоти ҷойгоҳи инсон ва нақши ӯ дар ҷомеа асос ёфтааст. Кант бештар инсонро ба унвони як мавриди баҳси фарогир дар ҷанбаи ақли амалӣ қарор медиҳад ва ӯ ақли амалии худро ба се қисм Худо, озодӣ ва ҷовидонӣ тақсим менамояд. Кант таъкид мекунад, ки ҳарчанд ақл аз ҷиҳати ақли амалӣ маҳдудиятҳо дорад, аммо ҳеҷ гоҳ наметавонад моро аз тасдиқи ин се принсип боздорад [131, с. 72-78].

Салҷуқӣ қайд мекунад, ки аз нуқтаи назари Кант, инсон як мавҷуди мустақил аст, вай бидуни вобастагӣ ба мавҷудоти дигар, ҳаёти равонӣ, рӯзмарра ва ахлоқии худро пеш мебарад. Чунин мустақилиятии инсон, махсусан андешаи озод доштан, моҳияти ӯро ифода мекунад. Инсон бо тасмими худ динеро интихоб мекунад ва бо салоҳдиди худ низомҳои сиёсиву иқтисодӣ эҷод мекунад ё ба арзишҳои иҷтимоӣ мепайвандад.

Чуноне ки ӯ менависад: «Фикри тоза метавонад амалӣ бошад. Ин маънои онро дорад, ки вай худ аз худ метавонад мустақилона ба тамоми ҷиҳатҳои таҷрибавӣ ворид гардад. Ва маҳз дар асоси ҳамин воқеият ақли худро дар инсон дар шакли сабабе, ки воқеан амалӣ аст, зоҳир намояд. Дар ҳақиқат, ин истиқлолиятест, ки ба воситаи он дар мавриди принсипи бунёди ақл хоҳиши амалро бармеангезад. Дар айни замон ин таҳлил нишон медиҳад, ки воқеияти инсон бо огоҳӣ ва озодӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Гузашта аз ин, он озодии амалро ифода мекунад» [131, с. 85-92].

Дар кирдори инсоният Салҷуқӣ ғайр аз ақл боз инстинкт, ниёз ва табъизро ворид намудааст. Вай бар ин назар аст, ки агар ақл дар хидмати ғариза бошад ва иродаро ба самти хоҳишҳои худ сафарбар кунад, эҳтимоли он вуҷуд дорад, ки ирода инсонро бад мекунад. Дар ин ҷо бояд қувваи дигаре бошад, ки роҳро аз чоҳ ҷудо кунад. Салҷуқӣ табъизро нерӯе медонад ва менависад: «Яке аз сифатҳои хоси инсон ин қувваи табъиз аст, ки бар дигар нерӯҳои инсонӣ ба мисли ғариза, ирода ва ақл таъсир мерасонад ва бар пояи ақлу ирода ва ғариза чизеро дар вуҷуди инсонӣ бунёд месозад, ки инсонро одами шоиста дар дунё мегардонад.

Дар робита ба андешаи Кант Салҷуқӣ бар ин назар аст, ки танҳо такя ба қалб дар чаҳорчӯбаи ахлоқ басанда нест. Чунон ки ӯ менависад: «Дар олами ахлоқ Кант се принсипро пешниҳод мекунад: Худо, Озодӣ ва абадият. Ба ақидаи Кант, ин принсипҳоро бо далелҳои илмӣ тасдиқ кардан мумкин нест ва ақл қодир нест, ки қувваи онҳоро кам кунад. Аз ҳамин сабаб озодии дили инсонро ба идеалҳои олии олами илоҳӣ вогузор намуда, инчунин агар қалбаш комилан ба далели қонун такя кунад, дил наметавонад қаноат кунад. Илова кардан лозим аст, ки баъзе олимон бар ин назаранд, ки файласуфи олмонӣ Кант аввалин шахсест, ки дар рафтор ва муносибатҳои инсон ба қалб таваҷҷуҳ кардааст. Онҳо намедонанд, ки тақрибан чордаҳ аср пеш аз ин Қуръони карим ин

категорияҳоро, яъне ният, қалб, ақл ва ҳакро гирд овардааст» [131, с. 72-78].

Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Кант сайъ дорад, ақлро устоди тақдири инсон гардонад ва бо ин роҳ инсонро ба озодии комил расонад.

Салҷуқӣ инсонро мақсади асосии коинот медонад, на воситаи он. Ба назари ӯ, инсон марвориди арзишманд дар маркази баҳри ҳаёт аст. Инсонро сарвари табиат, табдилдиҳандаи он ва ҳадафи некӯаҳволии наздиконашон медонад. Худи ӯ низ ба сӯи ин мақсади олӣ пеш меравад: «Инсон мақсад аст, на воситае аз мақсади табиат, мақсади ҳаёт ва инчунин маркази тамоми ҳастӣ. Агар инсон мақсади табиат набошад, пас мақсади он чист? Мақсади табиат ҳаракат дар самти камолот аст ва ҳоло намебинем, ки дар ҳама гӯшаҳои ҷаҳон чизе мукамалтар аз инсон вуҷуд дорад? Инсонро ягона гавҳари ин баҳри беканор медонанд» [131, с. 54].

Салҷуқӣ, ки нақши ақлро дар фаъолияти инсон муассир медонад, дар баробари ин ба ақидае пайравӣ мекунад, ки ақл ба натиҷаи аъмоли нек ва бади инсон ҳеҷ иртиботе надорад ва ақлро танҳо ақида меҳисобад. Ақл қодир аст, ки назари касро ба натиҷаи амали инсон равона созад ва некиро аз бадӣ, ҳакро аз ботил, бадиро аз зебоӣ ҷудо кунад ва амалҳои талабот, ирода ва ақлро идора кунад. Чуноне ки ӯ менависад: «Инстинкт, ирода, шуур ва табъиз чаҳор рукни моҳияти инсон аст, дар ҳоле ки инстинкт талаботи дохилии инсонист, ки ба назари аксарият бештар ба ғаризаҳои ҳайвонӣ дахл дорад. Ирода, майлу хоҳиш дар инсон нисбат ба ҳайвонот озодтар аст, аммо шуурноки дар инсон ба шакли пурра дида мешавад. Ва ниҳоят, табъиз, ки тафовути инсонро аз ҳайвон нишон медиҳад ва ақл ё шуур ба унвони вакил муаррифӣ мешаванд, ҳеҷ иртиботе бо ҳақ ва ботил надоранд. Танҳо барои қонеъ гардонидани даъвои шахси даъвогаро чораҳо меандешанд» [131, с. 66].

Гегел дар таърихи фалсафа яке аз аввалин файласуфоне дониста мешавад, ки назарияи наверо дар бораи усули офариниши олами вуҷуд ба миён гузошт. Салҷуқӣ иддао мекунад, ки «Гегел ягона мутафакире ба шумор меравад, ки тавонист ба сӯи принсип ва асоси моҳияти ашё қадам гузорад» [131, с. 84-87].

Салҷуқӣ қайд мекунад, ки «Дар олами таҷрибаҳо борҳо руй дода буд, ки чизҳо бо мухолифи худ бархурдаанд ва аз омезиши онҳо чизи савум ба вуҷуд омадаст. Вале беҳтар аст, ки инсон роҳеро интихоб кунад, ки модда ва маъни аз он дур набошад. Аз ҷониби дигар, мухолифати ин ду қисмати ба ҳам зид сабаби омехташавӣ ва пайдоиши як ҳақиқати муайян мегардад. Ин ба файласуфе, ки тарафдори фалсафаи идеализми мутлақ мебошад, чандон мувофиқат намекунад. Мухолифати асоси эътиқод ба дуализм аст на ба ваҳдат. Эҳтимол меравад, ки Гегел ин навъи тафаккурро аз андешаҳои Зардушт гирифта бошад, зеро файласуфони олмонӣ ба афкори Зардушт таваҷҷуҳи хоса доранд» [123, с. 111].

Салҷуқӣ назарияи зиддиятҳои Гегелро ҳамчун як назарияи мушаххас тасдиқ мекунад, аммо бо далелҳое, ки дорад баъзе аз қисматҳои онро рад мекунад. Яке аз далелҳои Салҷуқӣ ин аст, ки “агар мухолифат бар ҳастӣ ва нестӣ бошад, пас ҳеҷ имкон надорад, ки ҳастӣ ва нестӣ як даста шаванд” [123, с. 125].

Инсон дар низоми фалсафии Гегел ҷойгоҳи хос дошта дар қисмати фалсафаи рӯҳ баррасӣ мешавад. Ба алоқамандон маълум аст, ки низоми фалсафии Гегел аз мантиқ, фалсафаи табиат ва фалсафаи рӯҳ иборат аст. Дар фалсафаи Гегел марҳилаи худогоҳии рӯҳ аст. Инсон ҷузъи табиат аст. Дар заминаи аз унсурҳои табиати рӯҳ гузаштани инсон ба худшиносӣ ноил мегардад, ба асли худ эътибор медиҳад ва аз ҳолати бегонапарастӣ мебарояд. Дар асл ин марҳилаест, ки рӯҳ бегонашавиро тарк мекунад. Аз нигоҳи Гегел, муҳимтарин моликияти инсон қувваи тафаккури ӯст ва маҳз ҳамин унсур сабаби фарқияти ӯ аз ҳайвон мегардад. Гегел ба

шуурнокии инсон бо диди нав назар мекунад ва ба ин ақида аст, ки чи тавр одам дар табиат, ҷамъият ва худ фикр мекунад. Маҳз, ин хусусияти инсон ӯро нисбат ба ҳайвоноти дигар бартарӣ медиҳад. Дигаре аз хусусиятҳои инсон ин аст, ки тафаккур кардан дорад ва қобилияти фикрронии ӯ шахшуда нестанд. Тафаккур аз назари Гегел, ҷиҳати таърихӣ доранд ва новобаста аз он ки инсон дар тамоми умри худ меомӯзад, аммо наметавон гуфт, ки тафаккури ӯ ба камол расидааст. Азбаски тафаккур ҷанбаи таърихӣ дорад, аз вижагиҳои он аст, ки марҳилаҳои шуур, худогоҳӣ ва ақлро убур кунад ва дар ташаккули инсон чун шакли махсуси ҳастӣ нақш дошта бошад.

Тафаккур дар инсон яхбаста ва маҳдуд нест. Маҳз тафаккур аст, ки инсонро ба озодӣ ҳидоят мекунад. Ба назари Гегел, мафҳуми озодӣ ифодакунандаи моҳияти инсон аст. Барои ба озодӣ расидан Гегел шартҳое мегузорад, ки муҳимтаринашон ҷомеа ва низоми сиёссии устувор аст. Ҳарчанд инсон дар тули умри худ дар иртибот бо илм пайваста ба омӯхтан машғул бошад ҳам, дар бораи камолоти тафаккури ӯ ҳарф задан ғайриимкон аст. Тафаккур дониши таърихист ва метавонад ба тадриҷ унсурҳои худро дар ҷараёни таърих ошкор кунад.

Андешаҳои Гегел дар бораи инсон ба таълимоти антропологии Салҷуқӣ таъсири назаррас гузошта аст. Масалан, Салҷуқӣ инсонро мавҷуди оқил ва масъулиятшиносу ахлоқӣ меҳисобад, ки ба марҳилаи худогоҳии рӯҳи Гегел, ки ба инсон нисбат медиҳад, моҳиятан наздик аст. Ин бардошти мо дар заминаи ба таълимоти Гегел таваҷҷуҳи хос зоҳир намудани Салҷуқӣ ва зиёд аз осори ӯ иқтибос овардан ба вуҷуд омад. Салҷуқӣ назари Гегелро, ки дар масъалаҳои ақл, фалсафа, ахлоқ, дин ва сиёсат баён шудаанд, таҳлил намуда, ба онҳо вазифаи махсус муайян намудани мутафаккирро дастгирӣ намудааст: “Вазифаи ақл ва фалсафа ин аст, ки ваҳдатро дар ҳолати ниҳонӣ ва парокандагӣ ошкор кунанд. Вазифаи ахлоқ аз муттаҳид сохтани хислатҳои нек ва тарзи зиндагӣ иборат аст. Вазифаи сиёсат ин аст, ки одамон дар давлат муттаҳид карда шаванд ва вазифаи дин бошад

ноил шудан ба мутлақ аст, ки дар он ҳама мухолифатҳо дар ягонагӣ муттаҳид шаванд» [131, с. 175].

Пажӯҳишҳои Салҷуқӣ дар мавриди инсон бо таълимоти Фридрих Нитсше (1844-1900 м) низ аз ҷиҳатҳое ҳарчанд комилан набошад ҳам, то андозае монанд аст. Нитсше яке аз файласуфонест, ки объекти тадқиқоташ «шахсияти олӣ» мебошад. Вай чунин мешуморад, ки оммаи халқ воситаи ба вуҷуд овардани шумораи ками одамони бузург ҳисоб меёбад. Ӯ бар ин назар аст, ки вазифаи башарият ин аст, ки ҷаҳониёнро ба нобиғаҳо, яъне шахсиятҳои олӣ таъмин намояд. Салҷуқӣ ақидаҳои Нитсшеро нисбат ба инсон бодиққат таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад. Аввал вай назарияҳои Нитсшеро нисбат ба инстинкт, ирода, ақлу хирад, фазилат ва пастии инсон шарҳ медиҳад. Салҷуқӣ мушаххас менамояд, ки Нитсше иродаро аз ақл қавитар медонад ва қуввату қудрати инсонро эътироф мекунад, ҳамзамон ғаризаро муҳимтарин рукни ҳастии инсон медонад. Вай мафҳумҳои чун виҷдон, эҳсосот, ҳамдардӣ, сабру тоқат ва монанди инҳоро барои ҷомеаи башарӣ муҳим намеҳисобад, балки орзуи аз байн рафтани онҳоро дорад. Ӯ ин сифатҳоро хоси одамони заиф медонад. Ҳадафи ниҳоии башарият расидан ба шахси бартар ва олӣ аст.

Салҷуқӣ ҳарчанд ба Нитсше эҳтиром қоил аст ва баъзе назарияҳои пешниҳод намудаи ӯро қабул дорад, аммо дар баъзе маврид ӯро танқид мекунад ва андешаашро зери суол мебарад. Ӯ ба ин назар аст, ки ҳарчанд дар байни ин андешаҳои Нитсше ҷанбаҳои мусбат вуҷуд дорад, аммо комилан бо рӯҳияи табиати инсонӣ ва ҷомеаи башарӣ созгор нестанд. Вай менависад: «Ба ақидаи Нитсше, одами олимартаба шахсе мебошад, ки далеру ҷасур ва ба қабули қарори мустақилона қодир аст. Ӯ виҷдонро хусусияти хоси яҳудиён ва демократияро бошад хоси буржуазӣ медонист. Иродаи инсон қувваест, ки ақл онро идора карда наметавонад, аммо инстинкт бошад қавитарин навъҳои покдоманӣ маҳсуб мешавад. Шахсиятҳои қавӣ талаби худро зери пардаи ақл пинҳон намедоранд, зеро ҷомеаи башарӣ бештар хислатҳои қавии одамони пуркувватро аз

одамони раҳмдил ва меҳрубон болотар медонанд. Асоси ҳақиқати фард ва ҷомеа қувваю тавонои аст. Шуҷоатро нек медонанд ва некиро бошад он чизе ки шуур ва қувваро афзун мегардонад. Бояд ҳамдардӣ таҳаммулпазирӣ ва умуман, тамоми ҳиссиёти наҷибона нисбат ба дигарон ба ҳам бипайвандад. Ҳамаи одамон бо ҳам даст фишурда, бояд барои расидан ба мақсади инсоният, ки ҳамон шахси олиҷаноб аст, саъю кӯшиш кунанд, зеро некӣ ин қувват аст. Ин ақидаҳои Нитсше буд, бо вуҷуди ин бисёр чизҳое ҳастанд, ки аз Нитсше омӯхтан мумкин аст, ба монанди танқиди зулм, қабули азоб ва ранҷу машаққат, сулҳ ва ғайра. Боз ин низоми ӯ инкор ва интиқодҳои худро дорад» [126, с. 185].

Масалан Салҷуқӣ ба ин назари Нитсше комилан зид аст, ки виҷдонро хоси яҳудиён медонад. Сарфи назар аз нажоду забону ранги пӯсту амсоли инҳо, инсонро Салҷуқӣ ситоиш мекунад, ки хушахлоқ буда, фаъолияти ӯ бо арзишҳои умумиинсонӣ мухолифат надошта бошад. Салҷуқӣ дар ҷустуҷӯи ҳақиқати инсонӣ қарор дошт ва барои расидан ба ин ҳадаф ӯ мехост инсонро ба хубӣ дарк карда тавонад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, ҳақиқати инсон ва шиносоии ӯ ба чор унсур такя мекунад, ки он ирода, ғариза, идрок ва тафриқа мебошанд.

Ирода ин қобилияти интихоби огоҳона аст. Ирода яке аз нишонаҳои каромати инсон аст, ки ба ақл ва виҷдон вобаста аст. Ирода хоҳиши зиёдеро аз шахс талаб менамояд, мисли анҷом намудани коре, дар заминаи он неку бад аз ҳам ташхис карда мешаванд. Ё ирода қуввае ба шумор меравад, ки иборат аз орзӯ, иштиёқ, шавқу рағбат, саъю кӯшиш барои ба анҷом расонидани коре аст. Ирода ин роҳбарикунандаи андешаи шахс ба ҳисоб меравад ва бе он ахлоқ моҳияти худро гум мекунад ва масъулият бемаъно мегардад.

Ғариза ин пояи табиии вуҷудияти инсон аст, ки ифодакунандаи майли фитрӣ, табиати физикиву маънавии ӯст. Ғариза дар мутобиқат ба ниёзҳои ҷисм аз худ дарак медиҳад. Пас ғариза моҳиятан табиӣ аст, на ақлонӣ. Салҷуқӣ ғаризаро орзуи табиии инсонҳо ҳисоб менамояд. Агар инсон

онро дар роҳи дуруст истифода барад ва он таҳти назорати ақл бошад, барои расидан ба камол мусоидат мекунад. Яъне, ақл дар таълимоти антропологии Салҷуқӣ нисбат ба ғариза ҷойгоҳи волотар дорад. Ӯ ба ин назар аст, ки агар инсонҳо саъюу кушиш намоянд, ки ба самти рушду камолот бирасанд, бояд таҳти назорати ақл қарор гиранд ва бо иффат онро зиннат диҳанд, то ба мақсад бирасанд.

Идрок барои Салҷуқӣ марҳилаи огоҳонаи шинохт аст. Идрок бо шуур ва тафаккур алоқаманд буда, аз ҳиссиёт болотар аст. Ба воситаи он зуҳуроти рӯҳӣ аз зуҳуроти табиӣ ҷудо карда мешавад. Салҷуқӣ идрокро пояи аслии инсон будан меҳисобад, ки аз қувваҳои ҳис оғоз шуда, ба маърифат мерасад, ки камоли инсон вобастаи он аст.

Тафриқа ин ҷудо намудани чизҳо дар асоси тартиби муайян мебошад. Дар таълимоти антропологии Салоҳуддини Салҷуқӣ тафриқа асосан ба маънои ҷудосозии ноҷо ва ихтилофи таасубомез фаҳмида мешавад, ки ҳамчун падидаи манфӣ фаҳмида мешавад. Аммо тафриқа дар мушаххас намудани моҳияти инсон чун унсури муҳим маърифати ҷойгоҳи хос дорад. Салҷуқӣ ин унсурро санҷиши фаҳмиш меномад.

Дар масоили маърифатии инсон Салҷуқӣ аслан бо такя ба ҳакимони ғарбӣ мафҳуми озодиро баҳснок меномад. Дар китоби “Муқаддимаи илми ахлоқ» вобаста ба озодӣ Салҷуқӣ зикр мекунад: «Инсон ҳуқуқӣ озодона зистанро дорад, аз ин хотир, бояд мақсад ва иродаи худро зери дастони худ қарор диҳад. Барои он ки мақсад ва иродаи худро зери назорати худ қарор диҳем, мо бояд озод бошем... Озодӣ бояд ба ҳақиқате такя намояд. Агар инсон мақсад дошта бошад, ки вазифаи аввалиндараҷаи худро дар ин дунё шиносад, аввалан, ӯ бояд озод бошад. Барои хуб истифода намудани иродаи худ, шинохтани ҳуқуқ ҳатмист» [126, с. 313].

Дар низоми инсоншиносии Салҷуқӣ шуури ҳуқуқӣ ба таври густурда матраҳ мешавад. Ӯ ҳамчун дипломат ва сиёсатмадор маърифати ҳуқуқиро яке аз муҳимтарин омилҳои рушди ҷомеа меҳисобад. Мутафаккир қайд мекунад: «Инсоният дорои дигар ҳуқуқҳо низ мебошад, мисли ҳуқуқ ба

молу мулк, ба шартнома бастан, ба илм омӯхтану тарбия гирифтан ва ҳоказо. Дар ҳақиқат, ҳамаи ҳуқуқҳои инсон барои комёб шудани ӯст, агар инсон аз мол ва асбобу олат маҳрум бошад, пас ҳуқуқҳои вай дар роҳи расидан ба мақсадаш, поймол карда мешаванд. Агар ба омӯхтан ва тарбия намудан, дуруст риоя карда шавад пас ҳуқуқҳои ӯ ҳимоя шудааст. Тамоми офату фалокат аз ҷоҳилӣ ва бесаводӣ сар мезанад, чунон чи мегӯянд: «ҷоҳилӣ модари ҳамаи бадбахтиҳост» [126, с. 231].

Мутафаккир қайд мекунад, ки инсоният дорои ҳуқуқҳои гуногун ва фарогир мебошад, ки ҳамаи онҳо барои такмили маънавӣ ва зиндагии арзандаи инсон офарида шудаанд. Ин ҳуқуқҳо на танҳо ба молу мулк ва амвол маҳдуд мешаванд, балки ҳуқуқ ба таълим, омӯзиш, тарбия ва рушди шахсиятро низ дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, ҳуқуқҳои инсон танҳо ба ҷанбаҳои моддӣ вобаста набуда, балки барои камолоти рӯҳӣ ва расидан ба мақсадҳои ҳаётии инсон низ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, асоси ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таъмини зиндагии арзанда, омӯхтан ва парвариши маърифат, риояи принсипҳои ахлоқ ва табиқи илм мебошад. Ӯ таъкид мекунад, ки танҳо тавассути омӯзиш, тарбия ва истифодаи дурусти ҳуқуқҳо инсон метавонад ба мақоми воқеии инсоният ва камолоти худ бирасад.

Дар китоби «Муқаддимаи илми ахлоқ» Салҷуқӣ равиши ба камол расидани инсонро нишон додан мехоҳад ва бо такя ба орифони маъруфи ҷаҳони ислом мақому манзалати ин моили ҳастии хосро баррасӣ менамояд. Ӯ қайд мекунад: «Мақсаду мароми инсон иборат аст, аз муккамал шудани ҷон ва рӯҳи инсонӣ. Барои ба камолоти инсонӣ расидан меъёрҳоеро бояд анҷом дод, ки ин дарк намудан ва иродаи қавӣ доштан мебошад» [126, с. 198].

Салҷуқӣ ба хулосае расида аст, ки намояндагони мактабҳои Юнону Рим мавҷудияти инсонро ба пуррагӣ шинохта натавонистанд. Салҷуқӣ фикрҳои танқидии якҷонибаи баъзе материалистон ва идеалистонро дар мавзуи мазкур таҳлил намуда, камбудиҳояшонро муайян карда, менависад: “Дар ҷомеаи тамаддунӣ, инсонҳое пайдо шуданд, ки

кӯшиш намуданд ҳастии инсонро дар таҷзияхонаҳои химикӣ, физикӣ ва биологӣ ва ҳатто дар тарозуи атомӣ, ки дар қатори элементҳои химиявӣ ҷойгир аст, омӯзанд. Баъзеи онҳо дар масъалаи чӣ тавр пайдо шудани инсон андешаҳои нодурусте пешниҳод намуда, асли ӯро аз авлоди ҳамдуна, муш, мурча ва ва ҳатто аз авлоди гургон ҳисобиданд. Вале онҳо намедонанд ё донистан намехоҳанд, ки инсон сарвари ҷаҳони ҳастӣ аст, табиат бошад зери тобеияти инсон қарор дорад" [126, с. 165].

Хулоса, ахлоқ танҳо хоси инсон мебошад, зеро тамоми мавҷудоти рӯи олам орӣ аз ахлоқ ҳастанд. Агар бодиққат назар андозем, ҳайвоне дар олам дида намешавад, ки ахлоқи накӯ дошта бошад. Ба ақидаи Салҷуқӣ, инсон танҳо барои зиндагии зоҳирӣ нест. Пас аз такмили паҳлӯи ҷисмонӣ, инсон ҷиҳати такмили рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ низ бояд бикӯшад. Камолоти инсон дар рӯҳ, маърифат ва ахлоқ аст. Бе ахлоқ инсон аз моҳияти инсонӣ дур мегардад. Ахлоқ дар муҳити одилона рушд мекунад ва барои такмили он одамон бояд аз болои худ кор кунанд.

Хулосаи боби 3

Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳамчун яке аз чеҳраҳои фарҳангӣ ва илмию адабии Афғонистон дар масоили ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва инсоншиносӣ андешаҳои судманде ироа намуда дар ин замина осори арзишманде таҳия кардааст. Таълимоти ахлоқии Салҷуқӣ асосан ба рушди шахсият, тарбияи инсони солим ва такмили фазилатҳои ҳамидаӣ инсонӣ равона шудааст. Вай инсонро ҳамчун мавҷуди оқил дорои покизагӣ, масъулиятшиносӣ, тавонмандии равонӣ ва рӯ ба камол мешиносад ва таъкид мекунад, ки асоси зиндагии пурмазмун ва ҷомеаи солим маҳз дар риояи меъёрҳои ахлоқӣ қарор дорад.

Дар равиши зебоишиносӣ, Салҷуқӣ ба ҳамоҳангӣ байни маънавият ва эстетика аҳамияти хосса медиҳад. Ӯ бар он аст, ки зебоии воқеӣ на танҳо дар шакл ва ороиш, балки, пеш аз ҳама, дар покӣ, одоб ва равиши инсонист. Аз назари вай, фарҳанг ва санъат воситаҳои тарбия ва баланд бардоштани маърифати ахлоқӣ ҳастанд, ки метавонанд инсониятро ба сатҳи баланди

маънавӣ расонанд. Ӯ зебоиро ҳамчун василаи тарбия ва илҳоми ахлоқӣ медонад, ки тавассути он инсон қобилияти шинохти худ ва дорои мазмуни ҳаётро метавонад ҳосил намояд.

ХУЛОСА
НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳои зерин инъикос гардидаанд:

1. Зиндагӣ ва фаъолияти илмию фарҳангии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар муҳити иҷтимоиву сиёсие сурат гирифт, ки Афғонистон дар он давра дар остонаи гузариш аз суннатгароӣ ба навгароӣ қарор дошт. Ҷомеа, ки ба шиддати бархӯрди нерӯҳои анъанавӣ ва равшангаро рӯ ба рӯ буд, ниёз ба чеҳраҳое дошт, ки тавонанд робитаи муътадил миёни мероси исломӣ ва ҷаҳонбинии муосирро барқарор намоянд. Салҷуқӣ бо такя ба дониш, андеша ва фаъолияти васеи худ дар бахшҳои илму маориф, рӯзноманигорӣ, театр ва идораҳои давлатӣ тавонист яке аз пешоҳангони равандҳои ислоҳгароёна ва бедории фикрӣ дар кишвараш гардад [1-М].

2. Шаклгирии андешаи фалсафии Салҷуқӣ дар муҳити хонаводагии илмӣ ва дар асоси омӯхтани улуми шаръӣ ва мантиқ оғоз ёфта, баъдан бо омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ ва иртиботи мустақим бо муҳитҳои илмии Шарқу Ғарб такмил ёфт. Ҷаҳонбинии ӯ, ки дар пояи таҳаммулгароӣ ва таҳлили фалсафӣ қарор дошт, таҳаввулоти иҷтимоиро, на ҳамчун тағйири зоҳирӣ, балки ҳамчун равандҳои маънавӣ ва фикрӣ баҳо медод [1-М; 2-М; 5-М].

3. Андешаҳои фалсафӣ ва ирфонии Салҷуқӣ бар зебоишиносӣ, инсоншиносӣ ва ахлоқи исломӣ асос ёфта, таваҷҷуҳи вижа ба камолоти маънавии инсон ва масъулияти иҷтимоии ӯ доранд. Аз нигоҳи Салҷуқӣ, инсон бояд тавассути маърифат ва ахлоқ ба мартабаи волои инсонӣ бирасад. Афкори ӯ дар соҳаҳои гуногуни фалсафа ирфон ва ахлоқи мутасаввифона бо диди мутавозин ва таҳлилгарона ифода ёфтаанд [2-М; 3-М; 4-М

4. Осори илмии Салҷуқӣ бо фарогирии мавзуҳои гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ саҳми арзишманде дар рушди таърихи фалсафа гузоштааст. Китобҳо ва мақолаҳои ӯ, аз ҷумла “Афкори шоир”, “Ахлоқи

Арасту”, “Нақди Бедил”, “Тақвими инсон”, “Нигоҳе ба зебоӣ” ва ғайра дорои ҷанбаҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ буда, робитаи устувор миёни фалсафаи исломӣ ва афкори муосирро ба намоиш мегузоранд. Мероси илмии ӯ, на танҳо барои таҳқиқоти фалсафӣ ва таърихии имрӯзӣ арзишманд аст, балки манбаи илҳомбахш барои наслҳои нави муҳаққиқон ба шумор меравад [1-М].

5. Ташаккул ва такомули андешаҳои динӣ-фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар заминаи таълимоти исломӣ, фалсафаи Юнони қадим, ирфон, фалсафаи Машшоия, инчунин равияҳои муосири ғарб сурат гирифтааст. Дар навиштаҳои ӯ масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ муфассал таҳлил шуда, ҳамзамон ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати намояндагони равияҳои дар ин масъалаҳо изҳори назар намуда, мавриди интиқод қарор гирифтааст, ки аз назари танқидӣ ва андешаҳои шахсӣ доштани Салҷуқӣ шаҳодат медиҳад. Ӯ ҳар назарияро ба таври мустақил таҳлил намуда, дар баробари истифода аз онҳо, диди интиқодӣ ва синтезӣ низ пешниҳод кардааст.

6. Салҷуқӣ дар идомаи фаъолияти фалсафии худ ба назарияи “ваҳдати вуҷуд” таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, онро ҳамчун пойгоҳи фикрии ирфонӣ ва маърифати илмӣ таҳлил намудааст. Вай фалсафа, шариат, ирфон ва илмҳои табииро ҳамчун равишҳои мукаммали шинохти ҳақиқат медонист ва бо таваҷҷуҳ ба анъанаҳои фалсафии мутафаккирони исломӣ кӯшиш мекард, ки миёни илми муосир ва андешаи суннатӣ ҳамоҳангӣ ба вуҷуд оварад. Аз нигоҳи ӯ, ҳадафи фалсафа фаҳмидани маншаи ҳастӣ, вазифаи илм дарк намудани низоми табиат ва мақсади ахлоқ роҳнамоии инсон ба сӯйи камол мебошад. [2-М; 4-М].

7. Дар маркази таълимоти ҳастишиносии ирфонии ӯ шинохти ҳастии мутлақ ва ягона тавассути таҷрибаи маънавӣ ва ботинӣ ҷой дорад, ки ҳастии воҷиб (Худо)-ро ҳамчун сарчашмаи аслии тамоми мавҷудот баррасӣ менамояд. Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳастиро, на танҳо воқеияти

мантиқӣ, балки тачрибаи эҳсосиву ирфонӣ низ меҳисобад, ки инсонро ба ваҳдати вуҷуд ва маърифатталабӣ даъват мекунад ва дар он ақл ва эҳсоси ботинӣ барои дарки ҳақиқат ва камоли маънавӣ ҳамроҳ мешаванд.

8. Салоҳуддини Салҷуқӣ инсонро ҳамчун мавҷуди хосе мешиносад, ки аз ҷаҳони модда ба сӯйи ҷаҳони маънавӣ ва камол ҳаракат мекунад. Ӯ инсонро, на танҳо мавҷуди табиӣ, балки зоти маърифатталаб ва ахлоқпарвар донист, ки вазифаи асосиаш расидан ба ҳақ, хайр ва камолу ҷамолу мутлақ меҳисобад. Ба назари ӯ, инсон тавассути тарбияи ахлоқӣ ва маърифатӣ метавонад аз ҳолати ҷисмонӣ ба сатҳи маънавӣ ва рӯҳонӣ бирасад. Дар муқоиса бо файласуфони Юнони қадим, Салҷуқӣ фарқи байни инсон ва ҳайвонотро дар сатҳи маънавӣ ва ирфонӣ мебинад, на танҳо дар қобилияти нутқ ва ҳиссиёт. Вай бо таҳлили илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ҳатто баъзе ҳайвонот дорои ҳадаф, нутқ ва қобилияти ақлӣ ҳастанд, аммо инсон бо рушди комили маънавӣ, ақл ва иродаи мустақил фарқ мекунад ва ба сӯйи камолот қадам мегузорад. Яъне, Салоҳуддини Салҷуқӣ инсонро аз диди маърифатшиносии исломӣ баррасӣ намудааст, на аз мавқеи инсоншиносии биологӣ ё иҷтимоӣ. [2-М; 3-М].

9. Барои дониши объективӣ ва фундаменталӣ дар бораи одам мо бояд ба омӯзиши ӯ аз давраи аввали баъди таваллуд ва муносибатҳои вай дар ҳаёти ҷамъиятӣ шуруъ кунем. Ӯ пешниҳод мекунад, ки харитаҳои ҳаракати инсон аз хурдсолӣ бояд тартиб дода шавад ва дар он хислатҳо, сатҳи тафаккур, майлҳо, одатҳо, шавқу рағбатҳо, ҳавасҳои инстинктивӣ, бемориҳои гузашта ва ғайра инъикос шавад. Чунин муносибат ба мо имкон медиҳад, ки инсонро беҳтар омӯзем. [6-М].

10. Мақоми ақл дар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ бо тачриба ва тазкия якҷо аст. Ақл, на танҳо василаи мантиқӣ ва далелёбӣ барои шинохти ҳастӣ аст, балки маркази мулоҳиза, ҳиссиёт ва тачрибаҳои маънавӣ мебошад. Барои ӯ, ақл қобилияти ҷамъбаст кардани маълумот

аз ҳиссиёт ва воситаҳои дигар аст ва дар баландтарин сатҳ бо ирода, ният ва маърифатталабӣ пайваст мешавад. Салҷуқӣ ақлро ҳамчун унсури муҳимтарини инсон медонад, ки бо иродаи озод ва ҳиссиёти амиқ пайваст шуда, инсонро ба сатҳи камоли маънавӣ ва ахлоқӣ мерасонад ва шинохти ботиниро, ки бо ишқ ва таҷрибаи ирфонӣ алоқаманд аст, мукаммал мегардонад. Ин аз равиши ақлӣ ва мантиқии Абуалӣ ибни Сино фарқ дорад, ки шинохти ҳастиро асосан бо ақл ва бурҳонҳои мантиқӣ таъмин мекунад. Ба андешаи Салоҳуддини Салҷуқӣ, ақлоният бузургтарин фазилат аст. Зиндагии оқилона ҳатто уҳдадории ахлоқӣ дорад. Зиндагии оқилона тақозои зиндагии ахлоқӣ аст ва ҳар касе, ки оқилона зиндагӣ намекунад, на танҳо худро аз ҷиҳати зеҳнӣ-фикрӣ-ақидавӣ ва маърифатӣ боз медорад, балки аз арзишҳои ахлоқию маънавӣ низ маҳрум мешавад. [2-М].

11. Мақоми инсон дар назарияи Салҷуқӣ ба тарбияи ахлоқӣ, маърифати илмӣ ва таҷрибаи эстетикӣ вобастагӣ дорад, ки барои ташаккули шахсият ва пешрафти ҷомеа муҳим мебошад. Ӯ бар зидди индивидуализми ифротӣ ва иҷтимоигароии мутлақ қарор гирифта, инсонро мавҷуди биологӣ, оқил, бо ахлоқ ва зебоипараст мешиносад, ки дар иртибот бо ҷомеа ва фарҳанг маъно пайдо мекунад.

12. Дар таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ маърифатшиносӣ ё гносеология ҳамчун илми шинохти ҳақиқӣ маънидод мешавад. Он бояд якҷо бо худшиносӣ ва дониши соҳаи табиат, мобаъду табиат ва риёзиёт баррасӣ гардад. Ӯ шинохти инсон ва оламро, на танҳо маҳдуд ба таҷрибаҳои ҳиссӣ медонад, балки ҷустуҷӯ ва омӯзиши маънии мутлақ ва ҳақиқати олами улвиро, ки аз доираи мантиқ ва ҳисси инсон берун аст, муҳим меҳисобад. Аз ин ҷиҳат, ақлу ирфон ва иртиботи он бо маърифати илоҳӣ нақши калидӣ доранд ва шинохти ҳақиқӣ тавассути таҳаммули шубҳа, худшиносӣ ва тафаккури маънавӣ амалӣ мегардад [2-М; 4-М].

13. Салҷуқӣ дар назарияҳои худ ба шинохти инсон ҳамчун мавҷуди мураккаб ва барҷаста таъкид мекунад, ки мақому шараф ва аҳамияти умумиаш фаротар аз маҳдудиятҳои табиӣ ва моддӣ мебошад. Ӯ инсонро ҳамчун «мушоҳидагар ва иродадори дорои ақл» мешуморад, ки ба воситаи ақл ва ирфон роҳи дурустро ёфта, метавонад дар роҳи рушди маънавӣ ва амалии худ пеш равад. Ба андешаи ӯ, ҳаёт ва мақсади инсон арзишманд буда, омӯзиш, интиқоди худаш ва талош барои беҳбудии доимӣ бояд ҳадафи аслии ӯ бошад, на лаззатҷӯӣ ё амалҳои фосид.

14. Бо вуҷуди баҳрабардорӣ аз тачрибаи мутафаккирони гузашта, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти илмии Салҷуқӣ вижагиҳои фикрии худи ӯ низ нақши асосӣ доранд. Салҷуқӣ, чун ҳар як донишманди бузург ба равиши таҳлилӣ ва танқидӣ такя карда, дар баррасии ҳар масъала андеша ва хулосаҳои шахсии худро пешниҳод менамуд. Масалан, ҳарчанд андешаи «ваҳдат-ул-вуҷуд»-и Ибн Арабиро эътироф мекунад, мавқеи ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ бо он маҳдуд нест. Мундариҷаи китоби ӯ «Зуҳури Худо дар олами берунӣ ва ботинӣ» ба офариниши олами ҳастӣ бахшида шуда, зери таъсири андешаҳои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қарор гирифтааст, вале дар ин масъалаҳо дидгоҳи хоси худро баён мекунад. Салҷуқӣ низ аз «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ илҳом гирифта, онро мешиносад, вале барои ҳар як андешаи худ дидгоҳи хоси худро нисбат ба ин масъала пешниҳод мекунад. Андешаҳои ӯ нисбати доири бедории Шарқ, ба хусус мардуми Афғонистон зери таъсири андешаҳои Муҳаммад Иқбол қарор дошта бошад ҳам, дар ин бора назари тозаи худро низ иброз менамояд.

15. Салҷуқӣ дар осораш башариятро ба фазилат ва донишҳои ғайримутлақ даъват менамояд. Асарҳои ӯ ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро тачассум намуда, дар маркази таваҷҷуҳи онҳо инсон, қобилиятҳо ва сифатҳои фарқкунандаи ӯ аз мавҷудоти дигар қарор доранд. Мутафаккир андешаҳои худро бештар бо забони печидаи илмӣ ва мафҳумҳои истиоравӣ (рамзӣ) баён мекунад. Аз ин рӯ, матни осори ӯ

бе тафсири махсус, ки дар заминаи равиши герменевтикӣ ҳосил мегардад, ба осонӣ қобили фаҳм нест.

16. Мувофиқи заминаҳои фикрии Салҷуқӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ на ҳамчун ду соҳаи ҷудогона, балки дар як синтези амиқи фалсафӣ баррасӣ мешаванд. Ӯ раванди шаклгирии дониш ва методҳои ақлию интуитивиро бевосита бо сохтори рӯҳӣ-равонии инсон ва ҷойгоҳи ӯ дар ҳастӣ алоқаманд менамояд. Дар низоми фикрии мутафаккир, дарку таҳлили инсон дар чаҳорчӯбаи унсурҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ сурат гирифта, омӯзиши табиати ботинии ӯ ҳамчун заминаи асосии эътибори маърифатӣ арзёбӣ мегардад. Салҷуқӣ тавонистааст бо омезиши ин ду самт, таҳаввулоти маънавии шахсият ва роҳҳои касби ҳақиқати мутлақро дар пайванди ногусастании зеҳну рӯҳи инсонӣ нишон диҳад.

Дар фарҷоми таҳқиқоти худ, ки ба таҳлили таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ бахшида шудааст, инро илова карда, иброз медорем, ки таҳқиқоти мазкур наметавонад тамоми паҳлуҳои арзишманди осори ин донишманди ислоҳталабро фаро гирад. Зеро таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ шомили масъалаҳои муҳими фалсафӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, антропологӣ, маърифатшиносӣ ва иҷтимоию сиёсӣ буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он аҳамияти зиёди илмию амалӣ доранд. Аммо ба боварии комил гуфта метавонем, ки маводу сарчашмаҳои илмии таҳқиққардаи мо барои дигар муҳаққиқон ва ҳаводорони осори фалсафии ин файласуф метавонанд, манбаи боэътимод дар ин самт гарданд.

17. Таълимоти Салҷуқӣ дар заминаи ҳамоҳангии илм ва маърифат, адабиёт ва фалсафа таҳия шудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки дониш ва фарҳанг на танҳо барои мақсадҳои техникиву амалӣ, балки барои такмили фазилатҳои инсонӣ ва баланд бардоштани ҳисси эстетитикии инсон хизмат мекунанд. Вай дар асарҳои худ дуруст ва ростқавлона зиндагӣ карданро ҳамчун омили асосии пешрафти ҷомеа ва шахсият медонад.

Аз ин рӯ, таълимоти ахлоқӣ ва зебоишиносии Салҷуқӣ як низоми ҳамоҳанг буда, инсонро барои зиндагии маънавӣ, эҷодӣ ва пурмазмун омода месозад. Дар асоси он тарбияи насли наврас осонтар ва натиҷадортар шуданаш мумкин аст. Истифодаи ин арзишҳои фарҳангӣ ва эстетикӣ имконият медиҳад, ки инсон ба ҳадафҳои олитаре бирасад. Ин таълимот ҳамзамон барои таҳкими фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои ҷомеа аҳамияти ҷиддӣ дорад.

18. Таълимоти ахлоқӣ ва зебоиписандии Салҷуқӣ бо дарки амиқи иҷтимоӣ ва инсоншиносонаи ӯ иртиботи зич дорад. Ӯ ахлоқро, на танҳо ҳамчун низоми рафтории шахсӣ, балки ҳамчун пояи устувори тарбияи иҷтимоӣ ва пешрафти маънавии ҷомеа арзёбӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, муҳити солим, таҷрибаи амалӣ ва омӯзиши пайвастаи ахлоқӣ аз кӯдакӣ то пирӣ, барои ташаккули шахсияти комил заруранд ва зебоӣ воситаи бедории ахлоқӣ, маърифатӣ ва рӯҳонист. [3-М].

19. Салоҳуддин Салҷуқӣ зебоиро ҳам ҷузъи ҷудонашавандаи маърифат ва ахлоқ мешуморад, ки бо камоли ботинӣ ва тароватбахшии равонӣ алоқаманд аст. Ба назари ӯ, зебоӣ ҳамон қадар муҳим аст, ки метавонад дар шинохти ҳақиқат ва дарки моҳияти инсон нақши калидӣ бозад. Вай чунин меҳисобад, ки тарбияи зебошиносона ва ахлоқии инсон, на танҳо ҷомеаро аз зулмату хурофот раҳонидааст, балки барои такомули фарҳанг ва эҳёи арзишҳои маънавӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Илми антропология аз назари Салҷуқӣ як илми комплексӣ ва ҳамгиро аст, ки инсонро аз назари биологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ меомӯзад. Ин равиш нишон медиҳад, ки шинохти инсон на танҳо таҳқиқи ҷисм ва рафтори ӯст, балки фаҳмиши комил ва ростини мақом ва маънои ҳастии инсонро низ дар бар мегирад.

ТАВСИЯҲОИ МУАЛЛИФ ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ вобаста ба таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ, ки фарогири масъалаҳои муҳими маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳанги аст, истифодаи амалии онҳо дар шароити ҷомеаи муосир барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, рушди худшиносии миллӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа аҳаммияти махсус дорад. Истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои ғанӣ гардонидани илми фалсафа, такмили раванди таълим ва тарбия, таҳкими маънавияти ҷомеа ва рушди таҳқиқоти илмии минбаъда аҳаммияти муҳим дошта, метавонад дар рушди тафаккури илмӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир саҳми назаррас гузорад.

Дар ин замина, муаллиф пешниҳод ва тавсияҳои зеринро манзур менамояд:

1. Пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои фалсафа, таърихи фалсафа, фалсафаи исломӣ, таърихи афкори ҷамъиятӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва ахлоқ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври васеъ истифода шаванд. Истифодаи маводи таҳқиқот дар ҷараёни таълим имкон медиҳад, ки донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон бо хусусиятҳои асосии афкори фалсафии мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла Салоҳуддини Салҷуқӣ, амиқтар ошно гардида, ҷаҳонбинии илмӣ ва таҳлилӣ дар онҳо ташаккул ёбад.

2. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун манбаи илмӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус вобаста ба таърихи фалсафа ва мероси фалсафии халқҳои Шарқ истифода гарданд. Дар шароити рушди низоми миллии маориф ворид намудани маводи илмии марбут ба мероси мутафаккирони форсу тоҷик ба муҳтавои таълим барои баланд

бардоштани сатҳи маърифати таърихию фарҳангии донишҷӯён ва таҳкими арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд.

3. Яке аз самтҳои муҳими истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот татбиқи ғояҳои ахлоқӣ ва инсонгароёнаи Салоҳуддини Салҷуқӣ дар раванди тарбия ва ташаккули шахсият мебошад. Зеро андешаҳои мутафаккир оид ба ахлоқи ҳамида, камолоти маънавии инсон, адолат, таҳаммулпазирӣ, маърифат ва масъулияти иҷтимоӣ метавонанд дар шароити муосир ҳамчун заминаи муҳими тарбияи ахлоқии ҷавонон хизмат намоянд. Дар ин робита истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар корҳои тарбиявии муассисаҳои таълимӣ, марказҳои фарҳангӣ ва барномаҳои рушди маънавӣ аҳаммияти муҳим дорад.

4. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд барои гузаронидани конференсияҳои илмӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, курсҳои такмили ихтисос ва дигар чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ истифода бурда шаванд. Ин гуна чорабиниҳо барои густариши донишҳои илмӣ оид ба мероси фалсафии мутафаккирони исломӣ, рушди фарҳанги илмӣ ва таҳкими робитаҳои илмӣ байни муҳаққиқон мусоидат менамоянд.

5. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва марказҳои фарҳангӣ ҷиҳати ҳифз ва тарғиби мероси маънавии ниёгон истифода гарданд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангҳо омӯзиш ва муаррифии мероси фалсафии мутафаккирони миллӣ метавонад ҳамчун омили таҳкими худшиносии миллӣ, ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ ва рушди арзишҳои умумиинсонӣ хизмат намояд.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ:

I. Сарчашмаҳои илмӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

[1] Абдильдин Ж. М. Диалектика Канта. – Алма-Ата: “Наука”, 1974. -157с.

[2] Абдуллоҳи Дастғайб. Ҳофизшинохт. – Теҳрон: “Нашри улум”, 1379. -369с.

[3] Абдулкарим Халифа. Ирфон Мавлоно. – Теҳрон: “Суруш”, 1353. -400с.

[4] Абдурафеъи Ҳақиқат. Торихи ирфон ва орифони Эронӣ. – Теҳрон: “Ишорот”, 1375. -285с.

[5] Абилов, С. А. Васоити ахбори омма дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қисми VIII. – Душанбе: Эрграф, 2015. – С. 125.

[6] Абилов, С. А. Ҷангҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои геополитикии давлат // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. Қисми VIII. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 120.

[7] Абубакр Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. – Душанбе: Адиб, 1989. -156с.

[8] Абдуллоҳ, Р. Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе: Эр-граф, 2021. -248с.

[9] Абдуллозода Шерзод. Муқаддимаи фалсафа [Матн] / Ш. Абдуллозода. – Душанбе. 2014. – 285 с.

[10] Абдулмуини Насафӣ. Табсират – ул – адилла фи усули дин [Матн] / Н. Абдулмуини. – Димишқ, 1990. – 137 с.

[11] Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафохат – ул – унс (бо забони форсӣ) [Матн] / Ҷ. Абдураҳмони. – Теҳрон, 1991. – 398 с.

[12] Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Масолик ва мамолик [Матн] / Тарҷумаи Эраҷ Афшор. И. И. , Абуисҳоқ. – Теҳрон 1368 ҳ. ш. – 325 с.

[13] Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ. Мақолот – ул – исломийин (ба забони арабӣ) [Матн] / А. И. Абилҳасан Алӣ. – Бейрут, 1990. – 417 с.

[14] Абу Абдуллоҳ Зайниддини Қосим ибни Қатлубиғо. Тоҷ – ул – тароҷим (ба забони арабӣ) [Матн] / Қ. Қ. Абуабдуллоҳ. – Дорул – қалам, 1992. – 247 с.

[15] Абу Абдуллоҳ ибни Закариёи Қазвинӣ. Осор – ул – билод ва ахбор – ул – ибод (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Ҷаҳонгир Мирзо [Матн] / Қ. З. Абдуллоҳ. – Теҳрон, 1373 ҳ. ш. – 512 с.

[16] Абуалӣ ибн Сино. Мантиқ – ул – машриқийн ва ал қасида ал муздавия фий ал – мантиқ (ба забони арабӣ) [Матн] / И. С. Абуалӣ. – Риёз, 1973. – 143 с.

[17] Абуалӣ ибн Сино. Илоҳиёт [Матн] / И. С. Абуалӣ. – Теҳрон, 1991. – 472 с.

[18] Абуалӣ ибн Сино. Рисолаи ишқ (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Зиёвуддини Дарӣ. [Матн] / И. С. Абуалӣ. – Теҳрон, 1939. – 175 с.

[19] Абуалӣ Мискуя. Таҳзиб – ул – ахлоқ [Матн] / М. Абуалӣ. – Кобул, 1955. – 173 с.

[20] Абубукри Ҳилол. Китоб – ал – суннат [Матн] / Ҳ. Абубакри. – Риёз, 1410 ҳ. ш. – 1989м, – 574 с.

[21] Абулқосим ибни Аҳмад. Ишкол – ул – олам (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Абдусалом Котиб ва Тасҳеҳи Фируз Мансурӣ [Матн] / К. Абдусалом, М. Фируз. – Машҳад, 1368 ҳ. ш. – 145 с.

[22] Абулюср Муҳаммади Баздавӣ. Усул – ул – дин. Тарҷумаи Шаҳобуддинов Саиднуриддин [Матн] / Б. М. Абдулюср. – Душанбе, 2015. – 200 с.

[23] Абумансур Бағдодӣ. Ал – Фарқу байна – л – фирақ (ба забони арабӣ) [Матн] / Б. Абумансур. – Табрез, 1333 ҳ. ш. – 348 с.

[24] Абумансури Мотуридӣ. Китобу – л – тавҳид [Матн] / М. Абумансур. – Бейрут, 1971. – 389 с.

[25] Авасто. Ҷилди 1. – Душанбе: “Бухоро”, 2014. -784с.

[26] Аверинцев С. С. Поэтика ранневизантийской литературы [Текст] / С. С. Аверинцев. – М. , 1977. – 320 с.

[27] Азизуддини Насафӣ. Кашф – ул – ҳақоиқ (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Маҳдави Домагании Аҳад [Матн] / Н. Азизуддини. – Теҳрон, 1965. – 586 с.

[28] Азизуддин Насафӣ. Китоб инсон-ал-комил-фи маърифат-ал-вофир. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи фаронсавии Мори Жан Моле. – Теҳрон, Нашр. Забон ва фарҳанги Эрон, 1403х. -608с.

[29] Айюб Алӣ Мотуридия. Таърихи фалсафа дар Ислом Ҷ. 1. [Матн] / М. А. Айюб. – Теҳрон, 1362 ҳ. ш. – 345 с.

[30] Алберт О. Сайри фалсафа дар Аврупо (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Али Асғара Ҳалабӣ [Матн] / О. Алберт. – Теҳрон, 1989. – 688 с.

[31] Алӣ Муҳаммад Салобӣ. Абӯбакри Сиддиқ (баррасӣ ва таҳлили зиндагонии халифаи аввал), (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Каёнӣ. Чопи аввал [Матн] / С. М. Алӣ. – Теҳрон, 1388 ҳ, ш. – 200 с.

[32] Алӣ Муҳаммад Салобӣ. Алии Муртазо (баррасӣ ва таҳлили зиндагонии халифаи чорум), (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Каёнӣ. Чопи аввал [Матн] / С. М. Алӣ. – Теҳрон, 1388 ҳ, ш. – 234 с.

[33] Алӣ Муҳаммад Салобӣ. Саҳеҳ – ут – тавсиқ ва Ҳаёт – ул – форуқ Умар ибни Хаттоб (баррасӣ ва таҳлили зиндагонии халифаи дуввум), (ба забони форсӣ). Чопи дуввум [Матн] / С. М. Алӣ. – Теҳрон, 2003. – 723 с.

[34] Алӣ Муҳаммад Салобӣ. Умари Форуқ (баррасӣ ва таҳлили зиндагии хулифаи дуюм) (ба забони форсӣ). Чопи аввал. Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Каёнӣ. [Матн] / С. М. Алӣ. – Теҳрон, 1388 ҳ, ш. – 280 с.

[35] Алӣ Муҳаммад Салобӣ. Усмони Зиннурайн (баррасӣ ва таҳлили зиндагии хулифаи дуюм) (ба забони форсӣ). Чопи аввал. Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Каёнӣ [Матн] / С. М. Алӣ. – Теҳрон, 1388 ҳ, ш. – 230 с.

[36] Алиакбари Деххудо. Фарҳанги Деххудо [Матн] / Д. Алиакбар. – Теҳрон, 1963. – 2391 с.

[37] Алии Тантовӣ. Абӯбакри Сиддиқ [Матн] / Т. Алӣ. – Ҷидда, 1986. – 167 с

[38] Алиакбар Сийоси. Фалсафаи мабони. – Теҳрон 1958. -547с.

[39] Амосов Н. М. Энқиклопедия Амосова. Раздумья о здоровье. – Москва “Наука”, 2005. -650с.

[40] Амирхон Ш. Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2022-368с.

[41] Амин Алоуддини Нақшбанд. Ҳақиқати тасаввуф [Матн] / Н. А. Амин. – Пешовар, 1992. – 338 с.

[42] Антология мировой философии в 4 т. – М. : “Мысль”, 1969. – Т. 1. Ч. 2, 579с.

[43] Анри Корбен. Таърихи фалсафа. [Матн] бо забони форсӣ. Интишороти ҳафтум. – Кавир, 2001. -513 с.

[44] Арасту. Ахлоқи Никомах (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Салоҳуддн Салҷуқӣ [Матн] / Арасту. – Кобул, 1951. – 330 с.

[45] Арасту. Илми ахлоқ. Нақлшуда аз Салоҳуддин Салҷуқӣ [Матн] / Арасту. – Кобул, 1953. – 430 с.

[46] Атоуллоҳ Суҳраварди Тадайюн. Шайхи Ишроқ - мадиҳасарои нур [Матн] / Т. С. Атоуллоҳ. – Теҳрон, 2009. – 328 с.

[47] Афлотун. Ҷумҳурият (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Ризо Ковиёнии Муҳаммад Ҳасани Лутфи [Матн] / Афлотун. – Теҳрон, 1969. – 568 с.

[48] Аҳмад ибни Абияъқуб. Ал – булдон (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ [Матн] / А. И. Аҳмад. – Теҳрон, 1342. – 123 с.

[49] Аҳмад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. Ал – исобат фий тамизи саҳоба (ба забони арабӣ). Ҷилди 1. [Матн] / А. Ҳ. Аҳмад. – Бейрут 1995. – 235 с.

[50] Аҳрорӣ, А. М. Камбизоати ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ). Монография [Матн] / А. М. Аҳрорӣ// – Душанбе: ДМТ, 2025. – 168 с.

[51] Аҳмади Фаводи Ахвонӣ. Сапедадами фалсафаи Юнон (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Мадади Абдулманон [Матн] / А. Ф. Аҳмадӣ. – Кобул, 1990. – 361 с.

[52] Аҳрамович Р. Т. Афғонистон баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ [Матн] / Р. Т. Аҳрамович. – Теҳрон, 1961. – 156 с.

[53] Аҳрамович Р. Т. Афғонистон дар солҳои 1961 – 1966 [Матн] / Р. Т. Аҳрамович. – Теҳрон, 1967. – 278 с.

[54] Бартольд В. В. , К истории арабских завоеваний в Средней Азии [Текст] / В. В. Бартольд. – М, 1964. – 245 с.

[55] Басири Аҳмад Давлатободӣ. Шиносномаи Афғонистон [Матн] / Д. А. Басир. – Теҳрон, 2003. – 612 с.

[56] Бахманйар ал – Азербайджани. Ат – тахсил (Познание). Т. 2. Перевод и комментарии А. В. Сагадеева [Текст] / А. Бахманйар. – Баку, 1986. – 340 с.

[57] Берлинский А. Л. Протагор // Античная философия: Энциклопедический словарь. — М. : Прогресс – Традиция, 2008. – 896 с. – С. 374

[58] Берлинский А. Л. Протагор Античная философия: Энциклопедический словарь [Текст] / Л. А. Берлинский. – Москва, 2008. – 896 с.

[59] Бертрана Рассела. Таърихи фалсафаи Ғарб (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Дарёбандари Наджафа [Матн] / Р. Бартрана. – Теҳрон, 1986. – 1138 с.

[60] Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Ғ. Бобоҷон. – Душанбе, 2008. – 638 с.

[61] Бобак Аҳмадӣ. Ҳақиқат ва зебоӣ [Матн] / Б. Аҳмади. – Теҳрон, 1995. – 597 с.

[62] Виктор Григоревич Коргун. Афганистан: Политика и политика [Текст] / В. Г. Коргун. – М. , – Москва, 1999. – 345 с.

[63] Виктор Григоревич Коргун. Интеллигенция в политической жизни Афганистана [Текст] / В. Г. Коргун. – Москва, 1983. – 300 с.

[64] Ғулом Ҳабиб Навобӣ. . Таърихи мухтасари Афғонистон (ба забони форсӣ). [Матн] / А. Ҳабиб. – Кобул, 1967. – 520 с.

[65] Ғулом Ҳабиб Навобӣ. Аллома Салҷуқӣ – нависандаи муқтадир ва олимақом (ба забони форсӣ). [Матн] / Н. Ҳабиб. – Файзобод, 1953. – 44 с.

[66] Даль, В. И. Толковый словарь живого великорусского языка: в 4 т. Т. 1 [Текст] / В. И. Далӣ. – М. : Русский язҷк, 1978. -699с.

[67] Дамаскин Иоанн. Три защитительных слова против порицающих иконы или изображения. С греч. перевел А. Бронзов. [Текст] / И. Дамаскин. – М: СПб. , 1893. – 320 с.

[68] Даниел Бетс Фард. Поллок. Инсоншиносии фарҳангӣ (ба забони форсӣ). Таррҷумаи Муҳсини Силосӣ [Матн] / Ф. Б. Даниел. – Теҳрон, 2003. – 832 с.

[69] Дьяконов И. М. История Мидии. От древнейших времен до конца IV в. до н. эры. [Текст] / И. М. Дьяконов. – Баку, 2012. – 168 с.

[70] Зоҳир Т. Афғонистон дар садаи ХХ (ба забони форсӣ) [Матн] / Т. Зоҳир. – Теҳрон, 1384 ҳ. – 422 с.

[71] Иброҳими Алипур. Доираи ҳастии фалсафаи исломӣ (ба забони форсӣ) [Матн] / А. Иброҳими. – Теҳрон, 2012. – 548 с.

[72] Идиев Х. У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х. У. Идиев. – Душанбе, 2013. – 326 с.

[73] Имануэл Кант. Нақди ақли амалӣ (ба забони форсӣ). Нақлшуда аз Иншоааллоҳ Раҳматӣ [Матн] / – Теҳрон, 2005. – 475 с.

[74] Имануэл Кант. Нақди қувваи Қазоват (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Абдукарими Рашидиёна [Матн] / К. Эмануэл. – Теҳрон, 2009. – 510 с.

[75] Исмоил ибни Умар ибни Касир. Ал – бидоят ван – ниҳоят (ба забони арабӣ) [Матн] / И. К. Исмоил. – Бейрут, 1990. – 465 с.

[76] История Афганистана. Под ред. Ганковского Ю. В. [Текст] / Ю. В. Ганковского. – Москва, 1982. – 245 с.

[77] История Афганистана XX век [Текст] /. – М. : ИВ РАН; 2004. – 529 с.

[78] К. Маркс, Ф. Энгельс. Сочинения. Т. 28. [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М. , 1962. – 346 с.

[79] Канонов А. Н. Опыт анализа термина турк. Советская этнография [Текст] / А. Н. Канонов. – Москва, 1949. – 146 с.

[80] Кляшторный С. Г. Древнетюркские рунические памятники как источник по истории Средней Азии [Текст] / С. Г. Кляшторный. – М. : «Наука», 1964. – 239 с.

[81] Кулузнар Карло. Девонсолорӣ дар аҳди Салҷуқӣ (ба забони форсӣ). Тарҷумаи Яъқуба Ожанда [Матн] / К. Кулузнар. – Теҳрон, 1984. – 172 с.

[82] Леонид Коган, Андрей Коротаев. Сайхадские языки (Эпиграфичес – кий южноарабский язык). Семитские языки [Текст] / К. Леонид, К. Андрей. – Лондон, 1997. – 390 с.

[83] Лукач, Д. История и классовое сознание [Текст] / Хвостизм и диалектика. Тезисы Блюма (фрагменты) / Д. Лукач. Перевод с немецкого языка, [комментарии, вступительная статья, указатели] С. П. Поцелуева. – Москва: Ун-т Дмитрия Пожарского, 2017. -601с.

[84] Махмадиева, Х. Дж. Уровень жизни населения (по материалам Согдийской области в 2009 году) [Текст] /Х. Дж. Махмадиева, С. Х. Хомидов// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2010. – №1. – С. 99-107.

[85] Малика Сатторзода. Салҷуқиён (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Малиҳа. – Теҳрон, 2005. – 225 с.

[86] Мансури Фаҳмӣ. Нақши Алома Салҷуқӣ дар таҳияи Донишномаи исломӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / Ф. Мансри. – Қоҳира, 1962. – 67 с

[87] Манучеҳри Сонӣ. Ҷойгоҳи инсон дар андешаи Кант (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Манучеҳри. – Теҳрон, 2005. – 160 с.

[88] Массон В. М. , Ромодин В. А. История Афганистана [Текст] / В. М. Массон, В. А. Ромодин. – Москва, 1965. – 243 с.

[89] Маҳдӣ Дурахшон. Бузургон ва сухансароёни Ҳамадон. Ҷ. 1. (ба забони форсӣ). [Матн] / Д. Маҳдӣ. – Теҳрон, 1374 ҳ. – 258 с.

[90] Маҳмуд абу Райя. Адво ало маёдин ал – фалсафа ва – л – илм ва – л – луғат ва – л – фан ва – л одоб (ба забони арабӣ). [Матн] / А. Маҳмуд. – Қоҳира, 1962. – 247 с.

[91] Маҳмуд Рӯҳуламинӣ. Мабонии инсон шиноси гирди чароғ (ба забони форсӣ). [Матн] / Р. Маҳмуд. – Теҳрон, – 284 с.

[92] Мир Ғулом Муҳаммад. Афѓонистон дар масири таърих (ба забони форсӣ). [Матн] / Ғ. М. Мир. – Тењрон: Инќилоби љумњурї, нашри 4, 1368 ҳ. – 810 с.

[93] Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ. Ғаззалиёт. Ҷ. 2. (ба забони форсӣ). [Матн] / Д. Б. Мирзо Абдуқодир. – Кобул, 1962. – 670 с.

[94] Моил Х. Мир Зоҳид Ҳиравӣ [Матн] / М. Моил. – Кобул, 1965. -№ 2-3. – 215 с.

[95] Мухаммедходжаев, А. Гносеология суфизма. – Душанбе, 1990. - 112с.

[96] Муртазо Мутаҳҳарӣ. Муқадимае бар ҷаҳонбинии исломӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / – Қум, 1996. – 731 с.

[97] Муҳаммад Илҳонӣ. Тарихи фалсафа дар Қуруни Вусто ва Ренесанс (ба забони форсӣ). [Матн] / И. Муҳаммад. – Теҳрон, 2003. – 599 с.

[98] Муҳаммад Осмон Сиддиқӣ. Саид Ҷамолиддин пешвои машриқзамин (ба забони форсӣ). [Матн] / О. С. Муҳаммад. – Кобул, 1976. – 236 с.

[99] Муҳаммад Сиддиқ. Афгонистон дар панљ асри охир (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Муҳаммад. – Кобул, 1367 њ. – 550 с.

[100] Муҳаммад Тақии Мисбоҳ Яздӣ. Фалсафаи ахлоқ (ба забони форсӣ). [Матн] / Т. М. Муҳаммад. – Теҳрон, 1991. – 204 с.

[101] Муҳаммад Тоқӣ Ҷаъфар. Тафсири нақд ва таҳлили Маснавии Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / Т. Ҷ. Муҳаммад. – Теҳрон, 1984. – 631 с.

[102] Муҳаммад Ҳусайни Вафо. Бурњони ќотеъ (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҳ. Муҳаммад. – Тењрон, 1341. – 1210 с.

[103] Муҳаммад Ҳусайни Вафо. Аллома Салоҳуддин Салҷуқӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҳ. В. Муҳаммад. – Кобул, 1987. – 65 с.

[104] Муҳаммад Ҳусайни Зарринкуб. Арзиши мероси суфия (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҳ. З. Муҳаммад. – Теҳрон, 1974. – 316 с.

[105] Муҳаммад Ҳусайни Зарринкуб. Ҷустуҷу дар тасаввуфи Эрон (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҳ. З. Муҳаммад. – Теҳрон, 2000. – 446 с.

[106] Муҳаммад Ҳусайни Табатабоӣ. Усули фалсафа ва равиши реализм (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҳ. Т. Муҳаммад. – Теҳрон, 1954. – 239 с.

[107] Муҳаммад Ҷавод Кабиркуми. Аз вижагиҳои фалсафа (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҷ. К. Муҳаммад. – Теҳрон, 1991. – 341 с.

[108] Муҳаммад Ҷовид Саббогиён. Худи ва таъолии он дар нигоҳи Иқбол (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҷ. С. Муҳаммад. – Кобул, 1974. – 226 с.

[109] Муҳаммад Шавкат Алтунӣ. Муҳаммад дар ширхорагӣ ва хурдсолӣ. Тарҷумаи Салоҳуддин Салҷуқӣ (ба забони форсӣ). [Матн] /. Ш. А. Муҳаммад. – Кобул, 1963. – 832 с.

[110] Муҳаммад Юсуфи Азрақ. Қонуни сақофатҳои исломӣ дар Афғонистон (ба забони форсӣ). [Матн] / Ю. А. Муҳаммад. – Кобул, 1991. – 86 с.

[111] Муҳиддини Арабӣ. Фусус – ул – ҳикам (ба забони форсӣ). [Матн] / А. Муҳиддини. – Теҳрон, 1930. – 924 с.

[112] Назаров Х. Н. Народные и просвитительско – антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX – начало XX веков) [Текст] / Х. Н. Назаров. – Душанбе, 1976. – 159 с.

[113] Насафї Азизаддин. Кашф ал – Њаќоиќ (ба забони форсӣ). [Матн] / А. Насафӣ. – Тењрон, 1965. – С. 48 – 49.

[114] Насафї Азизаддин. Кашф ул – Ҳақоиқ. (ба забони форсӣ). [Матн] / Теҳрон, 1965. – С. 31.

[115] Насири Фуқуҳӣ. Таърихи андеша ва назарияҳои инсоншиносӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / Ф. Носирӣ. – Теҳрон, 2002. – 474с.

[116] Олимов К. Мировоззрение Абдуллаха Ансари [Текст] / К. Олимов. – Душанбе, 1988. -132с.

[117] Оштиёнї С. Љ. Шарҳи муқаддимаи қайсарӣ дар ирфони Ислом. (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Љ. Оштиёнї. – Машњад 1385(1966). – 410 с.

[118] Панин С. Б. Росиия и Афганистан [Текст] / С. Б. Панин. – Иркутск, 1995. – 69 с.

[119] Парвиз Марзбон. Хулосаи таърихи ҳунар (ба забони форсӣ). [Матн] / М. Парвиз. – Теҳрон, 2004. – 396 с

[120] Саид Козими Рашти. Афғонистон дар қарни 19 (ба забони форсӣ). [Матн] / Қ. Р. Саид. – Кобул, 1948. – 402 с.

[121] Салоҳуддин Салҷуқӣ. “ Мақолот ва хутбаҳо” дар “Хутбаи узвият дар Маҷмаъ-ул-луғат-ал-арабия” – Теҳрон, 2002. -340с.

[122] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Адво ало маёдин ал фалсафа ва ал илм ва луғат вал фан вал адаб (ба забони арабӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Каир, 1962. – 238 с.

[123] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Афкори шоир (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1947. – 187 с.

[124] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Афсонаи фардо (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Пешовар, 1990. – 186 с.

[125] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Гушае аз пайғоми ту (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1963. – 190 с.

[126] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Муқаддимаи илми ахлоқ (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1952. – 241 с.

[127] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Нақди Бедил (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1964. – 567 с.

[128] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Нигоҳе ба зебоӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1963. – 240 с.

[129] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Номаҳо №2 (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кабул, 1971. – 100 с.

[130] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Оинаи таҷаллӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1965. – 186 с.

[131] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Тақвими инсон (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1973. – 360 с.

[132] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Тачаллии Худо дар офоқу анфус (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1965. – 378 с.

[133] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Ҷаббира (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1961. – 257 с.

[134] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Тазҳиб-ул-ахлоқ. (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Салоҳуддин. – Кобул, 1955. – 80 с.

[135] Стоицизм. Фрагменты трактатов [Текст] / Зенон. Наедине с собой / Марк Аврелий. Беседы / Эпиктет. – Москва: Эксмо, 2023. -384с

[136] Сухраварди, Ш. Иллюминативная философия [Текст] / Ш. Сухраварди. – Тегеран, 1331. – с. 10.

[137] Суҳраварди Шаҳобуддин. Мунис ал – ушшоқ (ба забони форсӣ). [Матн] / Ш. Суҳравардӣ. – Теҳрон, 1970. – 422 с.

[138] Таҳмос Азизи Осуда. Симои муосирон (ба забони форсӣ). [Матн] / А. О. Таҳмос. – Кобул, 1990. – 190 с.

[139] Теплинский Л. Б. История советско – афганских отношений [Текст] / Л. Б. Теплинский. – М: Иркутск, 1988. – 203 с.

[140] Теплинский Л. Б. СССР и Афганистан. 1919 – 1981 [Текст] / Л. Б. Теплинский. – Иркутск, 1982. – 147 с.

[141] Тримингэм Дж. С. Суфийские ордены в исламе. [Текст] / Дж. С. Тременгэм. – М. , 1989. – С. 385 с.

[142] Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). [Матн] / – Душанбе, 1969. Љ, 1. – 563 с.

[143] Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд, ҷилд 1, АИҶТ, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзоҳасани Султон [Матн] / Н. Сайфиддин, С. Аҳмадҷон, К. Саид. – Душанбе, 2008. – 289 с.

[144] Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ [Матн]// Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ / зери таҳрири Сайфиддин Назарзода [Матн] / Н. Сайфиддин. – Душанбе 2008. – 287 с.

[145] Франц, К. Символическая религия митраизма [Текст] / К. Франц. – Тегеран, 1380. – С. 51.

[146] Фридрик Коплстон. Тарихи фалсафа (ба забони форсӣ). [Матн] / К. Фридрик. – Теҳрон, 2003. Т. 7. – 492 с.

[147] Халилуллоҳ Халилӣ. Осори Ҳирот. Т. 3. (ба забони форсӣ). [Матн] / Х. Халилуллоҳ. – Ҳирот: Нашрияи «Фахрияи Салҷуқӣ», 1928. – 427 с.

[148] Холмуҳаммади Хаста. Суҳбати адабӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / Х. Холмуҳаммад. – Кобул, 1969. №10 – 11. – 185 с.

[149] Хусрави Фаршидвард. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ. Т. 1 – 2. (ба забони форсӣ). [Матн] / Ф. Хусрави. – Теҳрон, 1984. – 371 с.

[150] Хушвахтзода, К. Х. Анализ финансовой отчетности организации [Текст]: учеб. пособие / К. Х. Хушвахтзода, Н. С. Пласкова. – Душанбе: Дониш, 2025. – 196 с. к

[151] Хушвахтзода, К. Х. Инвестиционный анализ: учебное пособие / К. Х. Хушвахтзода, Н. С. Пласкова. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 180 с.

[152] Ҳасан Алӣ. Заминаҳои ирфонӣ дар тафаккури Иқбол (ба забони форсӣ). [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон. – 192 с.

[153] Ҳасан Муаллимӣ. Мабонии ахлоқ дар фалсафаи Ғарб ва фалсафаи Ислом (ба забони форсӣ). [Матн] / Ҳ. Муаллими. – Теҳрон, 2001. – 286 с.

[154] Ҳумайро Маликёри Салҷуқӣ. Гулбаргҳо. Маҷмуаи ашъор. (ба забони форсӣ). [Матн] / М. Ҳумайро. – Кобул, 1345. – 238 с.

[155] Ҳусайн Сиддиқӣ. Зебоишиносӣ ва ҳунар аз дидгоҳи Абуҳаёни Тавҳидӣ. Тарҷумаи Ғуломризо Тихомӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Ҳусайн. – Теҳрон, 2004. – 259 с.

[156] Ҳусайни Вафо. Аллома Салоҳуддин Салҷуқӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / В. Ҳусайни. – Кобул, 1987. – 55 с.

[157] Ҳофизи Шерозӣ. Девон. – Душанбе: Адиб, 2015. – 560 с.

[158] Ҳусайни Тоҳо. Фи – л – адаб – ал – ҷаҳилии (ба забони арабӣ). [Матн] / Т. Ҳусайни. – Қоҳира, 1963. – 224 с.

[159] Ҷамолиддин Салибо. Фарҳанги фалсафӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Ҷамолиддин. – Теҳрон, 2006. – 708 с.

[160] Ҷамолиддини Муҳаммад Балхӣ. Маснавии маънавӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / М. Ҷамолиддини. – Теҳрон, 1931. – 316 с.

[161] Ҷаъфари Субҳонӣ. Андешаи исломӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / С. Ҷаъфарӣ. – Теҳрон, 2012. – 138 с.

[162] Ҷон Хосперс. Фалсафаи Ҳунар ва зебоишиносӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / Х. Ҷон. – Теҳрон, 2006. – 144 с.

[163] Шамолов А. А. Каломи Моваройуннаҳр (ба забони форсӣ). [Матн] / А. А. Шамолов. – Душанбе. «Дониш» 2013. – 215 с.

[164] Шариатӣ Алӣ. Ҷаҳонбинӣ ва идеология (ба забони форсӣ). [Матн] / А. Шариатӣ. – Теҳрон, 1995. – 399 с.

[165] Шариф Мир Муҳаммади Шариф. Тарихи фалсафа дар Ислом (ба забони форсӣ). [Матн] / М. М. Шариф. – Теҳрон, 1983. – 825 с.

[166] Шер Муҳаммади Насирӣ. Аллома Салҷуқӣ донишманди бузург. № 13. (ба забони форсӣ). [Матн] / Н. Шераҳмади. – Кобул, 1970. – 217 с.

[167] Шокир Ғулом Умар. Салҷуқӣ файласуф ва наққоди фалсафӣ (ба забони форсӣ) [Матн] / Ш. Ғулом Умар. Кобул, 1972. -289с.

[168] Эрнест Касиррер. Фалсафаи рушангарӣ (ба забони форсӣ). [Матн] / К. Эрнест. – Теҳрон, 1991. – 543 с.

[169] Эрнест Кассирер. Рисолае дар боби инсон (ба забони форсӣ). [Матн] / К. Эрнест. – Теҳрон, 1994. – 227 с.

II. Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои илмӣ

[170] Қаҳҳоров, Ғ. Қ. Назария ва методологияи ҷомеаи шаҳрвандӣ / Дар китоби “ Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, омилҳои рушд ва дурнамо”. Монография [Матн] / Ғ. Қ. Қаҳҳоров / Зери таҳрири профессор Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: “Нашри Мубориз”, 2003. -380с. – С. 30-54.

[171] Баҳромбеков, В. А. Таҳлилу баррасии назарияҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таърифҳои илмӣ-сотсиолонӣ [Матн] / В. А. Баҳромбеков / Дар китоби “Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, омилҳои рушд ва дурнамо”. Монография / Зери таҳрири профессор Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: “Нашри Мубориз”, 2003. -380. -С. 54-59.

[172] Салоҳуддин Салҷуқӣ. Мақола. “Хабира” № 6. – Кобул, 1961. -124с.

[173] Саодатмулуки Тобиш. Зебоӣ аз назари Салҷуқӣ // Маҷмуаи мақолот ба унвони Аллома Салҷуқӣ андешаманди фардо (ба забони форсӣ). [Матн] / Т. Саодатмулуки. – Ҳирот, 2007. – 139 с.

[174] Хушвахтзода Қ. Х. , Асламшоев Х. Д. , Мадвалиев У. , Кудусов М. Перспективы и технико-экономическая оценка внедрения солнечной фотоэлектрической генерации (200 мвт) в энергосистему Согдийской области Республики Таджикистан// Журнал: Доклады Национальной Таджикистана, Том: 67, №11-12, Душанбе-2024, С. 558-568 академии наук.

[175] Хушвахтзода, К. Х. Проблема экономического патриотизма в аспекте изучения инфраструктуры села в России и республике Таджикистан [Текст] / К. Х. Хушвахтзода, Л. В. Оринина, Г. Б. Мухаметов // Проблемы современного педагогического образования. – 2022. – № 74 4. – С. 246-249.

[176] Хушвахтзода Қ. Ҳ. , Абдурвҳмонова М. З. Некоторые вопросы необходимости повышения качества профессионального образования в условиях цифровизации учёта // Качество профессионального образования: традиции и перспективы: материалы межрегиональной научно-практической конференции. -2022. – С. 211-216.

III. Диссертатсия ва авторефератҳо

[177] Зиаи, С. А. Влияние древнеиндийской мҷсли на иранский суфизм [Текст] / С, А. Зиаи/ Дис. . . канд. филос. наук. – Душанбе, 2014. -162с.

[178] Зиаи, С. А. Влияние древнеиндийской мҷсли на иранский суфизм [Текст] / С, А. Зиаи/ Дис. . . канд. филос. наук. – Душанбе, 2014. -24с.

[179] Лурье П. Б. Историко – лингвистический анализ согдийской топонимики. Дисс. . . . канд. фил. наук [Текст] // П. Б. Лурье. – М: СПб, 2004. – 168 с

[180] Муҳаммадҷони Т. Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII автореф. дисс. . . . док. фалсафа PhD. – Душанбе, 2020. -52с. – С. 3

[181] Обида Бежан Салҷуқӣ. Таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣї дар бораи инсон // Дисс. . . . н. и. ф. [Матн] / Б. С. Обида. – Душанбе, 2016. – 157 с.

[182] Хазаи, З. Х. Критичекое отношение к теории деспотизма в эпоху Сасанидов [Текст] / З. Х. Хазаи / Автореф. Дис. . . . канд. наук. – Душанбе, 2014. -27с.

[183] Хазраткулов, М. Философия ишрак (озарения): истоки, проблемы, тенденции развития [Текст] / М. Хазраткулов / Автореф. Дис. . . . д-ра филос. наук. – Ташкент, 1991. -42с.

IV. Адабиёти хориҷӣ:

[184] Фикрат Абдулбашир. Таърихчаи навандешї дар Афѓонистони ќарни XIV њ. Фаслномаи «Наќди динї», 2020. Нусхаи электронї: https: //www. naqdedini. org/140206 – 6/ (Санаи мурољиат: 21 марти соли 2024

[185] Attar Faridu'ddin. The Tathkirath 'L – Awliya (Memoirs of the Saints. Ed. in the Original Persian, with Preface, Indices and Variants by Nicholson). – London, Leiden, 1905. – С. 142 – 143.

[186] Gombrich E. H. Ideals and Idols. Essays on Values in History and in Art. – Oxford, 1979. – С. 137.

[187] Little G. T. Al – Insan al – Kamil: The Perfect Man. – The Muslim World. Vol. 77, N91. 1987. – C. 46.

[188] Nasir – e Khosraw. Kitab – e Jami'al – Hikmatain. Le livre reunissant des deux sagesses ou Harmonic de la philosophic Grecque et de la theosophie ismaielienne. Texte persan edite avec une double etude preliminaire en francais et en persan par H. Corbin et M. Moin. Teheran – Paris, 1953. – C. 88.

[189] Nasr S. H. Introduction to Islamic Cosmological Doctrines: Conceptions of Nature and Methods Used for its Study by Ikhwan al – Safa, al – Beruni and Ibn Sina, 2nd ed. – Cambridge, 1978. – C. 194.

[190] Nurbakhsh J. Sufi Symbolism. The Nurbakhsh Encyclopedia of Sufi Terminology (Farhang – e Nurbakhsh). V. ML. – London – New York, 1987. – C. 181 – 182.

[191] Ormiston G. L. Hermeneutic: Aquestion of Understanding sign Iteration, et caetera? – Ars semeiotica. International Journal of American Semiotic. Vol. 111. 1980, N 2. – C. 146 – 147.

[192] RicoueurP. Tht Conflict of Interpretations. – Evanston, 1974. – C. 10.

[193] Schuon F. Islam and Perrenial Philosophy. – London, 1976. – C. 157 – 158.

[194] Schuon F. Sentiers de gnose. – Paris, 1956. – C. 119.

[195] Schuon F. The Transcenden Unity of Religions. New York, 1953. – C. 85

РЎЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РЎЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳои илмие, ки дар мачаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Каримова С.Р. Ҳаёту фаъолият ва асарҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №4. – С.142-145.

[2-М] Каримова С.Р. Андешаҳои инсоншиносии Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С.163-167.

[3-М] Каримова С.Р. Мақоми иҷтимоии ахлоқии инсон аз назари Салоҳуддин Салҷуқӣ // С.Р., Каримова // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – №4. – С.134-139.

[4-М] Шамсов М.С., Каримова С.Р. Назарияи маърифат дар осори Салоҳуддин Салҷуқӣ // М.С., Шамсов, С.Р., Каримова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2024. – №8. – С.94-99.

Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо нашр шудаанд:

[5-М] Каримова С.Р. Афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ дар бораи сулҳу ваҳдат [Матн] / Каримова С.Р. // Нақши истиқлолияти давлатӣ дар рушди сиёсати иҷтимоӣ: маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 27-уми сентябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С.185-175.

[6-М] Каримова С.Р. Ташаккули ҳуввияти миллӣ аз нигоҳи Салоҳуддини Салҷуқӣ [Матн] / Каримова С.Р. // Нақши худшиносии миллӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ: маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 21-уми июни соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 122-128.